ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 891.550-1+070.1

**ЮСУФӢ ИФТИХОР АБУБАКРЗОДА**

# БУНЁДИ ИНШООТҲОИ АЗИМ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ШЕРАЛӢ МӮСО

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор

аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ

(6D050401 – Рӯзноманигорӣ)

Роҳбари илмӣ: доктори илми филологӣ,

профессор Муродӣ Мурод Бердӣ

ДУШАНБЕ – 2026

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА..........................................................................................3-13**

**БОБИ 1. ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ШЕРАЛӢ МӮСО ДАР КОНТЕКСТ И ҲАЁТИ СИЁСИВУ ИҶТИМОИИ ЗАМОН**.................14-58

1.1. Таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва адабии замон дар ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо.................................................................14-30

1.2. Таснифи самтҳои асосии фаъолияти эҷодии адиб................................30-58

**БОБИ 2. ХУСУСИЯТИ МУНДАРИҶАВИИ ОСОРИ ПУБЛИТСИСТИИ ШЕРАЛӢ МӮСО ДОИР БА СОХТМОНҲОИ АЗИМ.........................59-108**

2.1. Масъалаи бунёди роҳу нақбҳо...........................................................59-83

2.2. Мавзуи сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ............................................83-108

**БОБИ 3. ТАНОСУБИ ВОҚЕИЯТ ВА БАДЕИЯТ ДАР АСАРҲОИ ШЕРАЛӢ МӮСО..........................................................................109-156**

3.1. Ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии адиб.....................................109-132

3.2. Аносири ҳунарӣ ва жанрӣ дар тасвири раванди бунёдкориҳо.............................................................................................132-156

**ХУЛОСА..................................................................................157-160**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ....................................................................................160-162**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА....................................163-175**

**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ ..............................................176-178**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Публитсистика ҳамчун навъи адабиёт охирҳои асри XVIII ва аввалҳои XIX ташаккул ёфта бошад ҳам, доир ба хусусият ва мансубияти он ба навъи эҷод андешаҳо мухталифанд. Публитсистика ҳамқадами замон буда, авзои вақти муайянро бозгу мекунад ва ба афкори омма таъсир мерасонад. Ин таъсиррасонӣ тавассути осори гуногун сурат мегирад. Дар ин самт публитсистикаи бадеӣ таъсири бештар дорад, зеро дар чунин осор имконоти муассиргардони сухану андеша барои муаллиф зиёдтар аст.

Ҳарчанд публитсистикаи тоҷик дар ҳар давру замон ҷанбаи пурқуввати таъсиррасонӣ доштааст, аммо ин ҷиҳат дар замони соҳибистиқлолии кишвар вусъати тоза пайдо кардааст. Бо дигар шудани сохти иҷтимоӣ, аз байн рафтани руҳияи тарғиботиву ташвиқотии шуравӣ, раванди демократикунонии ҷомеа таъиноти публитсистика нисбатан тағйир ёфт, доираи имконоти мавзуиву жанриаш васеъ гардид, руҳияи ваҳдатофарӣ ва бунёдкорӣ дар он боло рафт. Ваҷҳи чунин ҳолат пайдо кардани публитсистикаи тоҷик ба чанд омил алоқаманд аст, ки раванди сулҳҷӯйӣ, тантанаи ваҳдатофарӣ, руҳияи ободкорӣ, андешаи созандагӣ аз ҷумлаи онҳост.

Дар инъикос ва таҷассуми ин раванд, хосса таъмиру азнавсозии роҳҳои нақлиётӣ, кандани нақбҳо, сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ аксари эҷодкорон таваҷҷуҳ намуда, дар қолаби жанрҳои публитсистиву бадеӣ асарҳо офаридаанд. Дар ин ҷода адибони публитсист Бахтиёри Муртазо, Раҷабалӣ Аҳмад, Ҷамолиддин Тошматов, Ҳанифаи Муҳаммадохир, Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ, Шералӣ Мӯсо ва дигарон мавқеи хосса доранд. Аз ин миён

Шералӣ Мӯсо дар офаридани асарҳои марбут ба раванди бунёдкориҳои кишвар сермаҳсултар аст.

Шералӣ Мӯсо дар фазои адабиву публитсистии тоҷик аз эҷодкороне маҳсуб меёбад, ки ба сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати кишвар ташаббусҳои созандагии Сарвари давлат, ҷараёни сохтмонҳо, кору пайкори мардони шуҷоъ ва амсоли ин эътибори ҷиддӣ дода, саривақт асарҳои публитсистӣ таълиф намудааст. Асарҳои ӯ дорои вижагиҳои хос буда, аз диди мушоҳидакорӣ, тафаккури интиқодӣ ва ҳунари нигорандагиаш дарак медиҳанд. Бахусус асарҳои доир ба раванди бунёдкориҳои замони соҳибистиқлолии кишвар аз эҳсосоти шаҳрвандиву инсонӣ, руҳияи баланди ватандӯстиву меҳнатқаринӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва талқини созандагӣ саршор мебошанд.

Ба ин мазмун, интихоби мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои таҳқиқ аз чанд ҷиҳат муҳим ва аҳамиятнок аст. Аввалан, Шералӣ Мӯсо дар фазои адабиву публитсистии тоҷик ҳамчун нависандаи воқеиятнигор машҳур аст. Баъдан, ӯ аз аввалин адибонест, ки ба мавзуи бунёди иншоотҳои азим таваҷҷуҳ намуда, раванди созандагиҳои кишварро пайваста ба мушоҳида гирифтааст. Дуввум, асарҳои ӯ як навъ ифодагари раванди татбиқи сиёсати Ҳукумати кишвар дар самти сулҳу ваҳдатофарӣ, раҳоӣ аз бандубасти коммуникатсионӣ ва таъмини энергетикии кишвар мебошанд. Ниҳоятан, маҳсули эҷоди Ш. Мӯсо аз нигоҳи мавзуву мундариҷа ва шаклу услуб рангоранг буда, дар баъзе маврид сабки хоси муаллиф бартарӣ пайдо мекунад.

Ин ва мисли ин ҷиҳатҳо зарурат ва аҳаммияти таҳқиқи ин мавзуъро асоснок мегардонад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Таҳқиқи осори адабиву публитсистии Шералӣ Мӯсо то имрӯз ба таври монографӣ мавриди омузиши илмӣ қарор нагирифта бошад ҳам, таваҷҷуҳ ба осори ӯ аз нимаи дуюми солҳои 1980-уми асри XX дар шакли пажуҳиши ҷудогона шуруъ гардидааст.

Таҳқиқоти доир ба рӯзгор ва эҷодиёти Шералӣ Мӯсо баанҷомрасидаро метавон ба чор гурӯҳ ҷудо кард:

а) сарсухан ва пешгуфтор ба китобҳо;

б) тақризҳо ба осори бадеию публитсистӣ;

в) мақолаҳои илмию оммавӣ дар матбуоти даврӣ;

г) мусоҳибаву суҳбатҳое ки бо Шералӣ Мӯсо доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодиаш дар матбуоти даврӣ ва маҷмуаҳои алоҳида ба табъ расидаанд.

**Ба гурӯҳи аввал** сарсухани адибону муҳаққиқон ба асарҳои ҷудогонаи Ш. Мӯсо, аз ҷумла Ато Ҳамдам [45, с. 3-4], Ҷонибек Акобир [72, с. 3-4], Абдулҳамид Самад [36, с. 5-6], Наҷмиддин Салоҳиддинзода [28, с. 3-6], Шамсиддин Солеҳов [37, с. 3-6], Мурод Муродиро [21, с. 3-11] метавон дохил намуд.

Ҳарчанд дар ин сарсуханҳо мазмуну муҳтавои асарҳои алоҳида баррасӣ шудаанд, аммо муаллифон ҷо-ҷо ба шахсияти эҷодкор ва маҳорати нигорандагии Ш. Мӯсо ишораҳо кардаанд. Сарсухан ба китобҳои Ш. Мӯсоро аз нигоҳи муносибати муаллифон ба ду даста метавон ҷудо кард. Якум, сарсуханҳое, ки дар онҳо шахсияти эҷодӣ ва муҳтавои асар тавсиф шудааст. Дуюм, сарсуханҳои дорои ҷанбаи илмӣ, ки муаллифон барои ошкор намудани вижагии асарҳо ва аҳаммияти онҳо кӯшиш намуда, ҳусну қубҳи асарҳои мавриди баррасиро муайян кардаанд. Чунончи, Ш. Солеҳов асари «Ҷасорат» [37]-ро аз дидгоҳи бадеӣ таҳлилу баррасӣ намуда бошад, М. Муродӣ дар сарсухан ба «Мардистон» [21] ба эҷодиёти адиб аз нигоҳи хронологӣ муносибат намуда, аввал асарҳои адибро раддабандӣ карда, баъдан асари мавриди назарашро баррасӣ ва вижагиҳояшро муайян намудааст.

**Ба гурӯҳи дуввум** метавон тақризҳои Маҷид Салим «Нависандагӣ дард аст» (Адабиёт ва санъат. – 2004. – 26 март), Парда Ҳабиб «Сузҳои рӯз» (Адабиёт ва санъат. – 2004. – 30 июл), Равшани Ёрмуҳаммад «Дурбин»-и

Шералӣ Мӯсо» (Озодагон. – 2011. – 27 апрел), «Гардишҳои зиндагӣ» (Бочу хироч. – 2014. – 9 октябр), Абдурауф Муродӣ «Сухан аз обшори нур» (Адабиёт ва санъат. – 2011. – 19 май), Бахтиёри Муртазо «Ахтарони тобноки нур» (Чархи гардун. – 2011. – 25 май), Мурод Муродӣ «Илҳом аз бунёдкориҳо» (Адабиёт ва санъат. – 2014. – 6 ноябр), «Солномаи пирӯзиҳо» (Адабиёт ва санъат. – 2016. – 28 июл), «Мардистон»-и мардсито» (Адабиёт ва санъат. – 2021. – 2 сентябр), Абдулқодири Раҳим «Президенти мо» (Ҷумҳурият. – 2015. – 22 апрел), «Ҷасорат» (Боҷу хироҷ. – 2016. – 5 июл), Исматулло Ибодзода «Оҳанги зиндагӣ» (Боҷу хироҷ. – 2016. – 5 июл), Сайфулло Ниёзӣ «Ҷасорати эҷодӣ» (Боҷу хироҷ. – 2016. – 5 июл), Тиллои Неккадам «Ба «Ҷасорат»-и Шералӣ Мӯсо қоилем» (Садои мардум. – 2016. – 9 август)-ро, ки ба осори бадеию публитсистии адиб бахшида шудаанд, дохил намуд. Муқарризон ба ду ҷанбаи асарҳо – публитсистӣ ва бадеӣ эътибор доданд.

Дар аксари ин тақризҳо диққати асосӣ ба мавзуи асар равона шуда, диди бадеӣ ғолибтар аст. Аксари муқарризон кӯшидаанд, ки ҳусну қубҳи осор, ҳунар ва тавонмандии нигорандагӣ, дараҷаи корбурди воситаҳои тасвири сухан ва амсоли инро муайян намуда, ба асарҳо баҳо диҳанд.

Зимни пажуҳиши мавзуъ нигоштаи танқидии рӯзноманигор Азимҷон Бадалов «Мафия дар адабиёт ё Қонун барои асардуздӣ чӣ ҷазо муқаррар намудааст?» (ИмрӯзNews. – 2015. – 10-16 июн) ба мушоҳида расид, ки дар он адиб Саттор Турсун ва публитсист Шералӣ Мӯсо беасос ба асардуздӣ айбдор мешаванд. Таҳлилу қиёси нодурусти асари Саттор Турсун ба Окутагава ва осори Шералӣ Мӯсо ба Ҷамолиддин Тошматов моҳиятан хонандаро ба иштибоҳ мебарад. Ин матлаб аз нигоҳи жанрӣ ба тақриз монанд бошад ҳам, таҳлилҳои муаллиф нисбатан эҳсосӣ сурат гирифта, далоиле, ки исботи гуфтаҳо бошанд, мушаххасан ба назар намерасад.

**Ба гурӯҳи сеюм** мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии А. Саъдуллоев «Ҷабҳаи ҳикмати созанда» (Садои Шарқ. – 2010. – №7. – С. 146-153.) ва

«Инсон бо талош зинда аст» (Адабиёт ва санъат. – 2011. – 9 июн), Ш. Солеҳ «Адиби ҷуянда» (Адабиёт ва санъат. – 2011 – 17-25 март), М. Рустамзода «Ҳидоят ба зиндагии уқобона» (Ҷавонони Тоҷикистон. – 2011. – 21 апрел), А. Гулов «Шинохти имон» (Боҷу хироҷ. – 2011. – 18 май), Р. Сайдалиев «Ошёни уқобон» – беҳтарин туҳфа барои сохтмончиён» (Ҷавонони Тоҷикистон. – 2011. – 26 май), Ҳикмат Розиқ «Адиби роҳсози фахрӣ» (Нақлиёт. – 2014. – 12 сентябр), «Заҳматкаши ҷодаи сухан» (Шаҳриёр. – 2021. – 12 ноябр), А. Сайфуллоев, М. Сайфуллоева «Ҳунари қиссапардозии Шералӣ Мӯсо» (Боҷу хироҷ. – 2015. – 16-23 июл), П. Ҳабиб «Туғёни ишқ ва нанг» (Адабиёт ва санъат. – 2020. – 2 июл), Ш. Раҳмонов «Нависандаи ҳақиқатнигор» (Адабиёт ва санъат. – 2021. – 18 март), А. Самад «Равшандил» (Адабиёт ва санъат. – 2021. – 18 март), К. Мирзо «Зиндагии баҳорона» (Адабиёт ва санъат. – 2021. – 8 апрел), Н. Охунзода «Тасвири нақши таърихии Пешвои миллат дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» (Паёмномаи фарҳанг. –2022. – №1 (57). – с. 98-107), С. Шарипов «Инъикос ва арзёбии раванди корҳои созандагӣ ва қаҳрамонҳои арсаи меҳнат дар «Достони Роғун»-и Шералӣ Мӯсо» (Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад: маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2022. – С. 242-249) ва «Бозтоби таҳаввури Эмомалӣ Раҳмон дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо (Дар мисоли қиссаи ҳуҷҷатии «Ҷасорат»)» (Публитсистика ва баъзе масъалаҳои он: маҷмуаи мақолаҳои конфренсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2023.– С. 66-76)-ро, ки дар матбуоти даврӣ ва маҷмуаҳои гуногун чоп шудаанд, дохил мешавад.

Ин мақолаҳо бо вуҷуди паҳлуҳои гуногун ва асарҳои ҷудогонаи Ш. Мӯсоро фаро гирифтан, ба ҳам шабоҳат доранд. Ин шабеҳиро, пеш аз ҳама, муносибати муаллифон ба асарҳои адиби публитсист, ки аксар ба нақли мазмуну муҳтаво гаравидаанд, муайян мекунад.

**Ба гурӯҳи чорум** мусоҳибаҳо дар матбуоти даврӣ, аз ҷумла Эмоми Назариён «Асои Худо садо надорад» (Ҷавонони Тоҷикистон. – 2006. – 17

март), Убайдуллоҳи Ширин «Занам маро эрка кардааст» (Оила. – 2006. – 23 март), Анзурати Маликзод «Неше, ки нӯш медиҳад» (Адабиёт ва санъат. – 2006. – 30 март), Бузургмеҳри Ҳаким «Таърихи миллат сиёҳнавис надорад» (Садои Шарқ. – 2021 – №3. – С. 70-85), Парда Ҳабиб «Шералӣ Мӯсо: Адабиёт рамзи истиқлол аст» (Адабиёт ва санъат. – 2023. – 7 сентябр)-ро дохил намудан мумкин аст.

Аксари ин мусоҳибаҳо, ки дар матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд, хислати муаррифиро касб намуда, дар онҳо рӯзгори Шералӣ Мӯсо ҳамчун ходими давлатӣ ва афкори ӯ ҳамчун эҷодкор манзур гардидааст.

Ҳамин тавр, ин таҳқиқот бо вуҷуди мазмунҳои такрор, таҳлилҳои мушобеҳ ва мавқеъгириҳои ҳамгун аз аҳамияти илмиву маърифатӣ орӣ набуда, дар онҳо ин ё он паҳлуи рӯзгору фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсо баррасӣ шудааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар заминаи барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дурнамои он иҷро шуда, дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи мазкур қарор дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади таҳқиқ аз баррасии бозтоби бунёди иншоотҳои азими аср дар осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсо иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Бо мақсади омузиши ҳаматарафаи мавзуъ вазифаҳои зерин ба миён гузошта шуданд:

- омузиш ва таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсо дар контексти ҳаёти сиёсиву иҷтимоии замон;
- баррасии таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва адабии замон дар ташаккули шахсияти эҷодии Ш. Мӯсо;

– таснифи самтҳои фаъолияти эҷодии адиб ва мушаххас намудани вижагиҳои онҳо;
– муайян кардани дараҷаи инъикос ва тасвири масъалаҳои бунёди сохтмонҳои азим дар публитсистикаи Ш. Мӯсо;
– таҳлили мундариҷавии осори публитсистии марбут ба сохтмонҳои азим;
– муайян кардани таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои ҷудогонаи адиби публитсист;
– таҳлил ва арзёбии ҷанбаҳои публитсистии осори бадеӣ ва аносири ҳунариву жанрӣ дар асарҳои ҷудогона;
– муайян кардани истифодаи воситаҳои тасвири сухан дар осори публитсистии марбут ба мавзуъ.

**Объекти таҳқиқ**. Объекти таҳқиқи диссертатсияро асарҳои Шералӣ Мӯсо доир ба бунёди сохтмонҳои азим ва чеҳраи инсони кору пайкор ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқ.** Предмети таҳқиқи диссертатсия муайян кардани бозтоби бунёди иншоотҳои азим дар асарҳои Ш. Мӯсо бо назардошти махсусияти мавзуию мундариҷавӣ ва вижагиҳои жанрӣ мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Дар диссертатсия аз дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи публитсистикашиносону муҳаққиқони соҳоти адабиётшиносиву рӯзноманигории ватанию хориҷӣ вобаста ба мавзуъ истифода шудааст. Ба сифати асосҳои назарии таҳқиқ корҳои илмии олимони ватанӣ А. Маниёзов [86], И. Усмонов [113; 114], А. Нуралиев [99], А. Саъдуллоев [107; 108; 109; 110], Р. Мусулмониён [96], Х. Мирзозода [88], С. Табаров [111], М. Муродӣ [89; 90; 91; 92; 94], А. Азимов [74], М. Абдуллозода [73], М. Ҷумъаев [118], С. Гулов [79] ва донишмандони хориҷӣ А. Василева [77], В. Ворошилов [78], Г. Ломидзе [85], Е. Прохоров [102; 103], А. Тертичний [112], В. Ученова [115], М. Черапахов [117] ва дигарон истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар пажуҳиш аз усулҳои анъанавии таҳқиқоти публитсистика, адабиётшиносӣ ва накди адабӣ, аз ҷумла, муқоисавӣ-таърихӣ, хронологӣ, таҳлили анъанавӣ, сифативу микдорӣ, истифода гардидааст. Бахусус, дар муайян намудани вижагиҳои осори публитсистии марбут ба сохтмонҳои азими Ш. Мӯсо аз адибони публитсисти дигар аз усули муқоисавӣ истифода шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, осори марбут ба сохтмонҳои азими Шералӣ Мӯсо, нигоштаҳои дар матбуоти даврӣ, хосса рӯзномаву маҷаллаҳо нашршуда мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навгонии кор дар он аст, ки бори аввал публитсистикаи марбут ба сохтмонҳои азими даврони бозсозӣ ва соҳибистиқлоли кишвар дар мисоли эҷодиёти Шералӣ Мӯсо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин замина ташаккули шахсияти эҷодӣ, самтҳои фаъолият, махсусияти мавзуию мундариҷавӣ ва жанрии осори марбут ба сохтмонҳои азими аср таҳқиқ гардидааст. Мавзуи кори диссертатсионӣ бо дарназардошти вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангиву адабии замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ таҳқиқ шудааст, ки дар публитситсикашиносии тоҷик хулосабарориҳои нисбатан навро доро мебошад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– дар ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо муҳити оила, мактаб, деҳа, донишгоҳ, корхонаҳои саноатӣ ва идораҳои нашрияҳои даврӣ таъсир гузоштааст;

– фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо аз айёми донишҷӯйӣ бо навиштани хабару мақолаҳои хурд шуруъ гардида, замони кор дар истеҳсолот бо таълифи асарҳои алоҳидаи публитсистиву адабӣ шакл гирифтааст;

– ҳамкорӣ бо матбуоти даврӣ, аз қабили «Коммуна», «Вечерний Душанбе», «Комсомоли Тоҷикистон», «Паёми Душанбе», «Садои Шарқ» Ш. Мӯсоро ба сифати мухбири фаъол ва муаллифи доимӣ муаррифӣ намудааст;

– доираи фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсо васеъ буда, самтҳои рӯзноманигорӣ, публитсистӣ, ҳаҷвнигорӣ ва нависандагиро фаро мегирад, ки ба ҳамдигар ҳамоҳанганд;

– таваҷҷуҳи Ш. Мӯсо ба бунёди сохтмонҳои азим дар солҳои 80-уми садаи XX оғоз гардида, дар замони соҳибистиқлолии кишвар вусъат пайдо кардааст. Бунёди роҳу нақб ва сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар публитсистикаи Ш. Мӯсо мақоми меҳварӣ дорад;

– манбаи омузиш ва таълифи асарҳои Ш. Мӯсоро суҳбату мулоқот бо қаҳрамонон, сафар ба корзори иншоотҳои азим, мушоҳидаҳои бевоситаи саҳнаҳои корзори меҳнат, маводди воситаҳои ахбори омма, хосса матбуоти даврӣ ва амсоли ин ташкил медиҳанд;

– дар бархе осори фарогири бунёди иншоотҳои азими аср корномаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасвиру тавсиф мегардад;

– аксар асарҳои марбут ба раванди бунёдкориҳои Шералӣ Мӯсо дар қолиби ду жанри публитсистикаи бадеӣ очерк ва лавҳа иншо шудаанд. Ҳамзамон дар дигар асарҳои публитсист низ махсусияти жанрии очерку лавҳа дар омехтагӣ ба назар мерасад;

– корбурди воситаҳои муассирсози сухан аз қабили, ташбеҳ, муболиға, тасвир, тавсиф, киноя, руҷуъ, монолог ва диалоги публитсистӣ, порчаҳои назмиву насрӣ, жанрҳои паремиологӣ ва амсоли ин дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо ҷойгоҳи махсус дорад. Ин усул дар асарҳои адиб барои пуртаъсир гардидани баёну тасвири раванди корҳои бунёдкорӣ ва корномаи коргарон ёрӣ расонидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ**. Масъалаҳое, ки дар таҳқиқ аз ҷиҳати назарӣ мавриди омузиш қарор дода шудаанд, баёнгари бунёди сохтмонҳои азим дар публитсистикаи шуравӣ ва муосири тоҷик дар давраи тағйироти куллӣ дар ҷомеа, махсусияти мавзуию мундариҷавӣ ва жанрии осори марбут ба сохтмонҳои азим бахшидаи Шералӣ Мӯсо, пайдоиши мавзую шаклҳои нав маҳсуб меёбанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он арзёбӣ мешавад, ки хулосаҳои онро эҷодкорони ҷавон ҳамчун роҳнамо барои тарғибу ташвиқ ва шинохти публитсистикаи муосир ба кор бурда метавонанд. Ҳамчунин, ҷамъбаст ва натиҷаҳои аз таҳқиқи масъалаҳои мавриди назар бадастомада, метавонад дар таҳияи воситаву дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо ва машғулиятҳои амалӣ оид ба публитсистикаи тоҷик дар факултет ва шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050401 – Рӯзноманигорӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Муаллиф дар заминаи баррасии сарчашмаҳои илмӣ ва амалӣ ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсоро бо назардошти самтҳои фаъолият, вижагиҳои мавзуъ, муҳтаво, жанр ва ҳунару маҳорат мустақилона таҳқиқ намудааст. Гузоришу маърузаҳои илмии муҳаққиқ дар маҳфилу конференсияҳо, мизҳои мудаввар, ҳамчунин, диссертатсияи манзуршуда ва мақолаҳои нашршуда саҳми шахсии муаллифро собит месозанд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ**. Доир ба муҳтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллиф дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маҳфилҳои илмию амалӣ (солҳои 2022-2025) маърузаҳо хондааст. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳоду баррасӣ шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси № 6 аз 02.01.2026) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи кори таҳқиқӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба табъ расида, теъдоди умумии онҳо 13 адад, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 178 саҳифаи чопи комютерӣ иборат мебошад.

# БОБИ 1. ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ШЕРАЛӢ МӮСО ДАР КОНТЕКСТИ ҲАЁТИ СИЁСИВУ ИҶТИМОИИ ЗАМОН

## 1.1. Таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва адабии замон дар ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо

Муҳаққиқон се насли публитсистони тоҷикро муайян карданд: то шуравӣ, замони шуравӣ ва баъд аз истиқлол. Ташаккули шахсияти эҷодии ин наслҳо ба мароҳили мушаххаси таърихии давру замон, вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, адабӣ, талаботи эҷодӣ ва муҳит алоқамандии зич дорад. Аз ин рӯ, омузиш ва таҳқиқи зиндагиномаи ин ё он публитсист бидуни дарку маърифати воқеиёти иҷтимоӣ, авзои замон ва талаботу таъиноти касбӣ мукаммал нахоҳад шуд.

Шералӣ Мӯсо дар ду давра – замони шуравӣ ва истиқлол зиндагиву фаъолият намуда, аз намояндагони насли дуюми публитсистони аҳди шуравӣ маҳсуб меёбад, ки адибони публитсист ном гирифтаанд. Мафҳуми адибони публитсист ё публитсистони адиб он аст, ки эшон фаъолияти эҷодии худро бо ҳамкории бевосита дар матбуоти даврӣ шуруъ намуда, тадриҷан ба офаридани асарҳои публитсистиву бадеӣ машғул гардидаанд ва ин амал онҳоро ба дараҷаи нависандагӣ расонидааст. Дар ҳақиқат матбуоти даврӣ минбар ва мактабе мебошад, ки қаламкашони ҳар як наслро ба камол расонида, ба омма муаррифӣ кардааст ва мавқеи иҷтимоии эҷодкор ва нақши ӯ дар муборизаҳои муҳими ҳаётӣ маҳз аз ҳамин ҷо муайян мегардад.

Шералӣ Мӯсо 25-уми марти соли 1951 дар деҳаи Ганҷинаи ноҳияи Ваҳдат (онвақта Меҳнатободи Орҷоникидзеобод) ба дунё омадааст. Ӯ соли 1968 мактаби миёнаи №1-и ба номи Н. Крупскаяи ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат)-ро хатм намудааст.

Дар ташаккули шахсияти эҷодии Ш. Мӯсо се омили асосӣ таъсиргузор будааст. Аз ҷумла:

1. Оилаву мактаб;

2. Омили касбӣ;

3. Фазо ё муҳити бевоситаи эҷодӣ.

**1. Оилаву мактаб.** Дар ташаккули шахсияти эҷодии ин ё он адиб, пеш аз ҳама, оила, муҳит, мактаб, донишгоҳ ва амсоли ин таъсир мегузорад, чунки инсон аз кӯдакӣ ба наврасӣ, аз наврасӣ ба ҷавонӣ ва аз ҷавонӣ ва камолоти умр расида, дар ҷомеа мақомеро, новобаста аз сатҳи он касб менамояд ва, барҳақ, дар ин раванд, чунончи муҳаққиқ А. Саъдуллоев қайд кардааст, «бузургтарин меъмори тақдир муҳит ва оила аст» [107, с. 37].

Худи Ш. Мӯсо замони кӯдакиашро нисбатан вазнин арзёбӣ намуда, дар яке аз мусоҳибаҳояш ишора кардааст, ки «аз нигоҳи имрӯз зиндагии мардуми он вақтҳо маҳзун, якранг, аҷибу хандаовар менамояд, зеро он замон на барқ вуҷуд дошту на телевизион, на телефон буду на радио» [159, с. 70]. Бо вуҷуди ин, чунин муҳити маҳзун, якранг, аҷиб ва хандаовар дар ташаккули Ш. Мӯсо таъсири мусбат гузоштааст. Баҳрабардорӣ аз суҳбати мӯйсафедони деҳ, ки бисёр сода, зиндадилу чақ-чақӣ будаанд, шабҳо дар гирди сандалӣ шунидани афсонаҳои бобову бибӣ дар бораи паҳлавонон, оинаи ҷаҳоннамо ва қолини паррон шавқи ӯро ба адабиёт бедор намуда бошад ҳам, баъдтар набудани муаллими фанни адабиёт дар мактаби миёна шавқи ӯро коста, рағбаташ ба самти фанҳои техникӣ – ҳандасаву нақшакашӣ бештар гардидааст. Бахусус ӯ ба навъҳои нави мошинҳои замонавӣ, техникаву таҷҳизоти рӯзгору хоҷагии қишлоқ зиёдтар таваҷҷуҳ намуда, ба таъбири худаш ба дилу ҷигари оҳанини онҳо мафтун мешуд. Соли 1968, пас аз хатми мактаби миёна тақдир Ш. Мӯсоро ба Институти политехникии шаҳри Душанбе (феълан Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ) овард, ба ихтисоси муҳандиси мошинсоз ҳуҷҷат супорида, бо сарбаландӣ донишҷӯ гардид. Таҳсил дар ин мактаби олӣ чашми ӯро ба дунёи касбомузи боз, ҷустану ёфтан ва хондану ҳифз кардани донишу таҷрибаро маслак намуд.

Дар айёми донишҷӯйи воқеае ба амал меояд, ки фаъолияти минбаъдаи Ш. Мӯсоро тағйир медиҳад. Рустам Темур ном як ҳамсабақаш шеърҳои

ошиқона менавиштааст, аммо онҳоро дар ҷое чоп намекардааст. Рӯзе ӯ дафтари шеъҳояшро ба Шералӣ нишон медиҳад. Шералӣ сабаби дар матбуоти даврӣ интишор накарданашро пурсидааст. «Барои духтари дӯстдоштаам менависам» – шӯхиомез мегуфтааст ӯ. Соли 1971, вақте ки аз таътили тобистона бармегарданд, Рустам дафтарҳои худро медаронад. Ин ҳолат ба Ш. Мӯсо асар мекунад ва сардори гурӯҳ Даврон Пайков мегуяд, ки бояд чизи муносибе барои таскини дили ҳамсабақамон худ гуем ва эҷоди аввалини Ш. Мӯсо дар ҳамон замон ба вуҷуд омадааст. Он дар рӯзномаи маҳбуби наврасон ва кӯдакон – «Пионери Тоҷикистон» ба табъ мерасад, лекин зери рубрикаи «Фелетон». Ҳама ҳамкурсон ба ҳайрат афтода буданд. Як гурӯҳ Ш. Мӯсоро табрик намуда, қисме хурсанд гаштанд, ки моли ҳаваскоронаи ҳамсабақи онон дар рӯзнома чоп шудааст, чунки на ҳар кас ҷуръат мекард, ки ба матбуот чизе ирсол намояд. Ана ҳамин ҷуръат саҳифаи наверо ба зиндагии эҷодии Ш. Мӯсо илова намуд.

Бо чопи ин матлаб ҳаваси Шералӣ Мӯсо ба навиштани матолиби публитсистӣ меафзояд ва ҳатто, дар шеърнависӣ ҳам қувва меозмояд ва аввалин шеъри ӯ таҳти унвони «Шикояти ниҳолҳои пахта» дар рӯзномаи «Коммуна» (имрӯза «Шаҳриёр»)-и ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат) бо дастгирии сармуҳаррир Нуъмон Розиқ чоп мешавад. Одатан шеърҳои аввалини шоирон дар бораи Ватан, модар, ишқ ва амсоли ин мешаванд, аммо шеъри аввалини Ш. Мӯсо дар бораи пахта буд. Ин бесабаб набуд ва аз қобилияти мушоҳидакорӣ ва ҳисси масъулиятталабии ӯ дарак медод. Чун рӯзи шанбе аз донишгоҳ ба деҳа омада, мебинад, ки аҳволи пахта бисёр бад, алафҳои бегона зер кардааст, пахта бе об мондааст, ҳолаш табоҳ. Аз номи ҳамон ниҳоли пахта нисбати роҳбарияти ҳамон деҳа – бригадир, аграному дигарҳо ҳамин «Шикояти ниҳоли пахта»-ро ба риштаи назм мекашад:

«Янгаоим дар хона,  
Коргурезҳо дар бозор,

Бригадир дар лаби ҳавз,
Дар сояи сафедор.

Мекунад кайфу сафо,
Надидаем рӯйи ӯ.
Табоҳ шуда ҳоли мо,
Надорад парвое ӯ.

Ба мо ғизо лозим аст,
Нахурдаем ягон бор,
Наомад сари марза,
Ҳатто ягон трактор.

Эй акои агроном,
Ба ҳоли мо чӯй тадбир,
Аз дасти саломалек,
Нобуд мешавем охир» [121, с. 454].

Ин шеър як навъ фелетони назмӣ аст, ки муаллиф аз ҳоли зори пахтазор дарак дода, фориғболӣ ва бепарвоии бригадир, аграном ва миробро мазаммат ва меҳнати ҳалол кардану виҷдони пок доштанро талқин мекунад. Адабиётшинос Х. Мирзозода ин ва ба ин монанд назмро «назми гражданӣ» [88, с. 80] унвон медиҳад, ки ба ғояҳои оммавӣ, ҳаёти одамон ва афкори озодихоҳона иртиботи қавӣ доранд.

Баъд аз чанд рӯз Шералӣ Мӯсо дар рӯзномаи «Коммуна» хабареро бо чунин матлаб мехонад, ки «дар пахтазори бригадаи С. Саидов (аз колхози ба номи Телман) говҳои шахсӣ чарида мегарданду сардор аз ин парвое надорад» [121, с. 465].

Мутолиаи ин хабар Шералӣ Мӯсоро бетаваҷҷуҳ намегузорад, балки нафрати ӯро нисбат ба раҳбарони бепарво ба вуҷуд меорад. Қалам ба даст

мегирад ва ин шеъри ҳаҷвии «Сардори холабеғам»-ро менависад:

«Холабеғам Саидов,
Кори ту ваъдабозӣ,
Аз мо – мардуми меҳнат,
Доимо мегурезӣ.
Ҳосили пахта помол,
Зери пойи гову хар.
Аз сояи лаби ҳавз,
Ту кай мебардорӣ сар?
Дар саҳро пахта чинанд,
Бачаҳои мактабхон.
Вале хешу таборат,
Ба сӯйи бозор равон.
Кору рафторат агар,
Ҳамеша бошад чунин.
Номи ту – Холабеғам,
Сазоят бошад ҳамин» [121, с. 465].

Аз ин чакомаҳои аввалини Ш. Мӯсо бармеояд, ки ӯ ҳануз аз синни мактабӣ ва донишҷӯйи ба кори эҷодӣ майл намуда, нисбат ба ҳодисаҳои рӯзгор, бахусус камбуду норасоиҳои иҷтимоӣ, бемасъулиятиву бепарвоиҳои раҳбарон бетараф набудааст. Ба гумони мо, хислати муборизахоҳонаи ӯ нисбати ноадолатиҳои ҳаёти иҷтимоӣ боис гардида, ки, аз як тараф, майлу рағбаташ ба рӯзноманигориву публитсистӣ пайдо шуда тадриҷан қувват гирад, аз ҷониби дигар, нисбат ба одамон ва муҳити атроф бетараф набошад. Ба ин маънӣ, осори аксар адибон бештар бо саргузашт, зодгоҳ, муҳит ва макону замони ба ӯ шинос алоқамандии зич ва илҳомбахши ҳавасангезеро дар ху таҷассум мекунад дорад. Ҳаминро ба инобат гирифта, мунаққиди адабиётшинос Б. Фирӯз таъкид мекунад, ки «агар шумо аз ҳаёти нависанда огоҳӣ надоред, ва ё зодгоҳи вайро надидед, мардумонеро, ки аз миёни онҳо

адиб ба арсаи эҷодкорӣ омадааст, нашиносед, гумонам бисёр нуктаҳои китоби ӯро возеҳу амиқ идрок нахоҳед кард» [116, с. 6].

Ҳамин тавр, дар зуҳури майлу рағбати Ш. Мӯсо ба кори эҷодӣ – рӯзноманигориву публитсистӣ, муҳити оила ва мактаб, ки ҳамчун зинаи ибтидоии ташаккули қобилияти эҷодии шахс маҳсуб меёбад, нақши созанда гузоштааст.

**2. Омили касбӣ.** Соли 1973, пас аз хатми донишгоҳ Ш. Мӯсо дар калонтарин корхонаи мошинсозии Тоҷикистон – заводи истеҳсолии «Тоҷикгидроагрегат» ба фаъолияти меҳнатӣ шуруъ карда, то соли 1973 дар вазифаҳои устои калон ва муҳандис фаъолияти кориашро давом додааст. Муҳити кории завод, ҳамнишинӣ бо коргарони собиқадор, муносибату суҳбатҳои корӣ бо онҳо, ҳисси кунҷковию мушоҳидакорӣ боис гардид, ки Ш. Мӯсо нисбат ба корномаи мутахассисон ва масъуилятшиносии онҳо бетараф набошад, балки аз дунёи кории завод лавҳаву очеркҳо навишта дар нашрияҳои даврӣ интишор намояд.

Қобилияти кордонӣ, ташаббускорӣ, ташкилотчигӣ ва тарғиботии Ш. Мӯсо роҳбарияти ҳизбиро бовар мекунонад, ки ӯро ба вазифаҳои ҳизбӣ ҷалб намоянд. Ҳамин тавр ӯ соли 1976 ба вазифаи котиби дуюми Созмони ҷавонони ноҳияи Октябр (ҳоло Исмоили Сомонӣ)-и шаҳри Душанбе ва соли 1978 котиби якуми ҳамин созмон таъин мешавад.

Ҳангоми кор дар ин вазифа ӯ ҷавонони меҳнатдӯстро ба сохтмонҳои муҳимтарини диёр – Неругоҳи барқи обии «Норак» ва «Роғун», корхонаҳои кимиёвии Ёвон ва арзизи тоҷик сафарбар намуда, худаш низ бо ин коргоҳҳои азим аз наздик шинос мешавад. Ҳосили диданҳову шуниданҳои ӯ аз ин корзорҳои азим ва дарку маърифати муҳиммияти бунёди чунин сохтмонҳои азим сабаб гардида, ки ӯ мақолаву очеркҳои зиёдеро иншо намояд. Очеркҳои «Вохурӣ» (1983), «Сабақи нахуст» (1984), «Кӯҳнавард» (1984), «Роғун – майдони диловарӣ» (1985), «Акси ҷовид» (1986), «Файзи азнавсозӣ» (1986), «Файзи бозсозӣ» (1986), «Тулуи нав» (1986), «Меҳри фарзанд» (1986), «Як

шаби моҳтобӣ» (1987), «Ҳаваси якрӯзаю кори якумра» (1987), «Коргар ва мураббӣ» (1988), «Роҳати ранҷ» (1988) ва амсоли ин, ки дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шудаанд, намунае аз онҳоянд.

Ӯ дар ин ва дигар нигоштаҳояш ҷараёни кору фаъолияти синфи коргару деҳқон – қаҳрамонони истеҳсолотро ба риштаи тасвир кашида, онҳоро то андозае тавсиф ҳам кардааст, ки хоси очерки портретӣ мебошад. Дар қисми бештари эҷодиёти ӯ хусусиятҳои ин жанр ба хубӣ дида мешаванд. Дар очеркҳои ӯ, аслан кор дар инъкиоси инкишофи инсон ва ташкилу мазмуни кор ва мавқеи кор дар ташкилу пайванди ҷомеа баррасӣ мешавад. Бино ба ақидаи А. Тертичний эҷодкор инҷо кӯшиш ба харҷ додааст, ки «ба чӣ арзанда будан ва дар ин замина моҳияти ҳастии қаҳрамонашро ошкор созад» [112, с. 261].

Маҳз ҳамин ошкорсозиҳо ва маҳорати ташкилотчигию кордонии Ш. Мӯсоро ба назар гирифта, роҳбарияти ҳизбӣ соли 1981 ӯро ба вазифаи котиби Комитети партиявии заводи «Тоҷикгидроагрегат» интихоб мекунанд.

Кор дар ин вазифа на танҳо ҳисси масъулиятшиносӣ ва адолатхоҳии Ш. Мӯсоро дучанд мекунад, балки дар мустаҳкам намудани низоми дурусти кори завод, шароити хуби меҳнат, маош ва тарғиби ғояҳои ҳизбӣ мекӯшад. Доир ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти завод мақолаҳо навишта, дар рӯзномаву маҷаллаҳои давр чоп мекунонад ва дар коллективи эҷодии рӯзноманигорон ҳамчун ҳамкори фаъол шинохта мешавад.

Ҳосили мушоҳидаву омӯхта ва таҳқиқу таҳлилҳои Ш. Мӯсо дар заводи «Тоҷикгидроагрегат» соли 1983, дар шакли китоб бо номи «Асоси ғалабаҳои меҳнатӣ» [41] аз тарафи нашриёти «Ирфон» ба чоп расидааст. Ин аввалин китоби адиби публитсист Ш. Мӯсо маҳсуб меёбад, ки дар жанри очерк шакл гирифта, ба фаъолияти коргарони пешқадам, кору фаъолияти ҷабҳаҳои гуногуни заводи «Тоҷикгидроагрегат», ки бузургтарин ва пешқадамтарин корхонаи ҷумҳурӣ буда, зиёда аз се ҳазор коргар дошт, бахшида шудааст.

Баъдтар Ш. Мӯсо маҷмуаҳои дигари очеркҳояшро бо номҳои «Линия жизни» [4], «Трудовой потенциал бригады» [9], «Рабочие ступени» [8] ба забони русӣ ба табъ расонидааст. Дар ин маҷмуаҳо, симфонияи факт пурқувват ва муҳташам аст, чунки гоҳо, ба таъбири муҳаққиқи публитсистикашиноси тоҷик А. Саъдуллоев «таъсири далел ё нишондиҳандаи расмӣ нисбат ба суҳбати хушк, ҳатто бо истифода аз васоити таъсири бадеӣ беҳтар аст» [153]. Ш. Мӯсо низ бевосита ба тасвири инсони зинда, чеҳарҳои кору пайкоре пардохтааст, ки бо онҳо аз наздик шинос буда, зимни кору фаъолият, суҳбатҳо ва мушоҳидояш онҳоро омӯхтааст ва ҳаёту фаъолияташон мавриди таваҷҷуҳи бевоситаи адиб қарор гирифтаанд. Ба ақидаи муҳаққиқон воқеият мактаби бузурги дарки ҳастӣ, тағйир ёфтанҳо ва ангезаи шуур аст, аммо эҷод дар ин ҷода тоқатфарсо буда, машаққат мехоҳад. Ин ҳам аз он сабаб аст, ки нафарони сазовори очерк хеле камгап, хоксор ва таърифро қариб ки дӯст намедоранд. Мушкилии дигар, ҳақиқатро ба қалам додан аст, чунки дар очерк чизи набударо гуфтан мумкин нест.

Ш. Мӯсо дар баробари иҷрои вазифаи ҳизбӣ, доир ба корхонаҳои саноатӣ ва коргарони пешқадаму зарбдор 90 асар навиштааст, ки аз онҳо 66 очерк ба забони тоҷикӣ, 22 очерк ва 2 қиссаи ҳуҷҷатӣ ба забони русӣ мебошанд. Ин ба назар боварнакарданист, аммо ёддошти муаллиф моро ба воқеияти он мутмаин мегардонад. Ӯ дар яке аз суҳбатҳо зикр кард, ки дар даврае, ки дар вазифаҳои роҳбарӣ кор мекардааст, аз соати шаши субҳ то ҳашти бегоҳ умуман имконияти мутолиа ва навиштанро надошта, асарҳояшро шаб, аз соати дувоздаҳ то се аз ҳисоби хоб менавиштааст.

Аз як тараф, майлу рағбати эҷодӣ, аз ҷониби дигар, дуруст истифода кардани вақт, масрафи вақти хобу истироҳат боис гардид, ки ӯ аввалин китоби худро бо номи «Касбам ифтихори ман аст» барои чоп ба нашриёти «Ирфон» месупорад. Нашри ин китоб ба нақшаи соли 1977-и нашриёти мазкур дохил ва тасдиқ карда мешавад, вале кормандони нашриёт ноҳақӣ карда, чанд очерку мақолаҳоро ҳамроҳ ва онро ҳамчун маҷмуаи дастаҷамъӣ чоп мекунанд.

Ба нашри китоби дуюмаш «Дар чорсӯйи зиндагӣ», ки соли 1981 бояд чоп мешудааст, низ чунин тақдир насиб гаштааст. Бо вуҷуди ин нависанда дилмонда нашуда, баъдан бо ифтихор ёд кардааст, ки ҳар бадӣ некие ҳам доштааст ва ин ноҳақӣ барои ӯ дӯст тухфа мекунад. Ин нафар Ҷонибек Акобир будааст ва дар ҳамон китоб очерки ӯ бо номи «Азму ирода» чоп мегардад, ки дар бораи коргари заводи хишти Душанбе Қурбонмоҳ Эвазова буд. Аз он сабаб ки очерк ҷаззоб навишта шуда буд ва аз ҷониби дигар, ин мавзӯи дӯстдоштаи публитсист маҳсуб меёфт. Ин ҳолат, аз як тараф, пайванди риштаи дӯстии ин ду эҷодкорро мустаҳкам мегардонад, аз ҷониби дигар, таваҷҷуҳ ва таъсири нависандаи нисбатан пуртаҷриба Ҷ. Акобир ба эҷодиёти Ш. Мӯсо вусъат пайдо мекунад. Баъдтар бо сарсухани Ҷ. Акобир ба нашр расидани китоби «Тулуъ дар ғуруб» [72, с. 3]-и Ш. Мӯсо аз робитаи пурсамари ин ду адиб гувоҳӣ медиҳад.

Сипас, ба вазифаи муншии ҳизбии муассисаи машҳури истеҳсолии ҷумҳурӣ, баъдан раиси иттиҳодияи илмӣ - истеҳсолии «Восход» таъин гардидани Ш. Мӯсо боис шуд, ки хотираҳояшро ҳамчун собиқ котиб дар «Доғҳои сиёҳ» ҷо диҳад, аммо дар нигоштаи мазкур нависанда ҳам воқеаҳои таърихӣ, ҳам саргузашт ва ҳам ҳолати қаҳрамонҳояшро худаш баён мекунад, ки дар натиҷа, симои марказӣ як андоза сатҳӣ баромадааст, аммо ҷараёни воқеаи воқеиятдорро дидан, ба умқи маънавиёти он фурӯ рафтан ва «дар ин замина дурнаморо бозгу кардан рисолати публитсистика аст» [115, с. 26].

Нимаи дуюми солҳои 80-уми садаи XX, ки ҳамчун давраи бозсозӣ шинохта мешавад, Ш. Мӯсо бо чопи пайвастаи нигоштаҳояш дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба ибораи ҳамон давр, ҳамчун очеркнавис ба олами эҷоди публитсистӣ шинохта мешавад. Маҳсули эҷоди ӯ ба талаби замон ва руҳияи вақт тавъам буда, ифодагари мавқеи шахсӣ ва ҳунари эҷодии ӯ маҳсуб меёбанд. Дар меҳвари очерку лавҳаҳо, мақолоти проблемавӣ ва осори дар ин давра эҷоднамудаи Шералӣ Мӯсо бештар тарғиби ғояи давр, тавсифу тасвири аҳли меҳнат – қаҳрамонони замон, ташвиқу тарбияи ҷавонон дар руҳияи меҳнатдӯстӣ, тавсифи зиндагии интернатсионалӣ, дӯстии

халқҳо, ифшои камбудиҳои ҷамъиятӣ, мазаммату интиқоди ахлоқи номатлуби ҳамзамонон ва амсоли ин меистанд. Дар асарҳои Ш. Мӯсо таассурот аз муҳит, замон ва шахсони воқеӣ дар ҷойи авввал қарор дорад. Ин ҳолат ҳамеша дар ҳаракат аст. Ба таъбири муҳаққиқ С. Гулов, «Публитсист Шералӣ Мӯсоев зимни очеркҳои портретии «Кошонаи мурод» («Садои мардум». – 1992. – 23 сентябр), «Як рӯз бо котиб» («Адабиёт ва санъат». – 1987. – 15 август) ва ғайра аксаран муаммоҳои умумии саноатро баррасӣ мекард. Баъди аз реҷаи умумӣ берун ҷастани комплексҳои саноатию аграрӣ ин нависанда аҳён-аҳён аз хусуси баъзе соҳибкорони хусусӣ лавҳаю мақолаҳо менависад» [79, с. 63].

Ҳамин тавр, муҳити касбӣ Ш. Мӯсоро аз як корманди техникӣ-муҳандисӣ ба мақоми роҳбари ғоявӣ тарбия намуда, ҳамкориҳои пайваста бо матубуоти даврӣ ӯро ба олами эҷоди рӯзноманигориву публитсистӣ ворид намудааст. Бахусус, масъулияти иҷрои вазифаи котиби ҳизбӣ, ки ҳадафи тарғибу ташвиқи ғоявӣ дорад, боис гардидааст, ки тафаккури техникии Ш. Мусо ба тафаккури иҷтимоигаройӣ ва “одамсозӣ” майл намуда, қалам ҳамрадифи доимии ҳаёташ гардад.

**3. Фазо ва муҳити бевоситаи эҷодӣ.** Дар марҳалаи пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ Ш. Мӯсо дар вазифаи ҷонишини сардори раёсати техникии Кумитаи давлатии таъминоти моддӣ техникии ҷумҳурӣ (1987-1992) фаъолият намуда, ҳамзамон кори эҷодӣ: навиштани лавҳаву очерк ва лутфу мутоибаро идома додааст. Нигоштаҳои публитсистиву бадеии ӯ на танҳо дар матбуоти даврӣ, балки дар шакли маҷмуаҳои алоҳида нашр гардида, ӯро дар доираи нависандагон муаррифӣ намудаанд. Аз ҷумла маҷмуаи очеркҳояш таҳти унвони «Қадр ва ҷазо» [18] соли 1994 нашр гардид. Бо пешниҳоди маҷмуа ва дигар асарҳои дар матбуоти даврӣ чоп намудааш Ш. Мӯсо соли 1994 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта мешавад.

Пазируфтан ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, аз як тараф, ӯро ҳавасманд гардонида бошад, аз сӯйи дигар, масъулияти

эҷодиашро боло бурд, ки ба мавзуъ ва масъалаҳои нисбатан ҷиддӣ таваҷҷуҳ намуд. Иштирок дар ҳамоишҳои Иттифоқи нависандагон, суҳбату муошират бо адибони соҳибтаҷриба, мутолиаи нусхаи асли асарҳои ҳамдигар, вохурӣ бо хонандагон, хосса мактабиёну донишҷӯёни макотиби олии кишвар на танҳо доираи ҷаҳонбинӣ, суханронӣ ва маҳорати эҷодии ӯро вусъат бахшид, балки барои эҷоди асарҳои нав мавзуъ тавлид намуд. Китоби ӯ бо ҳаммуаллифии Расул Ҳодиев маҷмуаи «Нек ва бад» [23] як навъ ҳосили мушоҳидаву мутолиа ва маърифати иҷтимоии ӯ маҳсуб меёбад. Дар ин асар ду қувва – нек ва бад дар мисоли ҳаёти одамони касбу кори гуногун ба риштаи тасвир кашида шудааст.

Зимнан, Шералӣ Мӯсо ҳамчун соҳибкасб ва эҷодкор нисбат ба бадиҳои рӯзгор, амалҳои номатлуб, фиребу найранг, бухлу кина ва амсоли ин оштинопазир будааст. Ҳамеша дар қолаб ва шаклу усулҳои гуногун бадиҳоро маҳкум ва некиҳоро тараннум намудааст. Пош хурдани ҷомеаи шуравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар барои ҷомеа, аз ҷумла эҷодкорон як навъ бухронеро ба вуҷуд овард. Дар сохти нави ҷамъият арзишҳо тадриҷан тағйир ёфт, танқиду мазаммат ва рӯйирост гуфтани проблемаи иҷтимоӣ то андозае ба фаромушӣ рафт. Баъзе аз аҳли қалам нисбат ба камбудиҳои ҳаёти иҷтимоӣ, мубориза҇ҳои мансабхоҳӣ як навъ бетарафӣ зоҳир менамудаанд. Ш. Мӯсо аз рӯзҳои аввали ташкили Ҳукумати нав, ки аз Иҷлосия XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид, мавқеяшро муайян намуда, ба тарғиби истеҳкоми он камар бастааст.

Ҷанги хонумонсузи бародаркуш, беқадрии инсон, ба ҳаёти сиёсии давлат дахл кардани мухолифин ва амсоли ин аз назари Ш. Мӯсо, ки худ фарзанди солҳои барқароркунии баъдиҷангии ҶБВ ва шоҳиди бевоситаи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон будааст, дур намонда, андешаҳояш дар аввалин қиссаш «Суг» [34] рӯйи қоғаз омаданд. Зиндагии бобои Расул, қаҳрамони марказии асар, ки иштирокчии ҶБВ ва ҷанги шаҳрвандӣ буд, реша дар хотироти кӯдакии адиб дорад. Ш. Мӯсо дар яке аз мусоҳибаҳо зикр

мекунад, ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ мамлакатро хароб карда, дар деҳа фақат занону пиронсолон монда буданд. Бисёр ҷавонон дар ҷанг ҳалок шуда, онҳое ки аз ҷанг баргаштанд, ба қавли муаллиф «нимтана» будаанд. «Яке даст надошт, дигаре пой. Тани дигаре ҷойи ободо надошт, пур аз ҷароҳат буд. Ҳама нимсеру нимгурусна буданд. Вале мардум бо рӯҳияи хеле баланди ватандӯстона барои барқарор кардани харобиҳои ҷанг камар баста, аз сидқи дил ва бе ягон тамаъ шабу рӯз заҳмат мекашиданд» [121, с. 449-450].

Ҳамаи ин ҷузъиётро Ш. Мӯсо дар қиссаи «Суғ» ба тасвир мекашад ва дар публитсистикаи адиб чунин хусусияти кашфкуниҳои психологӣ кам нестанд. Чунки адабиёт дар омӯзиши хислатҳои шахс ва ва психологияи фардии он бевосита иштирок карда, «барои дарки зиндагии он материали мушаххас медиҳад» [97, с. 5] ва Ш. Мӯсо ин материалҳоро ҳамчун маҳаки идроки олами объективӣ корбурд мекунад. Ӯ ҳамеша пайи таҳқиқу мушоҳидаи ҳаматарафаи қаҳрамон аз тариқи рафтору кирдори онҳо қарор дорад. Натиҷаи ин ё он таҳқиқ ҳамчун фаъолияти маърифатнок барои шинохту шиносондани инсон хулоса мегардад. Қиссаи мазкур баъдан бо унвони «Қомати сабзи имон» [20] чоп шуда бошад ҳам, дар он тағйироте ба назар намерасад. Масалан, сужаи асари мазкур бе ҳеҷ саҳна ё ҳаракати фиреби фурӯхтани орденҳо якбора ба фурӯхтани худи орденҳо ва фаҳмидани он аз ҷониби бобои Расул мегузарад [34, с. 93-94], яъне сужа нокомил аст ва муаллифро мебоист, ки сараввал фиреб кардан ва ба баҳонаи ба осорхона бурдан ситонидани орденҳоро тасвир мекард. Аз асар ба асар бозчоп кардани як нигошта, маънои онро дорад, ки ё таҷдиди назар мешавад ё нуқсе дар он ислоҳ шудааст, аммо ҳар ду фабула такрори ҳам буда, нусхаи якдигар ҳисобидани он ғалат нест.

Ш. Мӯсо соли 2002 дар вазифаи ҷонишини сардори раёсати хусусигардонӣ ва кор бо органҳои маҳаллии Кумитаи давлатии идораи амволи ҷумҳурӣ фаъолият намудааст. Кор дар ин идораҳо барои адиб, аслан

василаи пешбурди зиндагӣ маҳсуб меёфт, аммо ӯ ҳеҷ гоҳ аз эҷод дур нашудааст.

Ӯ дар ҳар давру шароит ба масъалаҳои муҳими рӯз таваҷҷуҳ намуда, дар ҳаллу фасли публитсистиву бадеии онҳо кӯшидааст. Воқеан, ҳама дардҳои ҷомеа аввал аз қалби аҳли эҷод, хусусан адибон мегузарад ва эшон наметавонанд онро сарфи назар кунанд, чунки талаби виҷдон ва касбияти онон чунин аст. Ш. Мӯсо бо нобасомониҳову падидаҳои номатлуби давр доим дар мубориза будааст. Аз ҷумла, дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар, ки ҳануз ҳукуматҳои мақомоти гуногун пурра қудратро ба даст нагирифта будаанд, бозори сиёҳи қочоқи маводди мухаддир гардиш хурда, ҷони садҳо ҷавононро рабуда, ҳазорони дигарро ба коми худ кашида будааст. Ҷисми одамони ғафлатзада ва ё ночормондаро ҳамчун интиқолдиҳандаи маводди мухаддир истифода мекардаанд. Ин ҳолат Ш. Мӯсоро ором гузошта натавонист, ки соли 2003 маҷмуи қиссаҳояшро бо номи «Осоиш» [26] чоп кард. Дар ин асар Бозоргули бахтбаргашта ба хотири ягона фарзанд ва бесаробониву ночорӣ ба интиқоли маводди мухаддир розӣ мешавад ва дар роҳ мавод мекафаду ҳалок шуданаш тасвир мегардад.

Ш. Мӯсо соли 2007 ба раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҷалб мешавад ва то соли 2010 ба сифати мудири бахши очерк ва публитсистика фаъолият кардааст. Фаъолият дар Иттифоқи нависандагон ва масъулияти бахши очерк ва публитсистикаро ба дӯш доштан, боис мегардад, ки таваҷҷуҳи Ш. Мӯсо ба масаъали бунёдкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бештар гардад. Дар баробари ин чанд омили дигар, аз як тараф, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқату самимияти ӯро ба кишвар ва сарвари он қавӣ гардонд, аз ҷониби дигар, фаъолмандии эҷодии ӯро вусъат бахшид. Ин ҷо метавон аз «Тулуъ дар ғуруб» (2008), «Ошёни уқобон» (2010), «Қомати сабзи имон» (2011), «Қиссаи баҳорӣ» (2011), «Чеҳраи модар» (2012), «Ситам» (2013), «Як қисса бо се забон» (2019), «Барфи сабз» (2020), «Ота»

(2014) ёд кард, ки маҳз дар ҳамин давра интишор гардида, ба дасти хонанда расидаaанд.

Ҳарчанд доираи мавзуъҳои осори Ш. Мӯсо гуногун аст, аммо дар эҷодиёти ӯ тасвири бунёди иншоотҳои азим низ мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ба таъбири муҳаққиқ М. Муродӣ «Аз хронологияи чопи асарҳои Ш. Мӯсо бармеояд, ки ӯ ба кори эҷодӣ бо тақозои вазифа ва талаби замон даст задааст» [92, с. 457]. Воқеан, дар кишвари мо пас аз расидан ба Ваҳдати миллӣ таваҷҷуҳ ба бунёди иншоотҳои азим зиёд гардид ва ин раванд адибонро тақозо менамуд, ки корномаи бунёдкоронро инъикосу тасвир намоянд.

Ҳануз дар айёме, ки Ш. Мӯсо вазифаи котиби Комитети комсомолии шаҳри Душанберо ба дӯш дошт, ба ин неругоҳ, аз он ҷумла ба Комбинати химиявии Ёвон ва заводи арзизи Тоҷикистон (алюминий) коргарони ҷавонро интихоб ва сафарбар менамудааст. Худи ӯ низ бо ташаббуси муҳаррири рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» Ато Ҳамдам ба Неругоҳи барқи обии Роғун рафта, як силсила очеркҳо навишта дар саҳифаҳои рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба нашр расонидааст. Таҷрибаи чандинсолаи котиби ҳизбӣ, мухбири ғайриштатии рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», мудири бахши очерк ва публитсистикаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва болотар аз ин, меҳри ватан, садоқати сарвар, ифтихор аз созандагиву бунёдкориҳои кишвар ва, албатта, майлу рағбати эҷодкорӣ дасту қалби Ш. Мӯсоро ба инъикосу тасвир ва васфу тараннуми комёбиву дастовардҳои кишвари соҳибистиқлоламон тавъам сохта, ки ҳосили он дар асарҳои публитсистии «Мардистон» (2013), «Президенти мо» (2014), «Саодати рӯ ба гардун» (2015), «Достони Роғун» (2015), «Ҷасорат» (2016), «Маҷмааи ифтихор» (2017), «Ҷонам фидои Роғун» (2023) ва ғайра таҷассум гардидааст.

Дар натиҷаи заҳмати чандинсола Шералӣ Мӯсо ҳамчун адиб ва публитсисти сермаҳсул ба як қатор муваффақиятҳо ноил гардид. Очеркҳои

«Кӯҳнавард» [49] дар озмуни «Республикаи ман» ба ҷоизаи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон), «Духтари корхона» [48] дар озмуни «Ҳамзамонони мо» ба ҷоизаи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият»), «Санги маҳаки номус» [57] дар озмуни «Нури Роғун» ба ҷоизаи Бунёди Адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, «Нигине дар кӯҳистон» [51] дар озмуни «Симои баҳодурони Роғун» ба ҷоизаи ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ», «Хушбин ва некманиш» [64] дар озмуни «Номуси ватандорӣ шукӯҳи ватан аст» бахшида ба 20-солагии истиқлолияти Тоҷикистон ба ҷоизаи рӯзномаи «Ватанпарвар», «Турнаи зарин» [62] дар озмуни «Васфи диёр» ба ҷоизаи рӯзномаи «Ҷумҳурият», «Рӯзи қабули нақб» [55] ба ҷоизаи рӯзномаи «Адабиёт ва санъат», «Саодати рӯ ба гардун» [58] дар озмуни «Эҷодиёти илҳомбахш» бахшида ба 90-солагии мақоми пойтахтро доро гардидани шаҳри Душанбе ба ҷоизаи Раиси шаҳри Душанбе сазовор гаштаанд, ки ин гувоҳи истеъдоди фитрии ӯ мебошад.

Барои хизматҳои арзанда Шералӣ Мӯсо ба як қатор ҷоизаву унвонҳо мушарраф гардонида шудааст. Азҷумла 27 октябри соли 1975 ба муносибати 50-солагии ЛКСМ Тоҷикистон бо нишони хотиравӣ, 17 марти соли 1981 бо фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС бо ордени «Нишони фахрӣ», бо қарори бюрои КМ ВЛКСМ аз 20 апрели соли 1982 бо нишони КМ ВЛКСМ «Барои кори фаъолона дар комсомол», моҳи майи соли 1985 бо нишони ЦК ВЛКСМ «60-сол бо номи В. И. Ленин», бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2008, №519 бо унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон», Барои хизматҳои арзанда дар тарғиб, рушду нумуи фарҳанг, матбуот ва табъу нашри ҷумҳурӣ, тарбияи ғоявию ахлоқӣ, маънавии мардум ва ба муносибати Рӯзи матбуоти тоҷик бо фармоиши Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №6-У, аз 09 марти соли 2011 бо нишони «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дастовардҳои арзишманд дар тарғиб, рушду нумуи телевизион ва радио Тоҷикистон, тарбияи ғоявию ахлоқӣ, маънавии мардум бо фармони Раиси Кумитаи телевизион ва радиои

назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №39-к(а), аз 18 марти соли 2011 бо нишони «Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон», барои хидмати пурарзиш дар адабиёт бо фармони Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон №47, аз 29 марти соли 2011 бо нишони «Сухан», барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо фармони Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон №147, аз 22 январи соли 2014 бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон», бо фармоиши вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон №158, аз 5-уми сентябри соли 2014 бо нишони «Роҳсози фахрии Тоҷикистон», бо фармоиши Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №3-У, аз 15 январи соли 2015 бо нишони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», моҳи октябри соли 2018 бо нишони «100-солагии комсомоли Ленинӣ» сарфароз гардонида шудааст.

Шералӣ Мӯсо бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 14.07.2020 №1571 барои фаъолияти пурсамари адабӣ ва инъикоси муассири чеҳраҳои мондагори ҳамзамон бо унвони «Нависандаи халқии Тоҷикистон» мушарраф гардид, ки ин баҳову подоши сазоворе ба хизматҳояш барои давлату миллат аст.

Ҳамин тавр, бо таъсири шароити оилаву мактаб, фазои касбӣ ва муҳити бевоситаи эҷодӣ Шералӣ Мӯсо аз як талабаи орзуманди муҳандисшав ва донишҷӯйи ҳавасманди роҳи эҷод ба шахсияти маъруфи иҷтимоӣ, касбӣ, фарҳангиву адабӣ расидааст. Ин омилҳо на танҳо дар такомули шахсияти эҷодии Ш. Мӯсо мусоидат намудаанд, балки ӯро ба дараҷаи яке аз адибони публитсисти сермаҳсул, нақбшиносу неругоҳшинос расонидааст. Ҳамбастагӣ бо аҳли меҳнату эҷод, бахрабардорӣ аз суханрониву ҳидоятҳои Пешвои миллат, ҳамсуҳбатӣ бо роҳбарони иншоотҳои азим, суҳбату вохуриҳо бо коргарон, мушоҳидаҳои чандинкаратаи раванди бунёдкориҳо боис гардидааст, ки Шералӣ Мӯсо пурра ба эҷод машғул гардида, дар як фосилаи

нисбатан кӯтоҳ асарҳои зиёди публитсистию бадеиро ба табъ расонад. Ҳодисаҳои рӯзгор, аз як тараф ва аз тарафи дигар, ҳамбастагӣ бо истеҳсолот боис шуданд, ки Шералӣ Мӯсо ҳамчун эҷодкор шинохта шавад ва маъруфият пайдо кунад.

## 1.2. Таснифи самтҳои асосии фаъолияти эҷодии адиб

Чунонки аз омузиши рӯзгори Шералӣ Мӯсо маълум гардид, ӯ тули ҳаёту фаъолият дар навъҳои гуногуни эҷод қувваозмоӣ намуда, ба комёбиҳои зиёд ноил гардидааст. Ин навъҳои эҷодӣ – рӯзноманигорӣ, публитсистӣ, нависандагӣ ва ҳаҷвнигорӣ мебошанд, ки бо вуҷуди умумият аз ҳам фарқ мекунанд.

**а) Фаъолияти рӯзноманигорӣ.** Чунонки дар фасли якуми кори диссертатсионӣ ишора рафт, фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо ҳануз аз солҳои донишҷӯйии Институти политехникии Тоҷикистон буданаш шуруъ шудааст. Агар дар зуҳури нишонаҳои эҷодкорӣ қобилияти шахсӣ ва муҳити мактабу донишгоҳ таъсир гузошта бошад, дар ташаккули маҳорати нигорандагии ӯ матбуоти даврӣ нақш бозидааст. Ҳамкорӣ ва робитаи пайвастааш бо нашрияҳои даврӣ, шароитеро ба вуҷуд овардааст, ки Ш. Мӯсо дар оғози фаъолияти эҷодӣ ба рӯзноманигорӣ майл намояд. Дар матбуоти замони шуравӣ, ки марҳилаи аввали фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсоро ба он муҳит рост меояд, ӯ ҳамчун мухбири коргару деҳқон маъруф будааст. Соли 1973 аввалин шаҳодатномаи рӯзноманигориро Ш. Мӯсо аз идораи нашрияи даврии «Коммуна» гирифтааст. Ин лаҳзаро баъдтар Ш. Мӯсо чунин ба қалам додааст: «Нуъмон Розиқ – сармуҳаррири ҳамонвақтаи «Коммуна»-и Орҷоникидзеобод хеле суханҳои насиҳатомези падарона гуфту дар охир таъкид намуд:

– Тез-тез ба редаксия биё. Гирди деги мо ҳам гашта, камтар сиёҳ шуданат лозим.

Ва ҳамон рӯз бо ташаббуси Раҳмат Зайдулло ба ман шаҳодатномаи рақами 10, ки дар он «Рафиқ Мӯсоев мухбири редаксияи «Коммуна» навишта шуда буд, супориданд» [121, с. 459].

Аввалин нигоштаи Ш. Мӯсо «Деҳ обод мегардад» [47], ки дар қолаби жанри хабар аст, соли 1973 дар ҳамин нашрияи даврӣ рӯйи чоп омад. Пас аз ин ӯ дар қолиби жанрҳои гуногуни хабарӣ бо забонҳои русиву тоҷикӣ матолиби зиёдеро иншо намуда, дар рӯзномаҳои «Коммуна», «Вечерный Душанбе», «Тоҷикистони советӣ» ва ғайраҳо чоп намудааст. Дар солҳои 80-уми садаи XX Ш. Мӯсо ҳамкориашро бо нашрияи машҳури ҳамон давр «Ҷавонони Тоҷикистон» тақвият бахшида, аз таҳияи маводди хабарӣ ба матолиби публитсистиву бадеӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва тариқи таълифи лавҳаву очеркҳо ба эҷоди асарҳои бадеӣ рағбат пайдо намояд. Ш. Мӯсо аз назари аввал дар ин очерку лавҳаҳо бобати ҳодисаву воқеоти на чандон муҳим суханпардозӣ кунад ҳам, аз дидгоҳи дигар онҳоро чунон «возеҳ, ошкор ва зинда ба тасвир мегирад» [78, с. 227], ки хонанда маҳз тариқи ҳамин ҷузъиёт бо қаҳрамон шинос мешавад.

Ш. Мӯсо барои кормандони эҷодии рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон»на ҳамчун мухбири ғайриштатӣ, балки ҳамчун корманди доимӣ эътироф шуда будааст. Баъзе аз он лаҳзаҳоро рӯзноманигор Ҳикмат Розиқ, ки он солҳо (1981) дар факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон таҳсил намудаву бо рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») ҳамкорӣ мекардааст, чунин ёдоварӣ намудааст: «Рӯзе бо И. Ибодов саргарми суҳбат будем, ки дари ҳуҷраи корӣ кӯфта шуду пас аз лаҳзае даромадан мумкин, бародари азиз! – гуён ҷавонмарде сар даровард.

– Марҳамат, акои Шералӣ, дароед, – гуфта, И. Ибодов ба истиқболаш бархост.

Ҷавонмарди тануманд, мӯйи сип-сиёҳаш хуб шоназадаю чашмонаш барқосо, ба ҳуҷра ворид шуда, дасташро баҳри салом аввал ба сӯйи ман дароз карда, баъдан бо И. Ибодов оғӯш кушода, бародарсалом намуд.

Аз ташрифи ҷавонмард И. Ибодов изҳори хушнудӣ намуда:

– Қанд занед, акои Шералӣ! Кош, ҳама мухбирони ҷамоатиамон мисли шумо фаъол мебуданд, – гуфт». Аз «акои Шералӣ» ном доштани он ҷавонмард аз дили рӯзноманигор мегузарад, ки ӯ шояд Шералӣ Мӯсоев бошад. Ҳарчанд ӯро аз наздик намешинохтааст, лекин аксари навиштаҳояшро, ки аслан меҳнати ҳалол ва азму талоши синфи коргари онрӯзаро инъикос менамуданду қариб дар ҳар шумораи нашрияи «Комсомоли Тоҷикистон» ба табъ мерасиданд, мутолиа мекардааст.

«– Агар шавқу завқ ба кас ҳидоятгару раҳнамо бошад, ба ҳар кор даст меёфтааст, – ба қавле, зуд-зуд рӯзнома омаданашро шарҳ доданӣ шуда, гуфт акои Шералӣ ва ба сӯйи ман нигариста, боз илова намуд:

– Ин бародар ҳам, агар мухбири ҷамоатӣ бошаду аз қаламкашӣ умеде дорад, бояд худро аз рӯзномаву эҷод дар канор нагирад. Мардумамон як мақоли хубе доранд: – Деҳқон бошӣ, шудгор кун, мулло бошӣ, такрор кун. Ҳамин тавр не, рафиқ муҳаррир? – суоломез ба сӯйи Ибодов нигарист» [121, с. 459].

Ҳамкории Ш. Мӯсо ва ҳамчнунин мухбироти ҷамоатчигии дигар, бо рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» бахусус, пас аз ҷонишини сармуҳаррири рӯзнома таъин шудани Исматулло Ибодов бештар ва самаранок гардидааст.

Бештари маводди хабарии Ш. Мӯсо бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ дар нашрияҳои «Коммуна» зери рубрикаҳои «Хабарҳо аз майдони пахта», «Саҳми хонандагон», «Хулосаи хабарҳои мухбирон», ва «Вечерный Душанбе» таҳти гӯшаҳои «18 ударных недель», «Грани соревнования», «Вести из рабочих коллективов», «Вести с завода», «Хроника городских событий» ва амсоли инҳо ба табъ расидаанд, ки аксар дар қолаби жанрҳои

ахборӣ буда, хабар ва мухбирнома нибатан мақоми бештареро касб мекунанд.

Хабар яке аз жанрҳои асосии журналистикаи иттилоотӣ маҳсуб ёфта, ҳануз аз пайдоиши матбуоти даврӣ маъмулу машҳур аст, чунки вазифаи аслии журналистика ба мардум саривақт расонидани навтарин иттилооъи барои ҷомеа муҳим мебошад ва он бештар дар қолиби жанри хабарӣ сурат мегирад. Дар фаъолияти рӯзноманигории Ш. Мӯсо таҳияи хабарҳо аз ҷабҳаи меҳнат зиёдтар ба мушоҳида мерасад. Хабарҳои «Деҳ обод мегардад» [47], «80 тоннаи иловагӣ» [67], «Ҳар як дақиқа ғанимат» [65], «Ба ҳисоби моҳи март» [43], «Ҷушу хуруши корҳои саҳроӣ» [70], «Ба мухбирони фаъол» [42], «Пятидневку в четыре дня» [7], «Ансамбль «Фируз» [1], ки ҳамагӣ дар рӯзномаи «Коммуна» нашр гардидаанд, намунае аз чунин матолибанд.

Ҳарчанд дар аксарияти хабарҳои Ш. Мӯсо навигариҳои коргоҳу заводҳои ҷумҳурӣ инъикос шудаанд, бинобар мухбири штатии нашрияи «Коммуна» будан, дар зери аксар маводди хабариаш пас аз ному насаб «инженер – технолог», «инженер – технолог завода Душанбесельмаш», «колхози «Гулистон» ва ё «колхози «Съезди XXII партия» илова шудааст. Масалан, дар хабари «Деҳ обод мегардад» [47] ободиҳои деҳаи калонтарини колхози «Съезди XXII партия»-и ноҳияи Орҷоникидзеобод, инъикос ёфта, аз нигоҳи навъ хабари кӯтоҳро мемонад, зеро он «маълумоти хурди фарогирандаи ҷузъиёти наве мебошад, ки моҳиятан барои ҳама ва ё қисми муайяни ҷомеа ҷолиб аст» [89, с. 129]. Аз ин хабар хонанда дар бораи дар як муддати кӯтоҳ сохта ва ба истифода додани мактаби 8-сола барои фарзандони меҳнаткашон, гузаронидани газ ба ба хонаҳои як қатор колхозчиён, сангфарш кардани роҳи деҳа ва кашидани хатти водопровод ва амсоли ин иттилоот мегирад. Ба ин монанд, дар аксарияти маводди хабарии Ш. Мӯсо навгонӣ, иттилоъи нав дар бораи самараи кори меҳнаткашону зарбдорони пешқадам аз ҷабҳаи меҳнат мавқеи намоён дорад.

Ҳамкориҳои рӯзноманигории Ш. Мӯсо бо нашрияи «Вечерний Душанбе» бештар ба ҳолатҳои мушаххаси иҷтимоиву иқтисодии заводи истеҳсолии «Душанбеселмаш» марбут буда, зери рубрикаҳои «Эффект рабочего поиска», «Рабочий – звание гордое», «За школьным порогом», «Равнение на праздник победы», «Доброе имя душанбинца», «Рабочие традиции», «Дневник соревнования» ва амсоли ин ба чоп расонида шудааст.

Дар инъикоси ҳолатҳои алоҳидаи дорои моҳияти рӯзмарраи ин завод бештар ба силсилафактҳо такя шуда, Ш. Мӯсо дар такя ба силсилаи мантиқӣ ва арқомии фактҳо ба моҳияту мазмуни мавзуъ аҳаммият дода, паҳлуҳои гуногуни воқеаву ҳодисаҳоро ташреҳу таҳлил мекунад. Чунончи, дар нигоштаҳои «Помощь друзей» [6], «Цель эксперимента – качества» [10], «Четверть века родному заводу» [11], «Добрый старт завершающего» [2] ва ғайраҳо воқеаҳои алоҳида, зуҳурот ва лаҳзаҳои чудогонаи ҳаётӣ инъикосу баррасӣ шудаанд. Дар ин матолиб «дар бораи воқеаву зуҳурот мисли хабар иттилоъ дода намешавад, балки дар асоси асноди мушаххасу муайян моҳияти онҳо фаҳмонида мешавад, аммо фаҳмонидан, шарҳу тавзеҳ ва ё таҳлили ин омилҳо дар ин жанр нисбатан маҳдуд буда, дар заминаи вақту замони муайян ва доираи фактҳои мушаххаси ба ҳам алоқаманд сурат мегирад». Масалан, дар «Добрый старт завершающего» [2] муаллиф аз Паёми Кумитаи марказӣ ба ҳизб ва халқ ва таъкиди иҷрои нақшаҳову меҳнати пурсамар то татбиқи он дар заводи «Душанбеселмаш» иттилоот дода, дар асоси маърифати фактҳои баррасишаванда ва «занҷираи функсионалии - тезис (гузориши масъала) факту далел шарҳу тафсир (баён) – хулоса» [89, с. 144] моҳияти масъаларо шарҳ додааст.

Дар аксар мухбирномаҳои Ш. Мӯсо ҳам аносири жанри хабарӣ ва ҳам таҳлилӣ ба назар мерасад, ки шубҳаи ба кадом гурӯҳи жанрӣ мансуб будани он пайдо мешавад. Аксар мухбирномаҳои Ш. Мӯсо ҳаҷман хурд ва доираи фарогириашон васеъ буда, аз ҷиҳати муносибат ва таҳлил нисбатан эҳсосианд, ҳарчанд дар онҳо таҳлил доманадор аст, аммо он дар заминаи

силсилаи фактҳои ба ҳам алоқаманд шакл гирифта, фаврият мақоми баландтареро касб мекунад. Аз сохтори жанрии чунин нигоштаҳои Ш. Мӯсо бармеояд, ки ӯ аз қонунмандӣ ва хусусиятҳои жанрҳои рӯзноманигорӣ огаҳӣ доштааст. Мавсуф дар яке аз мусоҳибаҳояш ба ин нукта таваҷҷуҳ намуда зикр мекунад, ки бо ташаббуси Раиси иттифоқи журналистони Тоҷикистон Ғ. Қаландаров дар назди университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин –университети дусолаи мухбирони коргар ташкил карда шуд ва 30 нафар мухбирон ба он қабул карда шуданд, ки дар байни онҳо Ш. Мӯсо низ будааст.

Ба мухбирони коргар омузгорони варзидаи соҳа В. Асрорӣ, А. Нуралиев, А. Сонин, раиси бюрои душанбегии Иттифоқи журналистон Х. Ҳамроев, И. Наумов ва як қатор аъзоёни иттифоқи журналистони СССР дарс медодаанд. Аввалин хатми университети дусолаи мухбирони коргару деҳқон соли 1976 рух дода, яке аз хатмкунандаҳо Ш. Мӯсо будааст.

Баъдтар ӯ дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» бо Кароматуллоҳи Мирзо, Ато Ҳамдам, дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» бо Мутеулло Наҷмиддинов, Абдулҳамид Самад, дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бо Меҳмон Бахтӣ, Саттор Турсун, Камол Насрулло шинос шуд, ки ҳамаи онҳоро устоди худ мешуморад [121, с. 459].

Ҷанбаи дигари фаъолияти рӯзноманигории Ш. Мӯсоро таҳлилу арзёбии китобҳои тозанашр дар қолаби жанри тақриз ташкил медиҳад. Тақриз дар эҷодиёти Ш. Мӯсо мавқеи намоён дорад ва хусусан нигоштаҳои пас аз истиқлолияти кишвар навиштаи ӯ дар қолиби ин жанр шакл гирифтаанд. Тақризҳои Ш. Мӯсо асосан дар нашрияҳои «Адабиёт ва санъат», «Садои мардум», «Бочу хироҷ» зери рубрикаҳои «Нақди адабӣ», «Барои дарёфти ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Китобиёт», «Робита, дӯстӣ, ҳамкорӣ», «Тақриз» ва амсоли ин чоп шудаанд.

Муҳаққиқон тақризро аз рӯйи шакл ва хислати нигориш ба «тақриз ташреҳот (анотатсия), кӯтоҳтақриз ва ё китобиёт, тақризҳои калон» [89, с.

139] ҷудо кардаанд. Аксар матолиби дар жанри тақриз нигоштаи Ш. Мӯсо ба навъи китобиёт бештар рабт доранд, чунки дар онҳо асосан, таҳлили фактӣ, танқиди ҷузъӣ ва хулосабарории умумӣ ба назар мерасад.

Шералӣ Мӯсо дар тақризҳои худ аз қабили «Риштаи нур» [53] (Парда Ҳабиб «Риштаи нур». – Душанбе, Адиб. – 2005) (рубрикаи «Нақди адабӣ»), «Барги саломи сабз» [44] (рубрикаи «Барои дарёфти ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»), «Номаи меҳр» [25] (рубрикаи «Китобиёт»), «Саду шаш барг» [56] (рубрикаи «Робита, дӯстӣ, ҳамкорӣ»), «Сирру сеҳри сухан» [59] (рубрикаи «Тақриз»), «Нишони ифтихор» [24] (рубрикаи «Китобиёт»), «Ҷонпайванд» [39] (рубрикаи «Китобиёт»), «Гулвожаҳои зимистонӣ» [71] (рубрикаи «Китобиёт») ва ғайра бештар бо мазмуну мундариҷа, мавзуву ғоя, методу ҷараён, шаклу поэтика, масъалаву муаммоҳои тасвирӣ, сабку услуб, забон, устухонбандиву сюжет, санъату воситаҳои муассирзсози сухан ва монанди ин таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ бештар ба шарҳи мазмуну мундариҷаи асарҳо таваҷҷуҳ намуда, барои ошкор намудани ҳусну қубҳи асарҳои тақризшаванда накӯшидааст. Масалан, дар тақризи «Гулвожаҳои зимистонӣ» [71], ки ба китоби «Зимистони умр»-и Саттор Турсун навишта шуда, зери рубрикаи «Китобиёт» дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» чоп шудааст, Ш. Мӯсо ба иртиботи ҳаёту адабиёт, бозёфти воситаҳои тасвир, сабки баён, ҳунари тасвиргароии адиб, мавзуъ, мундариҷа, ғоя ва қаҳрамонҳои асар, муҳаббат ва садоқати адиб ба Ватан, сиёсат ва эҷод, муносибатҳои миллӣ ва амсоли ин эътибор додааст. Тақризи мазкур ба китобиёт мазмунан монанд бошад ҳам, шаклан ташреҳоте аст, ки бидуни таҳлили ҳунариву бадеӣ шакл гирифтааст. Масалан, Ш. Мӯсо дар бораи корбурди воситаҳои муассири нигорандагӣ сухан ронда, ишора мекунад, ки воситаи тасвир, сабки баён, ҳунари адиб, пеш аз ҳама, ба мазмуну мундариҷа, ба мақсаду ҳадаф тобеъ гаштааст. Ин аст, ки мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии асар хеле баланд аст, аммо ҳар яке аз ин нукот дар такя ба мисолҳо аз асари С. Турсун метавонанд дар чандин саҳафот тасвиру

таҳлил гарданд ва ҳамчунин заминаи баҳодиҳӣ худ аз худ ба вуҷуд меомад. Чунин гиреҳҳои нокушода дар аксар тақризҳои Ш. Мӯсо боис гаштаанд, ки муаррифии одӣ, аммо иттилои нав дар бораи ин ё он асар ҷойи таҳлилу нақди комилро гиранд.

Ҳамин тавр, фаъолияти рӯзноманигории Шералӣ Мӯсо аз давраи муҳассили мактаби олӣ буданаш тавассути ҳамкорӣ ба сифати мухбири штатии нашрияи Ҳокимияти мақомоти маҳаллии ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат) – «Коммуна» шуруъ гардида, баъдтар, дар нашрияҳои ҷумҳуриявии «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистони советӣ», «Вечерный Душанбе», «Адабиёт ва санъат» ва ғайра идома ёфтааст. Таҳлили таносубӣ нишон дод, ки дар лабораторияи эҷодии Ш. Мӯсо фаъолияти рӯзноманигорӣ асосан дар марҳалаи аввали фаъолияти эҷодии ӯ, ки ба охири солҳои 70 ва 80-уми садаи XX рост меояд, бартарӣ дорад. Матолиби рӯзномнигории ӯро дар ин давра асосан хабар, мухбирнома, лавҳа, фелетонгунаҳои ҳаҷвӣ ва амсоли ин ташкил медиҳанд. Дар солҳои баъдӣ дар фаъолияти ӯ публитсистика, бахусус публитсистикаи бадеӣ бартарӣ пайдо кардааст.

**б) Фаъолияти публитсистӣ** паҳлуи дигари эҷодиёти Шералӣ Мӯсоро ташкил мекунад. Ин паҳлуи фаъолияти эҷодии ӯ бевосита ба фаъолияти рӯзноманигорӣ ва робитаи ногусастаниаш бо матбуоти даврӣ пайвандӣ доштааст. Майлу рағбати Ш. Мӯсо ба кори рӯзноманигорӣ, таваҷҷуҳаш ба рӯйдоди воқеиятҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ҳисси дахлпазириаш ба камбудиву бемасъулиятии нафарони алоҳида боис гардид, ки ӯ ба дастоварду норасоиҳои ҳаёт бетараф набошад. Воқеан, чунонки муҳаққиқ А. Саъдуллоев фикри образнок бевосита ё ба восита дилгармии инсонро ба ҳаёт зиёд мекунад ва сухан, махсусан сухани дорои руҳи қавии публитситӣ ба табиату тақозои эҷодӣ набояд ҳеҷ гуна зиндагибезориро талқин кунад. «Шояд яке аз сабабҳои асосии аз воситаҳои ахбор ба адабиёти асил рафтани журналистон ҳам чунин ҷиҳатҳо бошад» [107, с. 45-46].

Чунонки таҷрибаи қаламкашон собит менамояд, дар ҷараён пайдо кардани ҳар гуна кори эҷодӣ тавлиди ин ё он ғоя ва ё фикри иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад. Ба таъбири муҳаққиқ М. Муродӣ, «ин омил барои шахсияти қаламкаш як навъ калидест, ки даричаи илҳомро барояш боз мекунад» [132] ва дар муқоиса бо дигар анвои эҷод ин хусусият дар публитсистика маъмултар аст, зеро ин соҳа аз рӯйи таъиноти худ, пеш аз ҳама, ба рӯйдодҳои воқеии замон, ки аз аҳамияти иҷтимоиву тарбиявӣ бархурдоранд, такя мекунад.

Ш. Мӯсо ҳануз аз солҳои 70-уми садаи XX ба навиштани матолиби публитсистӣ майл намуда, тавассути навиштаҳои шогирдонаи худ ва интишори онҳо дар рӯзномаи маъруфи он солҳо – «Комсомоли Тоҷикистон» қувваозмоӣ кардааст.

Матолиби «Ҳиссаи Сафар-бобо» [68], «Опыт лучше всех» [5] аз аввалин нигоштаҳои публитсистии Ш. Мӯсо маҳсуб меёбанд. «Опыт лучше всех» матлаби таҳлилӣ буда, дар он сатҳи техникикунонии сехҳои заводи «Душанбеселмаш» баррасӣ гардидааст. Дар ин матлаб на фақат иттилооти нав, балки предмети таҳқиқи он масъалаи ҳалталаб буда, муаллиф дар асоси далоилу арқом ва воқеаҳову воқеияти муайян фикр ва ё идеяи умдаро ташаккул додааст. Бинобар ин нигоштаи мазкурро аз нигоҳи жанрӣ ба мақола нисбат додан мумкин аст. Дар аввалин нигоштаҳои Ш. Мӯсо силсилаи фактҳо ва таҳлили хулосавӣ ба назар мерасад, аммо дар нигоштаҳои баъдӣ, махсусан «Опыт лучше всех» [5], сараввал ақидаи эҷодии худи муаллиф, баъдан факт ва таҳлил мушоҳида мегарданд. Дар «Ҳиссаи Сафар-бобо» [68] бошад, Ш. Мӯсо симои Сафар Латифовро тасвир мекунад, ки ба синну солаш нигоҳ накарда, нақшаашро аз 26 кг пахта ба 86 кг мерасонад. Дар ин нигошта хатти тасвир аз корномаи қаҳрамон шуруъ гардида, ба тасвири мухтасари зиндагии пурифтихори ӯ мегузарад. Нигошта ба фабулаи «Вақте ки дар бригада сухан дар бораи колхозчиёни пешқадаму фаъол меравад, аз ҳама пеш номи Сафар Латифовро ба забон мегиранд» [68] шуруъ гардидааст, ки

моҳиятан мақсади аз хислати фарққунандаи инсонии қаҳрамон нақл карданро ифода мекунад. Дар нақлу тасвир на фақат ҷиҳатҳои зоҳирӣ ва унсурҳои тарҷумаиҳолӣ, балки олами ботинии қаҳрамонро ба эътидол гирифтан аст, ки ба табиати лавҳаи портретӣ хос мебошад. Дар лавҳаи мавриди баррасӣ симои қаҳрамон ба андозаи даркорӣ кушода нашудааст ва музаффарияти ӯ барои хонанда мушаххасан маълум намегардад, ҳисси кунҷковии ӯро қонеъ гардонида наметавонад. Ин камбудӣ дар аксар асарҳои публитсистии ба забони тоҷикӣ чопшудаи Ш. Мӯсо ба назар мерасад. Ба назари мо ин бесабаб нест. Ӯ дар яке аз суҳбатҳо бо мо ишора кард, ки он замон бештар бо забони русӣ менавишт ва ҳатто боре замони котиби ҳизбӣ буданаш, дар маҷлисе хоҳиш мекунанд, ки бо забони тоҷикӣ ҳарф занад, аммо ӯ бо як азоб аввал русӣ фикр карда, баъд онро тоҷикӣ баён мекунад. Ба ҳамин сабаб дар аксар осори публитсистии солҳои аввали Ш. Мӯсо истифода шудани калимаҳои услубашон баланд, то андозае сохта ва хушк бармадани сохтани вожаҳои нисбатан нав – аз ҳамон русӣ андешидану баъд ба тоҷикӣ баргардониданҳои навиштаҳои ӯ сарчашма гирифтааст.

Дар публитсистикаи солҳои 1980-уми Мӯсо бо шарофати таҳриру ислоҳдарориҳои муҳаррирони пуртаҷрибаи нашрияҳои даврӣ, хусусан рӯзноманигорони «Комсомоли Тоҷикистон» нуқсонҳои забониву тасвирӣ тадриҷан кам гардида, вижагиҳои жанриву мундариҷавии нигоштаҳояш таносубан ба ҳам иртиботи қавӣ пайдо кардааст. Бахусус дар нигоштаҳои публитсистии «Вохурӣ» (1983), «Сабақи нахуст» (1984), «Кӯҳнавард» (1984), «Роғун – майдони диловарӣ» (1985), «Акси ҷовид» (1986), «Файзи азнавсозӣ» (1986), «Файзи бозсозӣ» (1986), «Тулуи нав» (1986), «Меҳри фарзанд» (1986), «Як шаби моҳтобӣ» (1987), «Ҳаваси якрӯзаю кори якумра» (1987), «Коргар ва мураббӣ» (1988), «Роҳати ранҷ» (1988) ин ҷиҳатҳо ба худ хеле хуб тавъам омадаанд. Ба ин манзур, дар матолиби публитсистии замони шуравии Ш. Мӯсо як махсусияти вижаро мушоҳида мекунем. Ин вижагӣ ташаккул ёфтани ҳунари нигорандагии Шералӣ Мӯсо аст, ки аз нигошта ба нигошта бармало

намудор мегардад. Раванди ташаккул ва рушди қобилият ва ҳунари нигорандагии Ш. Мӯсоро адибону муҳаққиқон А. Ҳамдам, А. Саъдуллоев, М. Муродӣ, Ш. Солеҳ, Ҷ. Акобир ва дигарон низ дарёфта, дар мавридҳои гуногун ишораҳо намудаанд. Ба ақидаи Мурод Муродӣ Шералӣ Мӯсо аз зумраи эҷодкороне ба ҳисоб меравад, ки «истеъдодаш дар муҳити заводу коргоҳи саноатӣ зуҳур ёфта, фаъолияти эҷодиашро бо рӯзноманигориву ҳаҷвнигорӣ шуруъ намудааст» [92, с. 456]. Ҳамин муҳаққиқ дар ҷойи дигар зикр мекунад, ки ҳарчанд Ш. Мӯсо ба публитсистика дертар ворид шудааст, дар даврони истиқлол аз фаъолон ва сермаҳсултарин қаламкашон ба шумор меравад.

Публитсистикаи Шералӣ Мӯсо аслан дар қолаби жанрҳои очерку лавҳа ва қиссаҳои ҳуҷҷатӣ ташаккул ёфта, дар доираи ин имконоти жанрӣ ва ҳунарӣ нигоранда ба масоиле, ки мавриди таваҷҷуҳаш қарор гирифтаанд, таваҷҷуҳ намудааст. Фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо ҳамчун адиби публитсист, дар китобҳои алоҳидаи ӯ бо забонҳои тоҷикиву русӣ инъикос ёфтааст.

Шералӣ Мӯсо дар аввалин нигоштаҳои публитсистиаш бештар доир ба масоили мубрами ҷамъиятӣ, ки ба ахлоқи одамон марбут аст, таваҷҷуҳ намудааааст. Масалан, ӯ дар лавҳаи «Меҳри фарзанд» [50] рафтори номатлуби як падари майзадаро аз тарафи фарзандаш танқид ва дар бандубасти сужа ба ду нуқтаи кулминатсионӣ такя кардааст. Агар нуқтаи якум, ин ҳамчун зиёӣ ва ғамхори ҷамъият муаррифӣ кардани омузгор бошад, нуқтаи дуюм ба зери тозиёнаи танқид кашидани майзадагӣ аст. Адиб дар баррасии ин нукот тавонистааст роҳи раҳоӣ аз ин маразро нишон дода, ба ҳалли як масъалаи доғ нуқта гузорад. Ин лавҳа аз зиндагии воқеӣ канда набошад ҳам, аз бадеияту саҳнасозӣ орӣ нест. Дар нигоштаҳои дигараш, ки ба ҳақиқат наздик ва дар қолиби жанри лавҳа иншо шудаанд, хатти сужа ва тарзи ҳалли масъала бештар вомехурад.

Шералӣ Мӯсо дар нигоштаҳои минбаъдааш оҳиста-оҳиста аз ифшои проблемаҳо ба кашфи бархурди руҳи инсонҳо мегузарад. Ин тарзи масъалагузорӣ, бахусус дар нигоштаи «Файзи бозсозӣ» бармало намудор мегардад. Дар ин матлаб ба истилоҳи худи муаллиф «ду коллектив – ду руҳияи психологӣ дар яке виҷдон бедор, дигаре дар хоб» [63] ба ҳам мубориза мебаранд ва, албатта, ҳақ бар ботил ғолиб мегардад. Очерки «Як шаби моҳтобӣ» доир ба қаҳрамонии як ҷавони тоҷик Наҷмиддин Соибов нақл мекунад, ки барои ёрӣ ба аскарони афғон бо медали «Барои шуҷоат» сазовор гардидааст. Ҳарчанд сужаи очерк барои нишон додани портрети қаҳрамонии як нафар хизмат мекунад, аммо дар паси он симои як ҷавони тоҷик, ки дар оилаи коргари одӣ ба дунё омадаву худ барои ояндааш талош мекунад, меистад. Очерк дар назар сода ва ҳатто ғайриодӣ намояд ҳам, қаҳрамони он шахси зинда ва қаҳрамонии ӯ ҳақиқати маҳз аст. Муаллиф низ гуфтан мехоҳад, ки дар ҳаёт ҳатто чизи одӣ, аммо некхоҳона ҳам метавонад наҷотбахш бошад. Муҳаққиқ Равшани Ёрмуҳаммад оид ба қолиби жанрии осори публитсистии замони шуравии Шералӣ Мӯсо андешаронӣ намуда таъкид мекунад, ки ӯ «ба масъалаи ҳақиқати иҷтимоии воқеаҳо диққати ҷиддӣ медиҳад. Он чӣ ки мо мехонем ва пеши назарамон ҷилва мекунад, аз зиндагии солҳои шасту нави асри гузашта аст» [126].

Ба ҳамин мазмун, дар силсиламақолаҳои «Тулуи нав» [61], «Файзи бозсозӣ» [63] падидаи дар ҳамон замон нав, ки баъдтар бо номи бозсозӣ машҳур гардид, мавриди таҳлилу баррасиҳои публитсистӣ қарор гирифта, муносибату мавқеи муаллиф ба ин падида муайян шудааст. Ба ин мазмун, муаллиф дар «Тулуи нав» [61] матлабро аз зикри суханронии М. С. Горбачев дар Владивосток ва танқиди ӯ ба унвони раиси комиҷроияи шаҳр барои даҳ сол дар навбат истодани мардум ҷиҳати соҳиби хона шудан шуруъ карда, ба таври куҳна қадам гузоштани раиси комиҷроияро дар давраи азнавсозӣ зери тозиёнаи танқид гирифта бошад, пас дар давоми он хатти сужаро ба Иттиҳодияи истеҳсолии матоъҳои пахтагини Душанбе рабт медиҳад ва ба

мақсад наздик шуда, проблемагузорӣ мекунад. Ҳамин тариқ, Шералӣ Мӯсо аз нигошта ба нигошта ба ифшои мӯшикофонаи камбудиҳо, боҷуръатона гуфтани онҳо ва қатъиян талаб кардани ҳалли проблемаҳо мегузарад.

Публитсистикаи Шералӣ Мӯсо аслан дарбаргирандаи мавзуоти истеҳсолот ва чеҳраҳои кору пайкор аст, чунки ӯ бевосита шоҳиди корзори меҳнат буд ва ин муҳитро бевосита мушоҳида мекард, ба моҳияти воқеаҳо жарфтар сарфаҳм мерафт ва аз маърифати онҳо далелҳои мушаххас пайдо мекард.

Шералӣ Мӯсо тариқи чопи китобҳои алоҳида бо забонҳои тоҷикиву русӣ, ки зикрашон дар боло рафт, дар фазои публитсистикаи тоҷик ҳамчун адиби публитсист шуҳратёр гардидааст. Дар ин фазо публитсистикаи Шералӣ Мӯсо, тавре муҳаққиқ А. Саъдуллоев дарёфтааст, бо се ҷиҳат фарқкунанда аст: «қаҳрамонони ӯ аз адабиёт, гуфтори шоирона вуқуфи комил доранд, аз зарбулмасалу мақол, пораҳои шеърӣ, андарзҳо фаровон истифода мебаранд; дар нигоштаҳои ӯ симфонияи факт бақувват ва муҳташам аст. Баъзе маврид далел ё нишондиҳанда ҳамели нақли муассирро ташкил медиҳад; сюжети очеркҳои нависанда бо объекти тасвир алоқаи ногусастанӣ дорад» [153].

Ин аносир дар асарҳои «Ошёни уқобон» [27], «Мардистон» [21], «Президенти мо» [28], «Достони Роғун» [15], «Ҷасорат» [37] нисбатан афзалият доранд. Масалан, дар «Достони Роғун» [15] ба чунин саҳна вомехурем, ки далели ин гуфтаҳост:

«Сармад бо ифтихор идома дод:

– Ва боз на танҳо сояи сари мо, балки такягоҳамон низ ҳастанд. Агар инсон такягоҳ надошта бошад ба ҷое намерасад.

Ӯ барои тақвияти фикри худ хонд:

Такягоҳе ҳаст ҳар касро, ки бар пой аст рост,

Соя ҳам бе такяи девор аз ҷо барнахост» [15, с. 54].

Албатта огоҳӣ аз шеъру адабиёт хуб аст, аммо аз забони як коргари одӣ намо додани донандаи хуби адабиёт каме муболиға аст, ки нобоварии хонандаро ба миён меорад.

Вижагии дигари осори публитситии Шералӣ Мӯсоро ҳодисаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ин гуна нигориш дар асарҳояш «Достони Роғун» ва «Маҷмааи ифтихор» пурқувват аст. «Достони Роғун», чунонки аз номаш маълум аст, дар бораи сохтмони бузурги аср Неругоҳи барқи обии «Роғун» аст, аммо корнамоиҳои коргарон ва сардари давлатро публитсист ҷо-ҷо беихтиёр тасвир мекунад, яъне, ӯ дар пасманзари ҳамаи бунёдкориҳо Эмомалӣ Раҳмон, хусусан ташаббусҳои созандаи ӯро мебинад. Дар «Маҷмааи ифтихор» воқеаҳои тирамоҳи соли 2014 дар шаҳри Ваҳдат суратгирифта ва далериву шуҷоати Президенти кишвар ва раиси вақти шаҳри Ваҳдат дар гирифтани пеши роҳи ошӯбгарон инъикосу тасвир шудааст. Ин гуфтаҳо далели онанд, ки Шералӣ Мӯсо набзи ҳаёти ҷамъиятро зуд дарк карда, аз ҳар як воқеаи фараҳбахш ва воқеияти мубрам илҳом мегирад, мавзуъ меёбад, аз он сужа мезозад ва бо пафоси баланди эҷодии публитсистӣ шаҳомати воқеаву воқеиятва дараҷаи шаҳрвандиашро ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи маданӣ нишон медиҳад.

Шахсияти як фард, хусусан, агар ӯ эҷодкор бошад, ҳангоми мавриди баррасӣ қарор додани хӯю хислат ва маҳсули заҳмати ҳамзамонон дар зиндагӣ возеҳ зоҳир мешавад. Дар ин маврид таҳлилу баррасӣ ва баҳогузориҳои ӯ бояд холисонаву содиқона сурат гирад. Шералӣ Мӯсо ҳангоми таълифи асараш «Президенти мо» ҳамин ҷиҳатро ба эътибор гирифта, дар тасвири симои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муваффақ низ шудааст, чунки ӯ дар тасвири корномаи қаҳрамон хаёлбофӣ, суханбозӣ, сохтакорӣ ва тамаллуқ намекунад балки барои тақвияти гуфтааш аз воқеият, санаду далелҳои муътамад корбурд мекунад.

Қатъи назар аз он ки публитсистикаи Шералӣ Мӯсо аз аносири бадеӣ орӣ нест, он инъикоскунандаи ҳақиқии воқеиёти давру замони муайян

мебошад. Осори ӯ мавзуъҳои мубрами рӯзро фаро гирифта, бо вуҷуди саҳнасозиву образсозӣ ва бархе нуқсу камбудиҳо публитсист аз мавзуъ канораҷӯйӣ намекунад, балки бо истифодаи аносири гуногуни ҷолиб ва муассир суханашро вусъат мебахшад ва ҳадафашро равшантар мекунад. Доманаи масъалаҳои мавриди баррасӣ қарордодаи Ш. Мӯсо фарох буда, аз имконоти эҷодии публитсистӣ хуб истифода бурдааст.

**в) Фаъолияти нависандагӣ.** Шералӣ Мӯсо аз зумраи адибонест, ки мактаби бузурги публитсистика ва адибиро дар фаъолияти эҷодиаш пайванд намуда, ба муваффақиятҳои зиёде дар ин ҷода ноил гардидааст. Бархе қиссаву ҳикояҳои ӯ дар матбуоти даврӣ дарҷ гардида бошанд ҳам, Шералӣ Мӯсо тариқи чопи асари бадеияш «Суг» [34] ва пас аз он «Осоиш» [26], «Тулуъ дар ғуруб» [72], «Қомати сабзи имон» [20], «Қиссаи баҳорӣ» [19], «Чеҳраи модар» [36], «Ситам» [33], «Як қисса бо се забон» [40], «Вақти гули себ» [14] аз маҳорати хуби нависандагии худ дарак дод.

Дар робита ба вижагиҳои осори бадеии Шералӣ Мӯсо, пеш аз ҳама, замонавӣ ва ба ҳаёт мутобиқ будани онҳоро зикр кардан лозим аст. Иртиботи нависанда бо зиндагӣ ва меҳнату муборизаи халқ дар роҳи ободию осудагии ҷумҳурӣ ва беҳбудии рӯзгор хеле мустаҳкам мебошад. Шералӣ Мӯсо аз як асар то асари дигар ҳамчун нависандаи публитсист такомул меёбад ва ҳунари қаламкашӣ, назокату латофатҳои он, бахусус нозукиҳои забон, сеҳри суханро меомузад, аммо таъсири овардани силсилаи фактҳо ва нисбатан камобуранг тасвир кардани матни публитсистӣ боис шудааст, ки баёну тасвир ва корбурди санъатҳои сухан дар як сатҳ наомадаанд. Муҳаққиқ Ҷонибек Акобир дуруст ишора мекунад, ки бештари қаҳрамонони Шералӣ Мӯсо, ки аслан одамони одианд, ба зиндагӣ бо ихлосу самимияти худ маънову мазмун мебахшанд ва «ба ин васила дар замири хонандаи ноогоҳу дилмонда фаҳму фаросати худшиносӣ ва шаҳди барои ҳақиқат талош карданро эҳё месозанд» [72, с. 3] ва ин мазмун дар бисёр асарҳои ӯ мушоҳида мегардад.

Ҳикояву қиссаҳои Ш. Мӯсо аслан асоси ҳаётӣ дошта, аз рӯзгори худи нависанда маншаъ мегиранд. Агар Ш. Мӯсо дар очерк задухурдҳои маънавию ботиниро дар истеҳсолот, иншоотҳои бузурги замон, ҳодисаҳои нави таърихӣ ба тасвир гирад, дар ҳикояву қисса оид ба масъалаҳои ахлоқ, неруи маънавии инсон, фикру андеша меронад. Чизеро, ки дар очерк гуфтанаш имкон надорад, дар доираи дигар жанрҳои адабӣ васеътар ва дигаргунтар устухонбандӣ мекунад. Бинобар ин, осори бадеии Ш. Мӯсоро аз ҷиҳати ғоявию мавзуӣ ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ;
2. Тасвири руҳияи баланди инсонгароӣ.

Масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ дар осори бадеии Шералӣ Мӯсо хисоилеро аз қабили одаму одамгарӣ, муҳаббат ба Ватан, мақоми шахс дар ҷамъият, орзуву омол, худшиносӣ, дарки олами ботинии инсон, муносибати хуби ҳамдигарӣ, дар сафари умр ҳамнафас буданро дар бар гирифта, дар меҳвари аксар қиссаву ҳикояҳои ҷудогона мушоҳида мегарданд. Бесабаб нест, ки яке аз ҳикояҳои ӯ «Рози зиндагӣ» унвон гирифтааст. Ин гуна масоил дар ҳикоёте чун «Қассоси зангбаста», «Дуои бад», «Барги сабз», «Асои Рӯдакӣ», «Сарамард», «Саги нафс», «Исёни Аскар», «Чеҳраи модар», «Осоиш» ба хубӣ таҷассум ёфтаанд. Махсусан дар қиссаи «Осоиш» [26] тору пудро ахлоқу одоб, проблемаҳои оилавӣ, тарбия, пешгирии нашъамандию нашъаҷаллобӣ ва оқибати пурфоиҷаи он фаро гирифтаанд. Адиб тавассути қаҳрамони асосии асар – Бозоргули бахтбаргашта дарду доғҳои ҳаёт, мушкилоти ҷомеаро инъикос кардааст. Шералӣ Мӯсо дар тасвири воқеаҳо, характери қаҳрамонони қисса аз васоити ҷолиб истифода карда, оқибати фоҷиабори қочоқи маводди мухаддирро дар мисоли Бозоргул нишон додааст.

Аммо қиссаи «Тулуъ дар ғуруб» [72] аз зиндагии олуда ба ишқи ноком ва макру фиребу найранги замон сарчашма гирифта, мавзуи онро метавон анъанавӣ номид, вале анъанае, ки тобиши замонӣ дорад. Ин анъанаи замонавӣ барои хондан омадани Нозанин ном духтари деҳотӣ ба шаҳр ва

фиреби ӯ аз ҷониби ҷавони булҳавасе чун Сафо аст, аммо қаҳрамони нависанда барқасди сахтиҳои ба сараш омада умедро аз даст намедиҳад ва муваффақ ҳам мегардад. Дар ҳикояи «Барги сабз» [20, с. 219-233] бошад, яке аз хислатҳои зишти инсонӣ – носипосӣ ва кӯрнамакӣ дар симои қаҳрамони марказӣ – Сангин тасвир меёбад. Сангин шахси носипосе асту бо андаке ҷоҳу ҷалол ёфтан тамоми некиҳои дигаронро фаромуш мекунад, ҳатто шахсеро, ки ба ӯ кору ҷоҳу ҷалол додааст. Қиссаро адиб бо беқадриву беобрӯии чунин инсон дар ҷомеа ҳусни фарҷом мебахшад, ки як андоза хонандаро ба фикр кардан водор месозад. Накӯҳиши чунин ахлоқи номатлуби инсонӣ дар ҳикояи «Пахта» низ мавқеи хос дорад, ки аз ногуфтаҳои замони шуравии адиб маҳсуб меёбад. Ҳарчанд дар меҳвари ҳикоя накӯҳиши беқадрии инсон ва мағруриву худписандӣ меистад, аммо забони пурмутоибаи ҳикоя ҳодисаву воқеаро гуворо ва ширин манзур гардонидааст.

Дар ҳикояи «Сарамард» Виқорбой тасвир шудааст, ки дар сурат мард аст, вале дар ботинаш аз мардӣ нишоне дида намешавад ва дар баръакси ана ҳамин гуна мард адиб зани ӯ Гулчатойро тасвир мекунад, ки дар хона ҳам мард асту ҳам зан.

Дар радифи барасии масъалаҳои иҷтимоӣ ҷанбаи дигари ғоявии осори бадеии Ш. Мӯсоро тасвири руҳияи баланди инсонгароӣ ташкил медиҳад, чунки дар робита ба масъалаи мазкур, таваҷҷуҳи аксар адибон, аз ҷумла Ш. Мӯсоро пеш аз ҳама омилҳо ва сабабҳои ба садамаи сиёсӣ дучор омадани давлати абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ, зуҳури низоъҳои минтақавӣ ва хосатан, дигаргун ва иваз гардидани арзишҳои ахлоқию маънавии ҷомеа ба худ ҷалб сохт. Дар ин замина, дар насри муосири тоҷик ҳам як силсила асарҳои хурду бузурге ба вуҷуд омаданд, ки онҳо дар маҷмуъ манзараи умумии таҳаввулоти таърихию сиёсӣ, табдили арзишҳо, дигаргуншавии низоми идоракунии ҷомеа ва амсоли инро бозтоб менамоянд. Ба ақидаи адиби иҷтимоигаро Ҷонибек Акобир «дар замони имрӯз, барои хонандае, ки вақт ва қадри худро дӯст медорад, ба назарам, тафсилот ва ташреҳи авзо ва

руҳияи қаҳрамононро ба қазоват ва шинохти хонандаи огоҳ ҳавола кунанд, хубтар аст» [121, с. 22], аммо, аз он сабаб ки эҷодиёти Ш. Мӯсо аз адабиёт ва публитсистика маншаъ мегирад, тасвири ботафсили воқеоти бадеии оҳанги публитсистидошта бевосита тақозои доираи баёни андеша мебошад.

Тасвири руҳияи баланди инсонгароӣ дар як қатор осори бадеии Ш. Мӯсо аз қабили «Суг» [34], «Тулуъ дар ғуруб» [72], «Қиссаи баҳорӣ» [19], «Ситам» [33], «Исёни Аскар» [36, с. 171-181], «Дӯсте дорам ҷонӣ» [36, с. 305-310] ва ғайраҳо мушоҳида мегардад.

Дар қиссаи «Суг» [34]-и Ш. Мӯсо пеш аз ҳама масъалаҳои шиноси рӯзгори адиб – даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ ва беқадрии инсон тасвир шудааст. Рисолати адиб дар таҳлили амиқи образҳо, тасвири воқеии ҳақиқат ва зиддиятҳои иҷтимоию маишӣ, ки дар рӯзгори муосирон ба амал омадаанд, зуҳур карда, руҳияи бархурди наслҳо аз назари муаллиф дур намондааст. Дар қиссаи мазкур образи Бобои Расул иштирокчии ҶБВ, шахсе ки аз касофати ҷанг натавонист соҳиби фарзанд шавад ва тамоми умр барои ободии Ватан кӯшид, тасвир шуда, дар пасманзари он носипоси фарзандхонди ӯ Зафари Саид, ҷавони орденфурӯш ва милисае, ки боиси марги мӯйсафед гардид зери таҳлили бевосита қарор гирифтаанд. Адиб бо баҳамории ҳодисоту воқеот ба хонанда ишора мекунад, ки онҳоеро бояд қадр кард, ки барои ободиву осудагӣ заҳмат кашидаанд. Ин мавзуъҳо мансуб ба як давру замони мушаххас ва арзишҳои виҷдониву ахлоқии як насли муайян мебошанд. Ш. Мӯсо бо истифодаи факти таърихии публитсистӣ ва тахайюли бадеӣ ҳамин арзишҳоро ҳамчун фарзанди замон дар хотираи вақт сабт месозад. Ҳамин аст, ки муҳаққиқ М. Муродӣ дар қатори дигар адибони публитсист Ш. Мӯсоро ҳамчун «инкишофдиҳандаи мактаби публитсистикаи бадеӣ» [91, с. 242] ворид мекунад.

«Тулуъ дар ғуруб» [47] бошад қиссаест, ки хонанда зимни мутолиа бе хастагӣ ба воқеаву ҳодисаҳо таваҷҷуҳ намуда, аз он ҷузъиёти ахлоқии ибратбахшеро пайдо карда, ҳамаро чунин дидан мехоҳад. Шералӣ Мӯсо дар

бандубасти воқеаҳо, масъалагузорӣ, тасвири муҳимтарин падидаҳои иҷтимоӣ, хусусан тасвири руҳияи баланди инсонии халқу ҷомеа ҳунарвар аст. Дар қисса ду образ – Умед, оне, ки бо қадри имкон дастгири Нозанину фарзандаш асту Сафо – ҷавони булҳавасе, ки пас аз ҳомиладор шудани Нозанин ӯро дар нимароҳ мемонад, қиёс гардидаанд. Дар образи Умед адиб ба маънои томаш марди ҳақиқиеро тасвир мекунад, ки як духтари ҳомила ва бекасукӯйиро дастгирӣ карда, дар хонаи хоҳараш ҷой медиҳад, кор меёбад ва дар тамоми лаҳазоти мушкили зиндагӣ бе ягон ғараз дар бари ӯст. Шояд мавҷудияти чунин як нафар ба назари кас афсона тобад, аммо Шералӣ Мӯсо дар ҳамин маврид таъкид месозад, ки дунё инсонҳои хуб ҳам дорад ва маҳз онҳо дар пойдории адлу инсоф ҳиссагузор буда, руҳияи ободкории инсониро як андоза намо медиҳанд.

Аммо дар «Қиссаи баҳорӣ» [19] адиб баръакси қиссаҳои боло дар хатти тасвир ду образи ба ҳам зид – нозири роҳ, шахси ҳақҷӯву ҳалолкор Султон Назирзода ва ронандаи фасодкору қонуншикан Зиё Олимуфро муқобили ҳамдигар гузошта, мунозираи ҳаққу ботилро тасвир мекунад. Ба эроди «Шумо қоидаи роҳро вайрон кардед»-и Назирзода Олимуф ҷавобе медиҳад, ки барои шинохти шахсияти ронанда нуқта мегузорад: «Қоида, қоида, - писханд зад ронанда. – Қоида барои он аст, ки вайрон кунӣ. Ё гапам нодуруст?» [19, с. 90].

Ҳамзамон ба аксар асарҳои Шералӣ Мӯсо диққат диҳем, дар онҳо манзараҳои табиат, тулуъ ва ғуруби офтоб, тасвири фаслҳои сол ва амсоли ин мушоҳида мегардад, «агар ба моҳияти ин пейзажҳои рамзӣ – аёс, зимистон, абр, навбаҳор, офтоб диққат намоем, маълум мешавад, ки онҳо вазифаҳои гуногуни ғоявию услубиро адо менамоянд» [121, с. 334] ва дар ин манзараҳои рамзию умумӣ бештар руҳияи омма ва тасаввуроти ӯ буруз кардааст. Ин ҷо қиссаи «Ситам» [33] низ истисно нест, ҳарчанд дар он роҳи пурпечутоби зиндагӣ, пастиву баландиҳо ва тай кардани онҳо аз ҷониби инсон, ки худ имтиҳони бузургест, мавриди баррасӣ ва тасвир қарор гирифтаанд.

Махсусияти қисса дар он аст, ки қаҳрамони сирф мусбат ё манфӣ мавҷуд нест. Муаллиф ин ҷо аз рӯйи мақоли халқии «як ганда чанд хубӣ ва як хуб чанд гандагӣ дорад» амал кардааст. Дар асар Ситам монанди як қотил ба дунё омада буд ва модар ӯро натавонист озод, сабук, ва табиӣ таваллуд кунад. Табибон ӯро аз батни модар бо ҷарроҳӣ ба дунёи рӯшан оварданд. Чунин шуруъ мегардад қиссаи зиндагии Ситаме, ки бо ситам ва дард ба дунё омада буд. Зиндагии пурфоҷиаи худи Ситам, ки сарфи назар аз муқобилияташ падару модар ба шавҳар доданд ва рӯзи хуш надид. Пас аз латукӯбҳои зиёд ва марги модар шавҳараш Ситамро талоқ медиҳад ва бо монеаи моиндар падар ӯро ба хона роҳ намедиҳад. Бо ҳамин зиндагии пурфоҷеаи Ситам сар мешавад. Сараввал ба дасти Гург меафтад. Гург ба гуфти худаш «дузди қонунӣ» аст, аммо Шералӣ Мӯсо ӯро мазаммат намекунад ва ба гузаштаи ӯ менигардад, ки чӣ боиси чунин шудани ӯ гаштааст ва маълум мегардад, ки марги падару модар ва ҳамроҳ шудан бо нафарони бадахлоқ аз Гургалӣ Гург сохтааст. Ҳарчанд, маҳаки ҳодисаву воқеаҳо ин ҷо барҷаста аст, «манзараҳои аз ҳад зиёд ҳиссӣ мавриди тасвир қарор ёфтанд» [97, с. 28], ки ин навъ офариданҳо дар аксар асарҳои хусусияти бадеидоштаи Ш. Мӯсо вомехуранд.

Дар қиссаи «Исёни Аскар» бошад, Ш. Мӯсо нобаробариҳои иҷтимоиро мӯшикофона тасвир ва мазаммат намудааст. Нависанда писарбачаи хурдсолеро махсус қаҳрамони асосӣ қарор дода, кореро ба дӯши ӯ мегузорад, ки ҷамъият бо тамоми неруяш наметавонад аз уҳдааш барояд. Аскар бар зидди ҳама муфтхурону мансабдорони ноаҳл шӯрида, дар замираш ҳисии бародарию баробарӣ ҷуш мезанад ва сари чунин як хулосаи сангин омадани як писарбача таъкиди бевоситаи нависанда ба ноадолатиҳо ва руҳияи созандаи як узви хурд, аммо комилҳуқуқи ҷомеа аст. Адиб, ҳатто изтиробу хавотирии модарро ба инобат гирифта, қисаашро чунин ба итмом мерасонад, ки изтироби шадиде дили модарро фаро гирифт. Бо мансабдоре сар ба сар шудан кори саҳл набуд:

«– Писарам.

– Суханамро набуред! Қасам ба номи Худо хурда, мегӯям, ки то Раис ҷазо нагирад, аз поён то боло ягон идора намемонад, ки наравам!

Шуҷоати писар ба модараш таъсир кард. Вай ба худ омад ва бо эҳтиром ба писараш нигарист ва аз пешонааш бӯсид» [36, с. 181]. Аммо чунин корномаофарӣ дар симои як наврас муболиға буда, чунин қаҳрамониҳо дар фаҳмишу дарки як кӯдак ва чунин як ҷомеа номувофиқ аст.

Ҳамин тавр, Шералӣ Мӯсо дар баробари инъикосу тасвири воқеияти иҷтимоии замони худ фақат ба ҷанбаи публитсистии онҳо таваҷҷуҳ нанамуда, онҳоро дар бофтори бадеӣ ба хатти тасвир кашидааст. Осори бадеии Ш. Мӯсо мавзуъҳои муҳиму мубрами замони муайянро фаро гирифта, ҳам аз воқеияти ҳаётӣ ва ҳам аз аносири ҳунариву бадеӣ бархурдоранд, аммо мебоист ҳодисаҳо ботаанӣ тасвир шаванд, чунки аз аввал ба тасвири батафсил ва доманадори ҳаёт кӯшидан боиси рушди малакаву маҳорати эҷодӣ ва дарки маърифатии бадеии муаллиф мегардид.

**г) Фаъолияти ҳаҷвнигорӣ.** Дар адабиёт ва публитсистикаи ҳаҷвӣ хандонидан аз рисолати аслӣ маҳсуб ёфта, аксари қаламкашон кӯшиш намудаанд, ки дар ин ҷода қувваи худро озмоянд. Дар ҳаҷв ҳақиқате гоҳо талх ҷило медиҳад. Бинобар ин дар ҷамъияти суннатии шарқиёнаи мо на ҳама, ба маънои томаш, дар хандонидан муваффақ гардидаанд. Ин кор ҷуръат ва маҳорати хоссаеро талаб менамояд. Ҷуръати камбудиро ёфтан, ошкор сохтан, гуфтан ва ҳунари онро бо ҳаҷв ба тасвир кашидан кашидан, ки худ маҳорат аст. Аммо ин ҷо манзур аз маҳорат, маҳорати касбии як ҳаҷвнигор аст, ки на дигарон аз ӯ меранҷандна ӯ дар таънаву маломати дигарон гирифтор мешавад. Таҷрибаи ҳаҷвнигории Ш. Мӯсо ҳануз аз аввали солҳои 70-уми асри гузашта дар нашрияи «Коммуна» тариқи тарҷумаи латифаҳои русӣ зери рубрикаи «Табассум» шуруъ гардидааст.

Бештари нигоштаҳои ҳаҷвии Шералӣ Мӯсо дар матбуоти даврии солҳои 80 ва 90-и асри XX ба табъ расидаанд, аммо бори аввал ӯ дар

рӯзномаҳои «Оинаи зиндагӣ» [66] ва «Паёми Душанбе» [35] ҳамчун ҳаҷвнигор муаррифӣ гардид. Баъдан соли 1998 маҷмуаи ҳикоёти ҳаҷвиаш бо номи «Дурбин» [17] интишор гардид. Ҳаҷвиёти ӯ бештар ҷанбаи бадеӣ дошта бошанд ҳам, танқиду мазаммат ва писханду ришханди камбудиҳои иҷтимоӣ дар онҳо кам нест.

Ӯ дар ҳаҷвияҳояш мушкилоти рӯзро кушоду равшан ироа карда, нуқсону камбудиҳои ҳамзамононашро зери пардаи ҳаҷв мазаммат кардааст. Зимнан, соли 1998 маҷмуи ҳикояҳои ҳаҷвии ӯ бо номи «Дурбин» [17] ва соли 2022 маҷмуаи ҳаҷвиёташ бо номи «Бахшиши тоҷикӣ» [12] ба табъ расиданд. Шералӣ Мӯсо ҳануз аз солҳои 80-уми садаи ХХ ба навиштани ҳаҷвияҳо мароқ зоҳир намудааст. Ӯ дар мусоҳибааш бо Анзурати Маликзод қайд намудааст, ки «аслан ба ҳаҷв рӯ овардани ман тақозои замон буд. Аз тарафи дигар, аз кӯдакӣ зиндадилу некбин ҳастам. Ҳеҷ гоҳ аз ноомаде ва ё мушкилие руҳафтода намешавам. Ҳазлу шӯхиро дӯст медорам» [129]. Дигар муҳаққиқиони соҳа Ш. Мӯсоро марди зиндадил ва некбин арзёбӣ мекунанд, ки ин руҳия дар нигоштаҳои рӯзмарраи публитсистӣ, силсилақиссаҳои ҳуҷҷативу бадеиаш ба мушоҳида мерасад, ки аз нақлу ҳикояҳои аҷоиб ва лутфу мутоибаҳои ғалатӣ бархурдоранд.

«Дурбин» [17] нахустин маҷмуаи ҳаҷвии Шералӣ Мӯсо аст, ки нашриёти «Адиб» соли 1998 ба табъ расондааст. Нависанда дар ин маҷмуа қариб дар ҳамаи жанрҳои ҳаҷв нигошта дорад. Муҳтавои ҳаҷвияҳо фарогири паҳлуҳои мухталифи зиндагӣ, саргузашти одамони дорои мақомҳои гуногун, хислату рафтори ношоистаи ашхоси дурӯя, фиребгар, танбал, дурӯғгу ва ғайра мебошад. Шералӣ Мӯсо бо чопи ин маҷмуа нишон дод, ки рӯзгор ва паҳлуҳои мухталифи онро то андозае медонад ва аз рафтору кирдори ҳамзамононаш воқиф аст. Дар китоби «Дурбин» [17] 114 ҳикояи ҳаҷвӣ, 102 латифа ва силсилаи «Хомпазҳо» ҷой дода шудаанд.

Латифаҳои дар «Дурбин» ҷойшуда кӯтоҳ, аммо муъҷазанд ва муаллиф дар чанд ҷумла тавонистааст завқи хонандаро бедор кунад. Ин тарзи

ҳаҷвнигорӣ дар адабиёти мо нав нест. Шералӣ Мӯсо аз таҷрибаи латифанависии Убайди Зоконӣ хеле хуб истифода бурда, онро ба руҳияи замон мутобиқ сохтааст ва муҳаққиқи публитсистикаи ҳаҷвӣ М. Муродӣ бар он аст, ки «Убайди Зокониро яке аз саромадони публитсистикаи классикӣ, хусусан бунёдгузори равия ва жанрҳои ҳаҷвии он метавон номид. Таъсири ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ на танҳо дар адабиёти классикӣ, балки дар адабиёт ва публитсистикаи муосир низ зиёд аст» [90, с. 29]. Барои мисол чанд латифаро меорем:

«Депутате аз сессия бармегашт. Гуфтанд:

– Он ҷо чӣ мекардӣ?

Гуфт:

– Хоб» [34, с. 147].

Ё:

«Рӯбоҳе гуфт:

– Ҳеҷ мурғе аз хурӯс зирактар нест.

Гуфтанд:

– Аз чӣ донӣ?

Гуфт:

– Аз он ки ҳеҷ ба дастам намеафтад» [17, с. 147] ба ҳикояте аз «Ҳикоёти латиф» монандӣ дорад, ки Талҳакро (қаҳрамони фолклорӣ мисли Афандӣ дар Эрон – Ю.И.) бо кори муҳимме пеши Хоразмшоҳ мефиристанд. Муддате он ҷо мемонад, аммо Хоразмшоҳ таваҷҷуҳу эҳтиром чунон ки бояд бошад намекунад. Рӯзе дар маҷлиси назди Хоразмшоҳ ҳикояти мурғон ва хосияти ҳар якеро меоранд. Талҳак мегуяд:

«– Ҳеҷ мурғе аз лаклак зирактар нест.

Гуфтанд:

– Аз чӣ донӣ?

Гуфт:

– Аз баҳри он ки ҳаргиз ба Хоразм намеояд» [81, с. 12].

Аксар ҳаҷвияҳои дар ин маҷмуа ҷойдодаи Ш. Мӯсо ба як давру замони муайян мансуб буда, бо гузашти чанд муддат мубрамияташонро аз даст медиҳанд, аммо сарфи назар аз ин онҳо мушкилоту камбудиву нуқсонҳои ҷомеаеро дар як муддати муайяни вақт бозгу мекунанд ва хонандаро зери пардаи хаҷв аз он огоҳ ва бо ханда дарди дили халқро ошкор месозад.

Шералӣ Мӯсо пас аз истиқлоли давлатӣ низ аз ҳаҷв канорагирӣ накарда, латифаву ҳикояҳои ҳаҷвияшро пайваста дар матбуоти даврӣ чоп намуда, соли 2022 ҳаҷвиёташро таҳти унвони «Бахшиши тоҷикӣ» [12] дар шакли китоби алоҳида ба табъ расонд. Ҳаҷвиёти мазкур аз шаш қисм – «Ҳикояҳои ҳаҷвӣ», «Ҳаҷвияҳо», «Латифаҳо», «Лутфи адибон», «Хомпазҳо», «Мақолаҳо ва мусоҳиба» иборат аст. «Бахшиши тоҷикӣ»-ро идома ё худ шакли пурраи «Дурбин» гуем ҳам хато намекунем. Чунки бархе латифаҳову ҳаҷвиёт ё таҷдиди назар ва ё айнан оварда шудаанд. Масалан ҳаҷвиёти «Шаби ғорат», «Дузди худӣ», «Демократия», «Сахтар танқид кунед», «Билет», «Ба «Олами кӯдакон» надаро», «Қабул», «Сахттарин ҷазо», «Овоза» ва «Мусоҳиба»-ро дар «Дурбин» вомехурем, аммо ҳаҷвияи «Кӣ таги по, кӣ» дар «Дурбин» бо унвони «Мардон таги по!» [17, с. 8-11] бо каме тағйир дар мазмуну муҳтаво ба назар мерасад. Қисмате аз “Латифаҳо” ва “Лутфи адибон” пурра, ки аз ҷониби публитсист дар солҳои охир эҷод шудаанд, нисбатан нав буда, дар бахши «Мақолаҳо ва мусоҳиба» мақолоти худи Ш. Мӯсо аз қабили «Бурду бохти ҳаҷв», «Назаре ба ҳаҷви имрӯз» ва мусоҳибаи Анзурати Маликзод бо худи публитсист оид ба ҳаҷв таҳти унвони «Неше ки нӯш медиҳад» аз матолиби солиёни охир чопшудаи Ш. Мӯсо дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» мебошанд, ки ба асар ҳам хусусияти бадеию публитсистӣ ва ҳам илмӣ-оммавӣ бахшидаанд. Оид ба ин маҷмуа муҳаққиқи ҳаҷви публитсистӣ Мурод Муродӣ андешаҳояшро чунин баён намудааст: «Дар чунин шароити «буҳрони ҳаҷв» ба табъ расидани ҳаҷвиёти Шералӣ Мӯсо бо номи «Бахшиши тоҷикӣ» падидаи нав ва боиси хушнудии аҳли қалам аст.

Нақши ҳаҷвнигор танҳо бо нақли ҷолибу аҷоиби воқеаҳо маҳдуд намешавад, балки маҳорати нигорандагӣ, тарзи сужаофарӣ, истифодаи ифодаҳои фразеологиву ибораҳои рехта, санъатҳои муассирсози сухан аз қабили кинояву маҷоз, ташбеҳу истиора, таззоду мутақобила ва ба ин монанд комил мегардонанд» [135]. Муаллиф ба қадри тавон аз диалогу монологҳои ҷолиб, тасвирҳои бамавқеъ, духурагии афкор, ташбеҳҳои мантиқӣ, таркибҳои жаргонӣ, ибораҳои кинояомез ва амсоли ин истифода намуда, ба ин васила оҳанги мазамматро дар навиштаҳо баланд мебардорад ва дар онҳо диди публитсистӣ ва бадеӣ мушоҳида мегардад. Бинобар ин, ҳаҷви Ш. Мӯсоро метавон таносубан ба ду навъ: публитсистӣ ва адабӣ ҷудо намуд.

Махсусияти жанрҳои ҳаҷви публитсистӣ дар он зуҳур мекунад, ки ҳаҷв, ҳазл, кинoя, танз ин ҷо аз унсурҳои асосӣ буда, дар ин гуна осор авомили баҳаракатдароранда маҳсуб меёбанд, аммо ҳаҷви бадеӣ шакли ҷудогонаву қолаби муайяни жанрӣ надорад. Яъне ба ин монанд асарҳо метавонанд дар қолаби жанрҳои гуногуни бадеӣ эҷод гардида, шакл гиранд. Масалан, афсона метавонад ҳаҷвӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ё сирф бадеӣ бошад. Ҳамчунин, дигар нигоштаҳо дар ин доира метавонад пурра ҳаҷвӣ бошад ё бадеӣ. Яъне, дар ҳаҷви бадеӣ ҷиҳати хос образнокӣ буда, воситаҳои асосии ҳаҷвсоз чун омилҳои ёрирасон ва характернок ин ҷиҳати ҳаҷвро пурра мегардонанд. Дар ҳаҷви публитсистӣ ҷиҳати хос воқеа ва ҳақиқат буда, образнокӣ ва воситаҳои ҳаҷвсоз чун воситаи инъикоси ин воқеият истифода мешаванд. Ба ҳамин ваҷҳ, муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ ҳақиқатро ба воқеӣ ва бадеӣ ҷудо кардаанд. Ба таъкиди муҳаққиқ Р. Мусулмониён ҷавҳари ҳақиқати воқеӣ онеро ифода мекунад, ки аслан мавҷуд аст, ё ба вуҷуд меояд ва «ҳақиқати бадеӣ бошад, мундариҷаи ғоявиест, ки тавассути образ дар асар ифода меёбад» [96, с. 227].

Ҳарчанд дар маҷмуа бахши аввал унвони «Ҳикояҳои ҳаҷвӣ»-ро дошта бошад ҳам, ҷанбаи публитсистии ин асарҳои ҳаҷвӣ хеле қавӣ ба назар

мерасанд, чунки онҳо ба давру замони муайян мансуб буда, танз ва тамасхури камбудии омма маҳсуб меёбанд. Агар дар «Идона» (1992) воқеаи тухмҳои барои ид овардаи амаки Давлат, чуҷа баровардани онҳо ва барои ба бачаҳо тақсим кардани «чуҷаҳои давлат» 15 шабонарӯз ҳабс шудани қаҳрамон танз шуда бошад, пас дар «Шаби ғорат» (1992) шабнишинии хатмкунандагони мактаб ва хонасалот кардани падару модар барои хариди сарупои нав мазаммат шудааст, ки имрӯз низ чунин исрофкорӣ дар ҷомеа побарҷост. Ин аз махсусиятҳои ҳаҷви публитсистӣ буда, «дар ҳақиқӣ ва ҳаётӣ будани объекти инъикосу тасвир аст, ки офарандагони онҳо ба воқеа ва одамони мушаххас сару кор доранд, ба ҷараёни зиндагии иҷтимоӣ тавъам мебошанд, персонажи онҳоро дидан, ҳамроҳашон муколама кардан мумкин аст» [87, с. 145]. Дар ҳаҷвиёти «Дузди худӣ», «Ҳасуд», «Демократия», «Мансаб», «Сахтар танқид кунед», «Раис», «Билет», «Ба «Олами кӯдакон» надаро», «Буза ғами ҷону», «Қабул», «Бахшиши тоҷикӣ», «Занаки ғалатӣ», «Нақш», «Тарс», «Сазои сараш», «Парол», «Анализ», «Забони ширин», «Лексия», «Пул-пул», «Сурхшавӣ омузед», «Хиёнат», «Р-раис», «Ҳавохурӣ», «Сахттарин ҷазо», «Оби тоза», «Овоза» як навъ таҳлилу баррасии ҳодиса, авзоъ, мавзуъ ва масъала сурат гирифта, ба ин васила муносибати муаллифба предмети мазамматшуда мушоҳида мегардад. Аз ин рӯ, аксар осори ҳаҷви бадеӣ аз дидгоҳи таҳлил, муносибат ва арзиши воқеият ба пулитсистика алоқамандии зич доранд. Дар бахши дигари ин маҷмуа «Ҳаҷвияҳо» низ руҳияи публитсистика мушоҳида мегардад. Аммо дар бахшҳои «Латифаҳо» ҳаҷви бадеӣ мавқеи хоса дорад ва ин ҳам аз он сабаб аст, ки хусусияти ҳаҷви бадеӣ дар мавҷуд будани образ ва фантазия мебошад.

Масалан, дар латифаи «Зирак» тахайюл корбурд гардида, дар он санъати тамсил ба назар мерасад. Ҳарчанд дар бахши мазкур латифаҳо оҳанги публитситӣ доранд, вале сирф адабӣ буда, дар онҳо воқеаҳои замон ва

сиёсати даврон дар таҷрибаи лутфи адабӣ инъикос шудаанд. Ба ин навъ латифаи «Ман онам»-ро метавон дохил кард:

«Яке аз дигаре пурсид, ки:

– Арақ хуб аст, ё коняк?

Дигарӣ гуфт:

– Ман онам, ки ҳукм ба ғайб накунам.

Аввалӣ гуфт:

– Ман онам, ки тине берун аз ҷайб накунам» [12, с. 234].

Бахши «Лутфи адибон»-и маҷмуа ҳаҷви сирф публитсистӣ аст, ҳарчанд қаҳрамонони он инсонҳоеанд, ки муаллиф онҳоро мешиносад, бо онҳо дар якҷо кор мекунад ва бархе шахсиятҳои шинохта низ ҳастанд. Бештари ин латифаҳо дар қолаби жанри маъмули публитсистикаи ҳаҷвӣ ҳазли рафиқона ё худ шарж эҷод шудаанд. «Дар шарж ё ҳазли рафиқона мақсад тамасхур набуда, балки як навъ сипос, меҳр, шухӣ аст. Шарж порчаи хурди манзум ва баъзан мансурест, ки бо шухиву зарофат ба ягон муносибат: ба шоирон, аҳли санъат ё шахсони дигар бахшида мешавад» [89, с. 299].

Дар бахши «Лутфи адибон»-и маҷмуаи «Бахшиши тоҷикӣ» [12] шарж бо шӯхиву зарофат хислатҳои барҷаста, баъзан камбудиҳои шахсӣ, лаҳзаҳои зиндагонии шахс бо ибораҳои духура, муболиғаҳо нишон дода шудааст. Дар онҳо танқиди тезутунд ва маҳвкунанда вуҷуд надорад. «Дар ҳаҷви рафиқона ханда мавқеъ ва қувваи муайянро доро аст, вале ханда дар он на аз рӯйи нафрат ва адовату кина, балки бо ҳазл ва хайрхоҳона ифода меёбад» [89, с. 300]. Ҳамчунин, дар осори ҳаҷвии Ш. Мӯсо аносири жанрии эпиграмма дида мешавад. Махсусан, бахши «Хомпазҳо»-и маҷмуаи «Бахшиши тоҷикӣ» ба ин жанр мансуб аст. Маънои эпиграмма навиштаҷот буда, дар шакли хурди назмӣ дар адабиёти Юнони қадим мавқеи хосса пайдо карда будааст.

Майдони ҷавлони жанрҳои адабиёт ва публитсистика басо фарох аст. Ин ду соҳаи суханварию таъсиррасонӣ тӯли асрҳо то замони мо аз васоити

якдигар кор гирифта, мардумро тасаллӣ, ба кори созанда ва қаҳрамониҳои мондагор даъват, аз вазъи замону макони муайян ба наслҳои минбаъда қиссаҳо боқӣ мегузоштанд. Ҳамин аст, ки аксар жанрҳо аз адабиёт ба публитсистика омадаанд, аз он ҷумла эпиграмма, чунки ин ду соҳаи суханварӣ – якумӣ ҳамчун баёнгари мақсад, ҳадаф, натиҷаи кор ва дуввумӣ ба таври «фаврӣ (оперативӣ) мавзуъҳои рӯзмарраи замонро дар бар гирифта, ба манфиати синфи мубориз» [86, с. 71] кор кунанд.

Аз ин рӯ, дар публитсистика ва матбуоти муосир эпиргаммаҳоро, аслан, адибон ба нашр мерасонанд. Дар матбуоти даврӣ низ эпиграмма нақшеро, ки дар адабиёти бадеӣ ва эҷоди илмӣ дорад, иҷро мекунад.

Дар «Хомпазҳо» эпиграмма аслан дар ашколи луғатнома, зарбулмасал, шеър ва амсоли ин вомехурад.

Зери унвони «Тафсир-ул-луғот» эпиграмма дар шакли луғатнома омадааст. Масалан:

«Арақ – кафшери суҳбату аҷали обрӯ;

Оқил – кару гунгу кӯр» [12, с. 312].

Дар шакли зарбулмасал бошад зери унвони «Нав-ул-масалҳо» эпиграмма ҷой дода шудааст:

«Ҷафо кунӣ, вафо бинӣ!

Тағо дорӣ, бақо дорӣ!

Бори каҷ ба манзил расад!

Ҷаҳонро хуррамӣ аз даҳон аст!» [12, с. 313].

Эпиграммаро муҳаққиқон аз жанрҳои мушкилтарини ҳаҷвӣ медонанд, зеро нигорандаро мебояд, ки барои ифодаи фикри танқидияш дар якчанд мисраъ ё порчаи насрии ҳаҷман хурд ҳамаи воситаву усулҳои ҳаҷвиро истифода кунад. Дар шакли шеърӣ:

«Як сӯм-як сӯм бандча шавад,

Ҳам мошин, ҳам дача шавад» [12, с. 313].

Ш. Мӯсо на фақат дар қолаби жанрҳои ҳаҷви публитсистию бадеӣ асар эҷод кардааст, балки ҳамчун мутахассиси ин соҳа ҳусну қубҳи ҳаҷвро ба баррасӣ кашидааст. Мавсуф дар нигоштаҳояш «Бурду бохти ҳаҷв» [13], «Назаре ба ҳаҷви имрӯз» [22] ва суҳбату мусоҳибаҳое ба монанди «Неше, ки нӯш медиҳад» [129] доир ба ҳусну қубҳи ҳаҷв андешаҳояшро баён кардааст.

Ҳамин тавр, таҷрибаи эҷодии адабиёт ва публитсистика нишон медиҳад, ки ифшои камбудиву нуқсонҳои дар ҷомеа мавҷудбуда хислату рафтори номатлуби ҳамзамонон, на танҳо ба тарбияи мардум, балки барои пешрафту инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ хеле хуб буда, барои беҳтар гаштани зиндагӣ саҳми бориз мегузорад ва пайванди ҳаҷв дар адабиёту публитсистика бешак ба соҳа манфиатбор мебошад. Шералӣ Мӯсо зимни мушоҳидакор будан, ба умқи моҳияти масъала чуқур фурӯ меравад ва бо тамоми камбудиву истибдод мубориза бурда, дар дили хонандаи закӣ умед ба ояндаи нек, талош барои адлу инсофи иҷтимоӣ ва эҳсоси узви ҷомеаи маданӣ будани ӯро бедор мекунад.

# БОБИ 2. ХУСУСИЯТИ МУНДАРИҶАВИИ ОСОРИ ПУБЛИТСИСТИИ ШЕРАЛӢ МӮСО ДОИР БА СОХТМОНҲОИ АЗИМ

Дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо, хосса дар фаъолияти замони истиқлолият бунёди сохтмонҳои азим мавқеи намоён дорад. Ӯ ҳамчун нависандаи публитсист ба раванди бунёдкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки аз оғози садаи XXI маншаъ гирифтааст, бо эҳсоси баланди шаҳрвандӣ ва масъулиятшиносии эҷодӣ таваҷҷуҳ намуда, на танҳо ин равандро ифтихормандона истиқбол гирифтааст, балки бо неруи қалами худ дар инъикос ва тасвири он саҳм гирифтааст.

Ба ин мазмун, агар дар оғози раванди корҳои созандагӣ кандани нақбҳо ва таъмиру тармими роҳҳо қарор гирифта бошад, идомаи ин марҳала бунёди сохтмонҳои азим, бахусус неругоҳҳои барқи обӣ дар кишвар мебошад. Адиби публитсист Шералӣ Мӯсо ҳам аз раванди кандани нақбҳо ва таъмиру тармими шоҳроҳҳои кишварамон, ки бо ҷушу хуруш идома ёфта, дар раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат карданд ва ҳам аз ҷараёни корзори сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ, бахусус Неругоҳи барқи обии «Роғун» борҳо дидан карда, бо коргарону сарварон суҳбатҳо намуда, асарҳои алоҳида иншо намудааст. Бинобар ин, публитсистикаи ӯро доир ба сохтмонҳои азим метавон ба ду фасл: бунёди роҳу нақбҳо ва сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ҷудо кард.

## 2.1. Масъалаи бунёди роҳу нақбҳо

Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва як андоза ором гардидани фазо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз вазъи нооромии кишвар ҷиҳати мустақилии коммуникатсияи дохилӣ, бартарфасозии бухронҳои иқтисодӣ, бо шароити хуб таъмин намудани аҳолӣ ва татбиқи чаҳор барномаи мукаммали стратегиро роҳандозӣ намуд. Сараввал расидан ба сулҳу ваҳдати умумимиллӣ, раҳоии мамлакат аз

бунбасти коммуникатсионӣ, ахиран истиқлоли энергетикӣ, солисан саноатикунонии мамлакат дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошт. Махсусан, дар самти раҳонидани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ҳукумати мамлакатро мебоист, ки барои пайванди манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ бо ҳамдигар сараввал ба кандани нақб дар минтақаҳои куҳии мушкилгузар ва таъмиру тармими роҳҳои хурду бузург пардозад. Бо ташаббусу дастгирӣ ва ҷасорати Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншоотҳои азим бунёд гардиданд. Роҳбари давлат дар сохтмони чунин иншоотҳо на фақат иқдомоту ташаббус ва ҷидду ҷаҳд карданд, балки дар мулоқоту вохуриҳо аҳли эҷодро ба қавӣ гардондани иртибот бо бунёдкорони ин иншоотҳо даъват карда, иброз доштанд, ки эшон бояд дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, қаҳрамониҳои сохтмонҳои азими мамлакатро дурусту холис тасвир созанд.

Бо даъвати Сарвари давлат аҳли зиёи ҷумҳурӣ, аз он ҷумла аҳли адаб ва рӯзноманигорон ба бунёди иншоотҳои азим таваҷҷуҳи хосса намуда, онро ба қисмати умда ва мубрами воситаҳои ахбори омма, махсусан матбуоти даврӣ мубаддал гардонданд. Дар ин замина аҳли эҷод, азҷумла Урун Куҳзод, Кароматулло Мирзо, Абдулҳамид Самад, Равшани Ёрмуҳаммад, Бахтиёр Муртазо, Абдуқодири Раҳим, Маҷид Салим, Шералӣ Мӯсо ва дигарон ба мавзеи иншоотҳо сафар карда, дар бораи қаҳрамониву заҳмати коргарон ин иншоотҳо асарҳои гуногун ба қалам додаанд. Аз ҷумла, романи мустанади Б. Муртазо «Нақби Истиқлол» ва «Пайванди марзҳо ва дилҳо»-и А. Раҳимро ин ҷо метавон махсус зикр намуд.

Дар ин раванд аксар рӯзноманигорон ва адибон мақоваҳову осор ба табъ мерасонданд ва шакли баёну тарзи таҳқиқ бо дарназардошти сиёсату руҳияи замонии маърифати ин масъала пайваста шакл мегирифт, ки як намунаи он публитсистикаи Шералӣ Мӯсо маҳсуб меёбад. Дар эҷодиёти ин нависандаи публитсист масъалаи бунёди роҳу нақбҳо мавқеи хоссаеро ишғол карда, ӯ саривақт тавассути сафар ба ин мавзеъҳо проблемаҳои роҳҳои

мошингарди кӯҳҳои сар ба афлокро омӯхта, ҳамзамон бо бунёду азнавсозии роҳҳо ва кандани нақбҳо аз наздик ошно шуда, ҳосили онро дар қолаби очерку мақолаҳо ва асарҳои алоҳидаи бадеиву публитсистӣ ба шакл даров요рда, интишор намудааст. Яъне, ин амал аз як ҷиҳат, тақозои эҷодӣ бошад, аз ҷиҳати дигар, масъулияти баланди Ш. Мӯсоро ҳамчун як шахси фаъоли ҷомеаи маданӣ нишон медиҳад. Зимнан, масъулияти шаҳрвандӣ аз масоиле маҳсуб меёбад, ки ботинан мураккаб буда, ба ақидаи Е. Прохоров мазмуну моҳияти онро «дар маърифат ва кӯшиши босамари паҳн намудани манфиатҳои умумимиллӣ, майлнокӣ ба ҳалли масъалаҳои минтақа, мамлакат ва ҷаҳон ба манфиати ҳамаи шаҳрвандон ва тамоми инсоният» [102, с. 101] метавон арзёбӣ кард.

Дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо масъалаи бунёди роҳу нақб дар ду шакл вомехурад:

1) дар шакли асарҳои алоҳида;

2) дар контексти қисм ё бахши ин ё он асар.

**Ба гурӯҳи якум** метавон қиссаи ҳуҷҷатии «Мардистон» [67]-ро дохил кард. Адиб онро достон номидааст, ки дуруст аст, чунки анъанаи мардистоннависӣ дар адабиёти тоҷик нав нест. Ҳануз дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ шоири шаҳир Абулқосим Лоҳутӣ достони «Мардистон»-ро эҷод намуд, ки дар он фидокории мардони банангу номус дар майдони ҷанг тасвиру таҳсин гардидааст. Ҷанбаи пурқуввати ин асар ҳимояи марзу бум ва нангу номуси ватандорӣ аст. Дар достони «Мардистон»-и Шералӣ Мӯсо қаҳрамониву фидокориҳои майдони ҷанг не, балки корзори меҳнат ва арсаи роҳсозиву нақбканӣ тасвир гардидааст. Байни ин ду достон, ки якумӣ манзума ва дигарӣ наср аст, як пайванди мантиқӣ ба назар мерасад ва ин ҳам қаҳрамонӣ дар ду корзор – ҷанг ва меҳнат аст. Адиб нишон додан мехоҳад, ки корзори меҳнат аз майдони ҷанг фарқе надорад, чунки нақбкану роҳсоз бо нангу намус ба майдони меҳнат омадааст ва нақбу роҳе, ки дастомуз нашудааст, бо хатар қариб ки ҳаммаъност.

Достони «Мардистон»-и Шералӣ Мӯсо, ки мавзуи сохтмон, бахусус кандани нақбҳоро фаро мегирад, бо ҳамин унвон (сараввал соли 2013 ва пасон соли 2021) ду маротиба чоп шудааст. Ин асар ҳамчун дастоварди эҷоди адабиву публитсистии давраи соҳибистиқлолӣ аз ҷониби аксар аҳли эҷод, азҷумла публитсистон мавриди омузиш ва тадқиқу барррасӣ қарор дода шуда, дар маҷмуъ хуб арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла, дар нигоштаҳои Мурод Муродӣ «Илҳом аз бунёдкориҳо» [132], «Мардистон»-и мардсито» [133], «Таҷассумгари сухтану сохтанҳо» [21, с. 3-11], «Таҳлили хулосавии асарҳои публитсистӣ доир ба кандани нақб ва таҷдиди шоҳроҳҳо» [93] ва Насиба Кучарова «Инъикоси бунёди нақбҳо ва тармими роҳҳои мошингард» [83] ба ин асар таваҷҷуҳи хосса шудааст, ки дар раванди баррасиҳои илмӣ ба онҳо такя хоҳем кард.

Шералӣ Мӯсо ба Истиқлолияти кишвар назари хосса дошта, ҳамчун шахси ватандӯст, худшинос ва шавқманди корнамоиҳои қаҳрамонҳои асарҳояш, аз комёбиву пешравиҳои кишвараш хурсанд гардида, онҳоро бо эҳсоси баланди ватандӯстиву эҷодкорӣ ба қалам дода, тарғибу ташвиқ мекунад. Ӯ мехоҳад, ҳисси ватанпарварии хонандаро дучанд кунад, ӯро ба дӯст доштани ватанаш водор созад. Ба ақидаи М. Абдуллоев «ғояи ягонагии миллӣ ва ватанпарвариро бе тарғиботу фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳот инкишоф додан мумкин нест» [73, с. 4].

Муаллиф бо чопи асари «Мардистон» як ҳадаф – тасвир ва таҳқиқи рӯзгор ва фаъолияти меҳнатии коргарон ва бунёдкоронеро, ки дар бунёди роҳу нақбҳо (хусусан нақбҳои Шаҳристону Чормағзак) фаъолона ширкат меварзанд, пайгирӣ карда, тавассути тасвири ҳаёти инсонҳои одӣ, ки дар шароити сахту вазнин кор мекунанд, саҳми модию маънавӣ ва мавқеи шаҳрвандии онҳоро ба хонанда намо медиҳад.

Чопи аввали «Мардистон» (2013) новобаста аз мазмуну муҳтавои умумии мавзуро фаро гирифтан, доманаи начандон густурда дошта, дар он баъзе паҳлуҳои масъалаи баррасишаванда на он қадар равшан ва корнамоии

бархе каҳрамонон пурра нишон дода нашудааст. Ба ҳамин хотир, баъд аз чанд муддат, публитсист асари «Мардистон»-ро пас аз таҳриру такмил чоп намуд. Дар кори эҷодӣ ин усули нав нест, балки он барои боз ҳам амиқтар омӯхтан, вусъат бахшидани тасвири мавзуъ ва қаҳрамонон ёрӣ мерасонад. Кӯшиши аҳли эҷод дар самти таҳқиқи ҷанбаҳои нав ба нави воқеият, дар ҳамаҷиҳата ва возеҳ нишон додани хӯю хислати ҳамзамонон ба ақидаи адабиётшинос М. Шакурӣ «боиси ин шуд, ки дар соҳаи услуб, дар соҳаи аз худ кардани шаклҳои гуногуни тасвиркории реалистӣ ҷустуҷӯҳои пуршиддати эҷодӣ ба амал омад» [122, с. 9].

Дар нашри дуюм, адиб ба кушодани симои коргарон ва ба ин васила бештар тасвир кардани кор дар ҷабҳа пардохтааст, ки дар натиҷа ба матни асар иловаҳо шудаасту ба мазмуни он камтар таъсир кардааст. Бинобар ин, баъзе иловаҳо ҷузъӣ арзёбӣ мегарданд. Масалан, қисмати дуюми фасли аввал «Марди қавӣ» [21, с. 33-47] дар нашри дуввум ҳамон фасли «Одами комил» [21, с. 66-80] аз нашри якум аст, ки бо каме таҳриру такмил чоп шудааст. Ҳарчанд унвони фаслҳои ду нашр аз ҳам фарқ мекунанд, аммо мазмуну муҳтаво тағйир намеёбад. Масалан, фасли чоруми асарро дар нашри дуввум қисматҳои «Наврӯз», «Бобои Раҷаб», «Содиқ», «Қурбон», «Қодир», «Далер» [21, с. 222-265] ташкил медиҳанд, ки саргузашти онҳо мухтасаран қисм-қисм дар дигар фаслҳои қисми аввал мушоҳида мешавад, аммо дар шакли зерфасл ҷудо карда нашудааст. Мазмуну муҳтавои боби чоруми нашри якум «Ҳам бахт ҳам тахт»-ро фақат рӯзгор ва кору фаъолияти тарҷумони забони чинӣ Далер Нигматов фаро мегирад. Яъне муаллиф як навъ амалиёти пурракунӣ дар асарро анҷом медиҳад, чунки «Мардистон» «бо вуҷуди лаҳзаҳои ҷудогонаро фаро гирифтан, дар маҷмуъ як масъаларо думболагирӣ менамояд, ки он вазъ ва ҳолати раванди нақбканӣ ва сохтмону таҷдиди роҳҳо дар ду ағбаи кишвар аст. Бинобар ин, дар асар образи асосиву ёрирасон вуҷуд надорад» [132]. Муҳаққиқ М. Муродӣ дар тақриз ба нашри якуми «Мардистон» ба таври таҳтонӣ бо мисолҳо қайд мекунад, ки «аз ҷиҳати

шакли жанрӣ асар қиссаи ҳуҷҷатист, ки дар навъи очерк андар очерк иншо гардида, аммо баъзе қисматҳо хусусияти лавҳаӣ доранд, ки тасвири як лаҳзаи хурди корҳои сохтмониро фаро мегиранд» [132]. Ба пиндошти мо, маҳз ҳамин эрод боис шудааст, ки муаллиф ҷо-ҷо тасвири лавҳа кору рӯзгори қаҳрамононашро таҷдид намуда, дар шакли очерки алоҳида комил созад. Аз ин бармеояд, ки нависанда ба навиштаҳояш бо назари интиқодӣ менигарад, ба эродҳои муқарризон диққат медиҳад ва ба такмили онҳо мекӯшад, аммо дар натиҷа асар чӣ гуна хусусиятро касб мекунад, муаллиф ба ин мақсадҳо то кадом андоза ноил мегардад ин паҳлуи тамоман дигари масъала аст, чунки ҷаҳонбинӣ, фаросат ва маърифати воқеаву таҳқиқи публитситиву бадеии он аз ҷониби ҳар эҷодкор ба таври гуногун сурат мегирад.

Ш. Мӯсо аз ҷараёни ободкориҳо дар кишвар, махсусан дар самти кандани роҳҳо ва нақбҳо асарҳо эҷод карда, заҳмату меҳнати бунёдкоронаи сохтмончиёни нақбҳои Чормағзак ва Шаҳристонро муфассал тасвир ва ҳолату вазъият, кӯшишу талош, муваффақияту шароити буду боши коргарони ин иншоотҳоро бо корбурди унсурҳои воқеиву бадеӣ намо додааст, ки дуруст буда, аз шиносномаи худи асар низ бармеояд, ки он «аз заҳмати сангини кӯҳканҳои шухратманди тоҷик, ки ҷон ба каф гирифта, нақбҳои Шаҳристону Хатлонро сохтанду афсонаро ба ҳақиқат табдил доданд қисса мекунад» [21, с. 2]. Ба назари инҷониб, мебоист ғояи асари мазкурро, сараввал, – раҳоӣ аз бунбаст ва маҳдудияти коммуникатсионӣ, дуввум – бевосита кандани нақбу сохтмони роҳ, ва сеюм, тасвири ҳаёти коргарону дигар инсонҳои наҷиб ташкил диҳад. Якумӣ бо баъзе ҷузъиёти ҷудогона ва саввумӣ, ки бевосита очеркҳо дар бораи коргаронро фаро мегирад, дар асар ба назар мерасанд. Дар ин ё он бахши фаслҳои асар бархе ҷузъиёти марбут ба кандани нақбу сохтмони роҳ мушоҳида шавад ҳам, бевосита ба мароми муаллиф ва муҳтавои фасл такя карда, аз мавзуъ берун мебароянд. Ба ин гуфтаҳо метавон «Ағбаи назарногир» аз фасли якум, «Таркиш» аз фасли дуввум, «Сангдевор» ва «Сангшикан» аз фасли сеюм, «Шаб дар нақб» аз

фасли чаҳорум, «Тармасавор» ва «Рӯзи қабули нақб» аз фасли панҷумро мисол овард.

Муаллиф метавонист ин бахшҳоро дар як фасл гирд оварда, ба муҳтаво ва ғояи асосии асар ҳадафмандона наздик шавад. Масалан, дар бахши «Ағбаи назарногир» [21, с. 74-78] баҳси исботи Қодир Саидов ба Ли Ган дар бораи чун обу ҳаво зарур будани нақби Чормағзак тасвир мегардад, ки Қодир ба саволи «Исбот бикун!» бо лабханди назарногир: «– Ҳама чиз вақту соат дорад... Зимистон»-гуён ҷавоб медиҳад ва бо фарорасии фасли зимистон ва боридани барфи аввал Ли Ганро ба ағба мебарад. «Ва Ли Ган ағбаро дар зимистон дид. На танҳо дид, балки хатари онро дар худ эҳсос кард. Ногоҳ мошинро ях партофт ва бод мошини бузургро чун хас сӯйи ғор бурд. Ранги рӯйи Ли Ган, ки одатан одами боғайрат буд, сап-сафед канду бо ҳарос фарёд кашид:

– Оҳ, ин чӣ бало?!» [21, с. 77] ва ба қавли муаллиф бузургворе дар пушташон буд, ки мошин дар лаби ғор истод.

Маҳз ин ҳодиса боис гардид, ки Ли Ган ба зарур будани нақб бовар кунад ва дар муҳлати муқарраршуда шоҳроҳи Душанбе-Чанок ва нақби Шаҳристон бунёд гардад.

Дар бахши «Таркиш» [21, с. 135-148] қисмати аввал руҷуан ва қисмати дуввум оғози мазмунии он аст, ки баъди аз забони Шамсулло садо додани «Нақб бо усули таркиш сохта мешавад» [21, с. 137] адиб ба шарҳу тавзеҳи ин калима мегузарад. Ӯ ҳамчунин зикр мекунад, ки соли 1961 дар дараи Пули сангин аввалин таркишҳои бунёдкорона садо дода, сохтмони Неругоҳи барқи обии «Норак» бо сарбанди баландиаш сесадметра оғоз ёфта, дар ҷойи деҳаи хурдакаки соҳили Вахшрӯд ба бунёди шаҳри замонавӣ низ ибтидо гузошта будаанд. Ва инчунин руҷуи таърихӣ кардани адиби публитсист ба таркише бунёдкор, ки якбора боиси чандин ободиҳо мегардад, бесабаб набуда, ин васила ба ҳам бастани силсилаи мавзуъ аст. Шиносоӣ бо сардори бригадаи таркишгарон Наим Расулов, садо додани таркиш дар шоҳидии адиб ва ноаён

такон хурдани пайкар ва ба дилаш ларза афтодан ва қиёси ин таркиш бо таркиши замони ҷанг далели он аст, ки аз даҳшати ҷанг ва аҳволи мардум дар он рӯзгори сахт ба адиби публитсист хотироти сангине боқӣ мондааст. Адиб таркиши ҷонрабо ва харобиоварро бо таркиши раҳкушо ва ободкор муқоиса карда, ба ёд меорад, ки якумӣ азияту хисорот ва дуюмӣ созандагиро борвар аст ва мехоҳад якумиро ба гӯшаи фаромушӣ супораду натиҷаи дуввумиро ба чашми сар бубинад, бевосита ба ғоя пайванди мантиқӣ касб кардааст.

Бахши «Сангдевор» [21, с. 174-180] аз фасли сеюми асар бевосита ба яке аз ҷанбаҳои муҳими кори нақбу роҳ – сангчиниву чангшиканӣ бахшида шудаанд. Воқеаву ҳодисаҳои тасвирнамудаи муаллиф дар бахши аввалӣ дар даҳлези нақби Чормағзак – роҳи се ҳазору шашсаду ҳаштодметра, ки ба шоҳроҳ табдил гашт, сурат мегирад. Дар тасвири адиби публитсист ду бригада дасту остин барзада сангдевор мекарданд. «Аъзоёни бригада дар сар кулоҳҳои хасину тибитӣ ҳазлкунон кор мекарданд. Чанд нафар устои сангчинро бо сангу маҳлул таъмин менамуданд. Устои сангчин, марди қадбаланди ба китфу бозу бо сару тани арақшор ва гунаҳои гулгуну тафсида суруди «Тоҷикам аз Тоҷикистон»-ро замзама карда, бо маҳорат санг болои санг мечид...

– Мебинам, ки ба ин девор ифтихор мекунӣ, – гуфтам ба ӯ.

– Албатта! Чаро не? – бо табассум гуфт ӯ. – Ин девор барои ман аз девори бузурги Чин бузургтар аст» [21, с. 174-175].

Истиқболи муҳандиси назорати Умед Маҳмаднақибов, шиносоӣ бо бригадаи Икром Асоев ва суҳбати адиб бо эшон мазмуни бахшро фаро гирифта, кори сангчинӣ бо руҷуи чеҳраҳои гарми коргарон хотима меёбад.

Бахши «Сангшикан» [21, с. 180-185] аз он шуруъ мешавад, ки диққати Шералӣ Мӯсоро машғулияти сангшикании коргаре ҷалб мекунад ва чун оҳанрабо фикру зикри муаллифро ба худ мекашад. Муаллифро бо босқон (болғаи калону вазнин барои шикастани санг) санг шикастани мард ба тааҷҷуб меорад, ки дар асри бисту як ин манзара боварнакарданист. Аммо

«мард лаб зери дандон гирифта, босқонро аз сар боло мебардошту бо ҳама неру «Ҳаҳ!» гуён, ба сари санг зарба мезад. Ҳамоҳанг ба «Ҳаҳ!»-и ӯ садои санг баланд мешавад...

«Ҳаҳ»-у зарбаву садои санг!

Ва бозу боз якмаром.

Мегуӣ робот бошад» [21, с. 181]. Муаллиф ба ҷойи нишон додани саҳми санг, иртиботи он бо нақб ва ҷузъи ҷудонашаванда будани он ба сангшикан ва касабаи сангшиканӣ аҳамияти махсус медиҳад.

«Шаб дар нақб» [21, с. 233-236] аз фасли чаҳорум мебоист пайванди мантиқии бахшҳои дигаре бошад, ки дар боло зикр гардиданд, аммо бо сабаби дар фасли дигар ҷой доштани бахш он тамоман табиату мазмуни дигарро ба худ касб кардааст. Публитсист зимни мушоҳидаи эҳтиёкоронаи кори нақб дар шаб ва маҳорати бештарро талаб кардани он, машғули кор будани кафшергарони соҳибмаҳорат Ҷамшед Сафаров, Қурбоналӣ Бӯриев ва дигар фарҳоднасабони майдони корзор, ки корҷома дар бар ва кулоҳ дар сар «мехостанд ҳарчи зудтар марраи зафару нусратро фатҳ намоянду синаи кӯҳро шикофта, роҳ кушоянд, роҳи пурхатари ағбаро ба барфу борон ҳавола намоянд» [21, с. 234], метавонист ҷузъиёти кори кафшергарӣ ва ба ин монандро ба хатти ҳаракати тасвир даровардa, устухонбандии филизии ҳунармандонаро ба мавзуъ рабти ғоявӣ диҳад.

Дар бахши «Тармасавор» [21, с. 324-328] муаллиф аз фаъолияту қаҳрамонӣ ва ҷонфидоии мутахассисон, махсусан, муовини аввали Вазорати нақлиёт Ҷумъахон Зуҳуров қисса мекунад, ки ҳадаф исботи як инсони одӣ будани чӣ коргари қаторӣ ва чӣ як муовини вазир аст.

«Рӯзи қабули нақб» [67, с. 348-356] фақат шодиву хурсандии чиноиву тоҷикро барои зафар ва расидан ба ҳадафи бузург супоридани лоиҳаи нақби Чормағзак дар бар мегирад, ки аз фазои идонаву эҳсоси пирӯзӣ бархурдор аст. Ҳадаф аз ташреҳи қисматҳои мазкур дар он аст, ки муаллиф метавонист

бо иловаи як фасли алоҳида ба ғояи асар, ки дорои руҳи қавии публитсистӣ аст, мазмунҳои нисбатан тоза зам кунад.

Тасвири лаҳзаҳои гуногуни кор дар иншоот ё гуфтору рафтори қаҳрамонон сабаби шакл гирифтани тасвири лавҳаӣ гаштааст, ки дар асари мазкур аз сабки нисбатан вижаи тасвиргароии публитсист дарак медиҳад. Дар чунин тасвиргароӣ аслан «аз тариқи як ё якчанд лаҳзаи ҳассос зиндагиномаи шахсе, ё чеҳраи воқеае, манзарае мушаххас ва муаррифӣ карда мешавад» [79, с. 35] ва хосияти тавсифӣ низ дорад. Азбаски ин амал ҳам ба публитсистика ва ҳам ба адабиёт баробар хизмат менамояд, муаллиф ба таҳқиқи таърихи воқеа, факт, мушаххассозии характери фард ё ҷузъи образ аҳаммияти бештар медиҳад. Масалан, дар фаслҳои «Ҳосили умр», «Ағбаи назарногир», «Наим», «Таркиш», «Сангшикан», «Шаб дар нақб», «Сангдевор», «Заводи бетон», «Тармасавор», «Рӯзи қабули нақб» ва ғайра ин аносир возеҳ мушоҳида мегардад. Дар бораи аносири чанд жанр дар як жанр бошад, таъсиррасонии нуфузи фазои иттилоотиро ба очерки муосир махсус зикр кардан зарур меояд, чунки бино бар сабаби далелу иқтибос дар он зиёд гардидан, муаллифи очерк дар аксар ҳолат ҳамчун шореҳ ба назар мерасад. Ҳарчанд, барои очерк шарҳу тафсир бегона нест, аммо тасвир бояд нисбат ба шарҳ мавқеи бештаро касб намояд.

Чунин шева, махсусан дар фасли «Тармасавор» мушоҳида мегардад. Воқеаҳои ин фасл охири моҳи моҳи декабри соли 2008 пурра зери тарма мондани нақби «Истиқлол»-ро фаро мегирад. Аз сабаби дар ҳамон вақт тармаҳои баландиашон 20 метру тӯлашон 100-200-метраро аз роҳ дур кардан ғайриимкон будааст, бино бар нақли Ҳикмат Неъмат ба муаллиф ҳамон рӯзҳо мебинад, ки «Ҷумъахон Зуҳуров бо сару рӯйи шамолхурдаву аз сардӣ сиёҳҷурдашуда, дар пойҳояш мӯзаҳои резинӣ, дар бар либоси махсуси коргарӣ, боло-болои тармаҳо меравад ва кори булдозерчиёни хитоиро роҳбарӣ мекунад» [21, с. 326].

«Мардистон» самари ташхису таҳлили лабораторияи муҳандисӣ ва эҷодии публитсист аст, ки бо таваҷҷуҳ ва бардошти вижа иншо шудааст ва эҷодкорони навқаламу навқадам, «бахусус рӯзноманигорону публитсистон аз мухтавои ин асар роҳу тариқаи интихоби мавзуъ, омузиши он (ҳодиса, воқеа, қаҳрамон), кор бо сарчашма, ҷамъоварии иттилооту маълумот ва шеваҳои тасвирро меомузанд. Аммо ин як паҳлуи кори эҷодист, ҷанбаи дигар коркарди ин маълумот, сохтани сужаҳо, офаридани характер, хислат, тип ва образ аст, ки ин ҷиҳатҳо ба ҳунари нигоранда вобастагӣ доранд. Шералӣ Мӯсо чунин ҳунарро дорад» [93, с. 92-93]. Пеш ё баъд аз он ки публитсист дар бораи ин ё он қаҳрамон нақл кунаду кору пайкори ӯро тавсифу тасвир кунад аз зиндагӣ, таҷрибаи корӣ, санаҳои муҳими ҳаётӣ – ба мисли волидайн, зодгоҳ, мактаб, ихтисосмандӣ, донишгоҳ, оиладоршавӣ, пастиву баландиҳои рӯзгор ва амсоли ин мисолҳо меорад, то хонанда бо қаҳрамон хубтар шинос шавад ва, пеш аз ҳама, нукоти муҳими ҳаёти ӯро донад. Масалан, дар тасвири кору фаъолияти қории Қуръон ва тарҷумони забони чинӣ Далер Нигматов аввал худи муаллиф бо ӯ шинос мешавад, баъдан вазифаву кори ӯро мефаҳмад, рафтору гуфтору кирдорашро ҳамаҷониба мушоҳида мекунад ва баъдан ба кашфи зиндагии талху ширини ӯ мегузарад. Азоби муҳоҷират, шиносоӣ бо зани меҳрубони чиноӣ, ки ҳаёти Далерро пурра тағйир дод, омӯхтани забон, бозгашт ба Ватан ва савдогарӣ дар бозори Саховат, вохурӣ бо Ли Ан, ки ӯро ба Чормағзак овард ва саҳнаҳои ба ин монанд оҳиста-оҳиста симои як қаҳрамон ва пайкори ӯро дар яке аз бузургтарин иншооти замон ба хонанда мекушояд. Бинобар ин, ҳосили сухтану сохтанҳоро таҷассум кардани нависанда дар «Мардистон» на танҳо кайфияти эҷодӣ, балки шеваи маслаки ӯст, ки аз асар ба асар бо методҳои гуногун зуҳур мекунад.

Қариб дар аксар асарҳои бадеиву публитсистии Шералӣ Мӯсо қаҳрамонҳо корозмуда ва ҷабру ҷафои рӯзгоркашида ҳастанд. Хушбахтӣ барои адиб ва қарамононҳояш монанди пудинаи лаби ҷӯй нест, ки ҳар баҳор неш зада барояд ва дуруст хулосабарорӣ мекунад, ки хушбахтиро худи кас бо

зӯри бозу соҳиб гардад, он побарҷову мустаҳкамтар аст ва инсон бештар ба қадраш мерасад. Хусусан, дар «Мардистон» пешорӯйи кори нағз ва маоши хуби қаҳрамон ҳамеша меҳнати вазнин ва саргузашти талх меистад. Дар ағбаи Чормағзак ба садама дучор шудани падар ва бародари яке аз нақбканон Қурбон дар фасли панҷуми боби чорум, ба хотири ягона фарзанд шавҳар накардани модар, барои пули маҳр муҳоҷират намудан, ба доми нашъаҷаллобон афтодану мавриди истинтоқ қарор гирифтан, зарфшӯйиву гӯркови дар Маскав, то алифу ломи нақбканиро омӯхтан аз устодаш Ҷумъа Қувват [21, с. 256], соҳиби писар ва зиндагии серу пур шудан, аз паси пода чидани саргину ҳезумтайёркунӣ, ба дасти авбошон афтидану мавриди латукӯб қарор гирифтан, бо туҳмати як духтари сабукпо ба боди фано рафтани 8 соли ҳаёти Далер Нигматов ном як ҷавонмарди поквиҷдон [21, с. 264] ва амсоли ин худ хулосаи ҳаёти фидокоронаи коргарони ин корзори меҳнат аст. Новобаста аз он ки Ш. Мӯсо, ҳатто хурдтарин ҷузъиёти ҳаёти қаҳрамонро меорад, бевосита хулосабарорӣ намекунад ва муҳокимаи ҷамъбастиро ба хонанда ҳавола карда, ба ин восита ба рӯзгори қаҳрамон муносибати психологӣ ва ба фаъолияти ӯ руҷуъи ҳаётӣ мекунад ва ин тарзи муносибати муаллиф дар соҳаи эҷоде, ки ӯ сарукор гирифтааст, амали муқаррарӣ маҳсуб меёбад. Дар публитсистика хусусияти илмҳои дигар возеҳ ба назар мерасад, чунки он «дар роҳи нерумандии худ, ҳам аз адабиёту санъат, ҳам аз фалсафаву фарҳанг, ҳам аз сотсиологияву психология ва ҳам аз таъриху сиёсатшиносиву бисёр илмҳои дигар як унсуреро шакл сохта ба худ гирифтааст» [84, с. 13] ва як сабаби ба масоили мубрам ва зуҳуроти иҷтимоии замон сару кор гирифтанаш низ ҳамин аст.

Дар «Мардистон» воқеаву ҳодисаҳои гуногун, манзараҳои меҳнату талош, мураккабиву мушкилот, ташкилу сафарбарӣ ва кору рӯзгори аҳли меҳнат мисли эпизоди намоишнома ё як навор аз пеши назар мегузаранд, ки меҳнати вазнин ва шароити сахти корро эҳсоси бевоситаи ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ сабук месозад. Вагарна дар байни ин идда шахсоне

низ ҳастанд, ки ғами зиндагиву ризқу рӯзӣ дар сарашон бо кор тавъам тоб мехурад. Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки адиби публитсист ба таҳлили амиқи характерҳо камтар эътибор додааст. Публитсист мехоҳад, қаҳрамононаш бештар дар бораи мушкилоту пешравии кору коллектив, сазовор будан ба боварии роҳбарияту халқ ва амсоли ин боз ҳам бештар мулоҳиза кунанду дар доираи он кӯшишҳо ба харҷ диҳанд, аммо инсон мавҷудест, ки дар ӯ нафсу ақл чун шабу рӯз, бадиву некӣ бо ҳам дар мубориза анд ва ӯ зиндагии шахсӣ ҳам дорад. Ин хусусият дар аксар осори публитсистӣ ба назар мерасад. Вақти он расидааст, ки имрӯз осори публитсистони мо баробари паҳно жарфо низ касб кунад.

Ҳамин тавр, «Мардистон» [21] ҳамчун достоне, ки аз ҳаёти инсонҳои наҷиб – аҳли меҳнат ҳикоят мекунад, дар публитсистикаи тоҷик аз осоре маҳсуб меёбад, ки муаллиф дар он рӯйдоди сарнавиштсоз – бунёди сохтмони азимеро бо тарғиби сиёсати созандаи Ҳукумати кишвар ба қалам додааст. Агар адиб масоили эстектикии маърифаткардаашро дар бофтори бадеии инсон ва воқеият иброз дошта бошад, масъулияти публитсистика инҷо «як шакли маърифати сиёсӣ ва инъикоси он» [117, с. 46] аст. Дар асари мазкур ҳодисаву воқеаҳои муҳими иҷтимоӣ дар ҳамқадамии руҳи замон ва рангу тобишҳои гуногун, дар сохтмони нақби Чормағзаку Шаҳристон инъикос гардида, як дараҷа нақши публитсистро дар тарғиби арзишҳои неку ахлоқи волои инсонӣ, инсондӯстӣ, ҳифзи сулҳу субот ва ваҳдату якдилӣ, бунёдкорӣ, муаррифии аҳли заҳмату меҳнат низ нишон медиҳад.

Тавре ишора рафт, дар публитсистикаи тоҷик дар радифи «Мардистон» [21]-и Шералӣ Мӯсо оид ба роҳу нақб «Нақби Истиқлол» [95]-и Бахтиёри Муртазо меистад. Асари мазкур бо такмилу таҷдид се маротиба (солҳои 2007; 2015; 2020) чоп шуда, дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик баҳои баландро сазовор гаштааст. Ба ин гуфтаҳо нигоштаҳои Мурод Муродӣ [90, с. 62-68], Шоҳзамон Раҳмон [143], Нуралӣ Салихов [105], Мисбоҳиддини Нарзиқул [138], Сангимурод Шарипов [160], Меҳроб Ҷумъаев [118]-ро

метавон мисол овард. Ин муҳаққиқон бо таҳлилу баррасиҳои илмиву бадеӣ ва публитсистӣ асари мазкурро хуб арзёбӣ кардаанд. Асари мазкур бештар хусусияти бадеиро касб карда, адиб онро романи мустанад оид ба солномаи бадеии роҳкушоён ва муҳаққиқон насри мустанади бадеӣ унвон додаанд.

Агар муҳаққиқ М. Ҷумъаев асари мазкурро дастоварди муҳим дар адабиёту публитсистика ҳисобида, онро аз дидгоҳи нақди адабӣ ва забону услуб таҳлилу баррасии умумӣ намуда бошад, М. Муродӣ дар навбати худ «Нақби Истиқлол»-ро аз нахустин асари калонҳаҷм дар мавзуи бунёди иншооти азими аср – сохтмони нақби Анзоб маҳсуб донista, на фақат маҳорату ҳунар, балки муносибати эҷодии нависандаро ба мавзуоту масъалаҳои марбутаи асар бо диди илмӣ ҷӯё мешавад. М. Нарзиқул арзиши публитсистии асарро аз дидгоҳи бадеӣ баҳо дода, ба факту далел дар асар ва тасвири симои Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, ҳамзамон бархе камбудиҳои онро низ ифшо кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар ҷо-ҷои асар носуфтагиҳои забонӣ ба назар мерасад. Дар мавриди истифодаи калимаю ибораҳое ба монанди «дар вартаи ҳалок, лиҳози калонсолию мартаба, мамлуъ, ғарора (ба ивази ғарғара), ниёиш намудан, бо кори савоб шуғл гардидан, остон (ба ҷойи устон) ва ғайра андеша мебояд кард» [138].

Дар пажуҳиши Н. Салихов арзишҳои ахлоқи инсонӣ баррасӣ гардида, бо назардошти кор дар нақб ва дар ин раванд тасвири рӯйдодҳои замони муосир ва камбудиву норасоиҳо «Нақби Истиқлол»-ро «асари замони нав ва падидаи муҳим дар публитсистикаи муосири тоҷик» [105, с. 288-289] арзёбӣ намудааст.

Дар заминаи баррасиҳои муҳақиқони болозикр, умумият ва фарқи «Мардистон» ва «Нақби Истиқлол»-ро метавон дар ҷиҳатҳои зер нишон дод:

Якум, умумияти аввалиндараҷаи осори мазкур дар он аст, ки ҳар ду муаллиф аз асноди ҳуҷҷатӣ фаровон истифода бурдаанд, аммо нисбат ба Ш. Мӯсо, Б. Муртазо аз тахайюли бадеӣ низ самаранок истифода бурдааст.

Ҳарчанд бино ба нақли муаллиф ӯ зиёда аз як сол раванди корҳои сохтмониро дар нақби Анзоб мавриди омузиш қарор дода, бо коргарони их корзор аз наздик суҳбат карда, ҳамзамон аз нақлу ривоятҳои пирони рӯзгордидаи Зидеҳу Такфон баҳравар гардидааст ва истифодаи ин авомил боис шудааст, ки дар асар фарохии мавзуъ, ғиноии мазмуну муҳтаво ва мундариҷа, рангорангии тасвиру ташреҳ то андозае таъмин гардад;

Дуюм, афкори ҳар ду нависандаи публитсист мувофиқ ба руҳияи замон, пешниҳоду талабот асосноку воқеӣ, муҳокимаҳо дорои руҳи қавии публитсистианд, аммо дар яке бофтори бадеӣ ва дар дигаре воқеияти рӯз бештар таборуз мекунад. Дар «Нақби Истиқлол» бадеият бо махсусияти вижа дорои меъёру низоми муайян мебошад ва шарти аввалу асосии бадеияти асари мақбули хонанда дар масоили муҳимми проблеманок – ин ҳақиқати воқеияти таърихиро баррасӣ намудан аст, ки ин амал равияи идеявӣ, эҳсосӣ ва мазмунии чунин осорро таъин мекунад;

Сеюм, дар ҳар ду асар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ дар сатҳи хеле баланд қарор дорад. Дар «Мардистон»-и Ш. Мӯсо ба покии виҷдон, меҳнати ҳалол ва ҳақталошии коргарон диққати махсус дода шудааст. Масалан, дар «Мардистон» Далер ҳамчун қории Қуръон муаррифӣ мешавад, аммо фаъолияти тарҷумонӣ ва ахлоқи ҳамидаи ӯ бештар мавриди тасвир қарор мегирад ва образи ӯ дар ин ҷода кашф мешавад. Б. Муртазо бошад, ҷанбаҳои арзиши баланд доштани дину ахлоқро баробар тасвир мекунад. Масалан, Бобои Ҳайдар сари пиёлаи чой Мафтунро панду насиҳатомез чунин ҳушдор медиҳад, ки «ба туннел бе таҳорат марав ва доимо «бисмиллоҳ» гӯён ба пои рост дохил бишав! Чунки кӯҳ макони поку муқаддас аст, мазори азизу авлиёст. Падарону бобоёни мо аз қадимзамон мазорҳои Хоҷа Исҳоқ, Хоҷаи Сангхок, Хоҷа Занҷирӣ, Хоҷа Оби Гармро зиёрат мекунанд, ки ҳама кӯҳанд» [95, с. 37];

Чорум, дар ҳар ду асар табиату рафтор, қобилияту кордонии қаҳрамон дар муколамаву диалог, пурсишу посух ва мушоҳидаҳои бевоситаи адибони

публитсист аён мешавад, чунки нигорандагони ба ин монанд мавзуъҳо ба тасвири бевоситаи корзори меҳнатр, овардани нуктаҳо ва лаҳзаҳои кулминатсионӣ эътибори нисбатан кам медиҳанд ва зиндагии қаҳрамон ба ҷуз аз чанд далелу арқом ва саҳнаҳову санаҳои ҳаётан муҳим нисбатан номукаммал мемонад. Яке аз омилҳои чунин номукаммалӣ дар он аст, ки имрӯз аксар нигоштаҳо барои қаҳрамон эҷод мегарданд ё барои изҳори миннатдорӣ ба ашхосу гурӯҳҳои алоҳида. Бинобар ин, баъзе нигоштаҳои публитсистӣ, хосса очерку лавҳаҳо хусусияти фармоиширо касб намуда, тез куҳна мешаванд ва сареиятро гум мекунанд. Аксар маврид дар қолаби ин жанрҳо тавсифи портрет бартарӣ мекунад ва ҷанбаҳои ҷузъии психологии қаҳрамон кашфношуда мемонад.

Ҳамин тавр, дар осори мавриди назар ҳодисаву воқеаҳои муҳими иҷтимоӣ дар ҳамқадамии руҳи замон ва рангу тобишҳои гуногун тасвир ёфтаанд, аз ҷумла, дар якумӣ сохтмони нақбҳои Чормағзаку Шаҳристон ва дар дуввумӣ бунёди нақби Анзоб инъикос гардида, як дараҷа нақши публитсистонро дар тарғиби арзишҳои неку ахлоқи волои инсонӣ, инсондӯстӣ, ҳифзи сулҳу субот ва ваҳдату якдилӣ, бунёдкорӣ, муаррифии аҳли заҳмату меҳнат низ нишон медиҳад. Аз тарафи дигар, Ш. Мӯсо ва Б. Муртазо аз эҷодкороне маҳсуб меёбанд, ки рӯзгору эҷоди онҳо дар замони шуравӣ шакл гирифта, инкишоф ёфтааст, лек осори эшон, махсусан ду асари болозикр дар замони пуртазод ва зудинкишофи техникаву технология шиносномаи публитсистикаи амалии замони пас аз истиқлолии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Дар контексти қисм ё бахши ин ё он асари марбут ба роҳу нақби Шералӣ Мӯсо метавон очерки «Роҳи биҳишт» [29]-ро дохил кард. «Роҳи биҳишт» натиҷаи мушоҳидаи инфиродиву таассуроти публитсист аз сафарест, ки дар якҷоягӣ бо эҷодкорон аз қабили Алӣ Бобоҷон, Карим Давлат, Салимшо Ҳалимшо ва Баҳринисо ба мақсади аз наздик шинос шудан бо кору пайкори роҳсозони турк дар минтақаи Дарвоз анҷом дода шудааст.

Шакли мухтасари асар айнан бо ҳамин ном, зери рубрикаи «Сафарнома» ва зеррубрикаи «Дар сохтмонҳои бузурги кишвар» дар ду саҳифаи рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» чоп шудааст [54]. Асари мазкур дар қолаби очерки сафарӣ иншо шуда, дар он тасвири сафар ба тарзи вижа тасвир шудааст. Ибтидо ва интиҳои асар бозгукунандаи мазумуну муҳтавои он аст: «Ҳар як роҳ ибтидо дорад. Роҳи мо ба сӯйи роҳ меравад. Ин роҳ шоҳроҳи Кӯлоб – Дарвоз – Қулма аст ва он аз хонаи радио оғоз ёфт» [29, с. 361].

Муаллиф дар барробари зикри бархе арқому далоил махсус таъкид менкунад, ки ҳарчанд ширкат даҳ миллион доллар зарар мебинад, сохтани роҳро давом медиҳад. «Раиси лоиҳа Суха Моро инро аз як тараф ба «алваъдаву дайн» нисбат диҳад, аз сӯйи дигар, «аввалан барои хотири Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сонияи барои обрӯйи ширкат» маънидод мекунад» [93, с. 93]. Мардуми минтақа роҳи мазкурро роҳи Эмомалӣ Раҳмон унвон медиҳанд ва ба ақидаи публитсист, роҳи Эмомалӣ Раҳмон яқинан роҳи биҳишт мебошад. Мундариҷаи ин асар нисбатан маҳдуд бошад ҳам, мазмуни мушахас дорад ва ҳам бурди нависанда асту ҳам манфиати хонанда. Ба таъбири адабиётшинос Р. Мусулмониён «маънии маҳдуд мазмуни асари конкретро ифода менамояд, маънии васеъ – як ҷузъи қонуни мундариҷаю шаклро мефаҳмонад» [96, с. 113].

Зимни тасвири воқеаву ҳодисоти очерки сафарии мавриди назар муаллиф на фақат ба қиссаи роҳ, балки ба муколамаву муоширати ҳамсафарон низ диққат додааст, ки боиси ҷолиб гардидани муҳтавои асар ва руҳи психологии он гардидааст. Нависанда дар тасвиру сужасозиҳои ҳикматомез маҳорати хуб дорад. Ҳар сари қадам сужаҳои тоза пайдо мекунад, онҳоро ба тасвир мегирад ва ба ин васила аз ободии диёр, табиати афсункор ва одамони наҷиби он сухан ба миён меорад. Масалан, роҳи лаб-лаби дарёи Панҷ, иҳотаи кӯҳҳо гирду атрофро, хомӯшии розолуди кӯҳҳои сар ба фалаккашида, дарёи равон, туғёну талотуми мавҷҳо, дуди сигор Салимшо Ҳалимшо ва чашм аз дарё накандан ва худ ба худ хандида мегуяд:

«– Ман боре устод Муъмин Қаноатро танқид кардам. Гуфтам, ки аз Панҷ об хурдию рафта «Мавҷҳои Днепр»-ро навиштӣ.

– Нахо-о-од? бо ҳайронӣ гуфтам ман ва ба шумо ҳеҷ чиз нагуфтанд?

– Эй бародар! – бо садои хоси худ гуфт ӯ. Ба гапи ҳақ чӣ ҳам мегуфтанд?» ва ҳангоме ба мавзеи Яхчи Поён ва баъдтар ба тасвири муаллиф роҳи қирпӯши бараш ёздаҳметраи чун кафи даст ҳамвор ворид мешаванд, ӯ руҷуъи ботинӣ мекунад: «Акнун мошин чунон мерафт, ки мо худро дар бағали роҳати модар ҳис мекардем. Беихтиёр мисраъҳои устод Гулназар ба ёдам меояд:

Ин роҳ, ки бар тани Ватан шарён аст,

Роҳи шарафи Эмомалӣ Раҳмон аст» [29, с. 363].

Чунин саҳнаҳои руҷуъдори ҳикматомез дар ағлаби асарҳои Ш. Мӯсо ба мушоҳида мерасад.

Ӯ дар асарҳои дигараш низ ҷо-ҷо аз масоили роҳу нақб ёдовар шудааст. Масалан, дар достони саввуми «Достони Роғун», ки «Роҳи Роғун дигар аст» [30] ном дорад муаллиф аз тасвири кӯҳҳо бевосита ба ёди ағбаи Анзоб меафтад. Кӯҳҳо барои муаллиф арзиши волоеро доранд. Ӯ қариб дар аксар осрои марбут ба иншоотҳои азим розу навои кӯҳҳоро ҷӯё мешавад, чунки айёми бачагии ӯ дар оғӯши кӯҳҳо гузаштааст. Бинобар ин, махсус қайд мекунад, ки «дар пойтахт ёди кӯҳсоронро, дар кӯҳистон ёди шаҳрро мекунам. Аммо ҳоло ағбаи Анзоб ба ёдам омад.

Ағбаи Анзоб…

Бале, ҳазорон сол сар ба пойи ағба монда, раҳи қалбашро мекофтанд. Бо ташаббуси Эмомалӣ Раҳмон раҳи дили ағбаро ёфтанд. Чун кафи даст ҳамвор карданд. Дигар сукути қуллаҳои ағбаро халалдор намекунанд. Онро ба боду борону барф супориданд» [30, с. 110].

Ҳарчанд порчаи мазкур дар ҳудуди чанд ҷумла аст, аммо муаллиф аз ҳодисаҳои нохуши қаблан дар ағба рӯйдода ёд карда, хотироти роҳҳои пурбарфу боронро ба бод месупорад, то ба дуриҳои дур барад ва ҳамчун

публитсист дар муддати фаъолияташ дастоварду унсурҳои ба ҷомеа зарур ва навро дастгириву тарғиб менамояд. Ба мардум аз пирӯзиву комёбиҳо қисса карда, аз пешомад иттилоъ ва ба оммаи доираи фарогири муайян сабақи зарурии ҳаётӣ медиҳад.

Дар қисматҳои дигари «Достони Роғун» муаллиф аз роҳҳои пурпечутоби кӯҳӣ, ҳаракати БелАЗ-ҳо, зулмот, чашмони фурӯзони шаб ва эҳсосоти худи ӯ дар ин миён аз роҳ ва роҳравон қисса мекунад ё бо ҳамин тасовир онро ҳусни анҷом мебахшад.

Зимнан, дар публитсистика ва рӯзноманигории тоҷик ба кандану азнавсозии роҳу нақбҳо эҷодкорони дигар низ таваҷҷуҳ намуда, асарҳо навиштаанд, ки ба назари мо асари Абдуқодири Раҳим «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо» [101] намунаи хуби онҳост. Дар ин асар заҳмату комёбиҳои сохмончиёни шоҳроҳи байналмилалии Душанбе-Хуҷанд-Чанок тасвир карда шудааст. Асари мазкур дар шакли маҷмуа буда, дар он на фақат маводди худи рӯзноманигор, балки матни суханрониҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маъракаву чорабиниҳои марбутаи лоиҳа, андешаҳои масъулини Маркази татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳ, саҳми хизматчиёни давлатӣ, андешаву ақоиди аҳли илму адаб ва рӯзноманигорон ҷамъ оварда шудааст.

Дар давоми солҳои 2007 то 2011 муаллиф 7 маротиба ба ба сохтмони шоҳроҳи «Душанбе-Чанок» сафар кардааст. Ҳадаф аз ин сафарҳо боздиди ҷараёни кор дар сохтмон буда, азҷумла таҷдиди қитъаҳои гуногун, сифати кор ва назари сокинони деҳоти шафати сохтмон, фикру андешаи ронандагон, паҳлуҳои гуногуни иҷрои лоиҳа ва услуби кори мутахассисонро фаро гирифтааст. Масалан, аввалин сафари муаллиф, ки «дар қисмати «Шоҳроҳи Душанбе-Чанок: бозсозӣ суръат мегирад» баён гардидааст, бо ташаббус ва ҳамроҳии директори «Маркази татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди «Душанбе-Чанок» Саидов Қодир сурат гирифта, мушоҳида ва қайдҳои таассуроти муаллифро аз рафти корҳои роҳсозӣ, шароит ва табиати кори

мутахассисони чинӣ дар бар мегирад» [93, с. 95]. Ин сафар бештар бо мақсади аз наздик шинос шудан бо раванди таҷдид ва таҳкими қисматҳои алоҳидаи шоҳроҳ сурат гирифтааст. Сафарҳои навбатӣ то охири ин шоҳроҳ идома ёфта, ҷанбаҳои васеътари корро дар иншооти мазкур фаро мегирад. Ҳамзамон муаллиф натиҷаҳои зарари офати табиӣ аз километрҳои 48 то 73-ро ба мушоҳида гирифта, барқарорсозии қитъаҳои соебдидаро ба хатти тасвир мекашад. Сафарҳои дигар бошад шиносоӣ бо марҳилаҳои дигари лоиҳаро фаро гирифта, ба истифода додани қисмати дигари шоҳроҳ, пулҳои хурду калон, долонҳои зиддитармавӣ, кор дар сохтмони нақби Шаҳристон, фаъолияти ширкати саҳомии «Innovative Road Solutions» ва сатҳи хизматрасониву тарзи фаъолияти он дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф қарор гирифтааст. Сафарҳои пайваста, мусоҳибаҳо бо масъулин, ронандаҳо, мутахассисони чинӣ, сокинони маҳаллу деҳоти назди шоҳроҳ, омузиши санадҳои ҳуҷҷатӣ ва истифодаи далелҳову рақамҳои фаровон ба муаллиф имкони онро додааст, ки ҷараёни сохтмону таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Чанокро дар доираи ҳар як бахш инъикос ва баррасӣ намояд.

Китоб аз сарсухан ва панҷ қисматро фаро гирифта, «Аз орзу то ҳақиқат», «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо», «Масъулият» ва «Равзанаи дидор» аз ин ҷумлаанд. «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо» аз нахустин осоре маҳсуб меёбад, ки ба ҷараёни сохтмон ва таҷдиди шоҳроҳи «Душанбе-Хуҷанд-Чанок» ва фаъолияти пурзаҳмати бунёдкорони он бахшида шудааст. Дар сарсухани асар таъкид мешавад, ки А. Раҳим бо пешниҳоди «Маркази татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди «Душанбе-Чанок» ба эҷоди ин асар пардохтааст. Инҷо ҳадафи асосӣ на танҳо бозтоби корҳои сохтмонӣ дар иншоот, балки нишон додани неру ва қудрати дасти инсон дар иҷрои лоиҳаи муҳимми миллӣ мебошад.

Бинобар ин, ӯ «ба рафти сохтмон ошно гардида, бо коргарон, мутахассисон барои навиштани матлабҳо суҳбатҳо намудааст» [101, с. 3], бо

истифода аз манобеъу ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маълумоти оморӣ ҷараёни кори роҳсозонро бо ҳама монеаву мушкилот ва муваффақият инъикос намудааст.

Ба ақидаи профессор М. Муродӣ «китоби мазкур сужаи муайян надорад ва он маҳсули тахайюли нигоранда низ нест» [93, с. 94] ва он раванди бунёд ва таҷдиди шоҳроҳи «Душанбе-Хуҷанд-Чанок»-ро бо ҳама қисматҳову минтақаҳо ва иншооти ёрирасон ва меҳнати садоқатмандонаи Маркази татбиқи лоиҳа бозтоб кардааст.

Бахши «Масъулият» муаррификунандаи фаъолияти кормандони «Маркази татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи автомобилгарди «Душанбе-Чанок» буда, дар ин қисмат хонанда на танҳо бо ҳайати корӣшинос мешавад, балки дар бораи усули кор, муносибати касбӣ ва масъулиятшиносии онҳо маълумоти муфассал низ мегирад.

Дар бахши «Равзани дидор» бошад, фикру ақидаҳои олимону адибон, рӯзномнигорон ва сокинон гироварӣ шудааст. Онҳо татбиқи лоиҳаи мазкурро ҳамчун ҳодисаи бузурги таърихӣ ва дастоварди миллӣ арзёбӣ намудаанд. Азҷумла, «ба таъбири Атахон Сайфуллоев роҳи Душанбе-Чанакро на танҳо ҳамчун роҳи пурвусъати тиҷорат, роҳи болоравии иқтисодиёт, роҳи равнақу ривоҷи муносибатҳои бозаргонӣ, балки ҳамчун роҳи дилҳо низ метавон номид» [93, с. 96]. Ба ақидаи Сайфиддин Назарзода ин роҳ, ки дар таърихи миллату давлати мо дастоварди бесобиқа мебошад – таъмини ваҳдату якпорчагии мардуми тоҷик маҳсуб меёбад. Ба ақидаи Ато Мирхоҷа шоҳроҳи Душанбе-Чанок на танҳо пайвандгари манотиқи шимоли кишвар бо ҷануб, балки имтиҳони иродаву ваҳдати миллати бузурги тоҷик аст. Дар ҳақиқатан ҳам, ин сохтмони бузург нишон аз он аст, ки мо ҳамчун қувваи мағлубнашавандае дар кунҷи кӯҳсорон қарор дорем.

Ш. Мӯсо боби сеюми асари «Президенти мо»-ро низ «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо» ном ниҳодааст. Ин боб аз ду фасл «Қатра наӣ, дарёӣ» ва «Эъҷози дӯстӣ» иборат буда, дар бораи бунёди роҳҳои Душанбе-Чанок ва нақби Чормағзак нақл мекунад. Дар фаслҳои ин боб «роҳҳои дар мамлакати

мо бунёдкардаи ҳамватанон ва чиниҳо ва қаҳрамониҳои нотакрори дар ҷабҳа рӯйдода воқеӣ ва боварибахш баён гардида, аҳаммияти иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳо» [82, с. 74] таъкид мешавад.

Дар очерки «Қатра наӣ дарёӣ» се образи асосӣ, азҷумла Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – ҳамчун роҳбари хирадманд ва бунёдкор, директори Маркази татбиқи лоиҳа Қодир Саидов – намунаи роҳбари масъулиятшинос ва роҳбари намояндагии ширкати чиноӣ Ли Ган ҳамчун мутахассис ва коршноси сатҳи байналмилаӣ тасвир ёфтаанд. Шералӣ Мусо дар бораи Қодир Саидов маълумот дода, таъкид мекунад, ки меҳри беандозаи ӯ ба касби сохтмонӣ ҳануз аз айёми мактабхонӣ пайдо шудааст. Аз ҷумла, дар идома нуктаи кулминатсионе дар шакли нақли саёҳат дарҷ мегардад. Боре Қодир Саидов ва ҳамсинфонашро аз деҳа ба шаҳри Душанбе тамошо меоранд. Ӯ иморатҳоро тамошо мекард ва махсусанм бинои Комитети Марказӣ ба ӯ маъқул шуда буда, саволҳои «Дар ин ҷо кӣ кор мекунад?» – «Дар ин ҷо роҳбарони аз ҳама калони мо кор мекунанд», «Ин биноро онҳо сохтанд?», «Немисҳо сохтаанд» суоли ба ояндаи қаҳрамон таъсиррасон «Чӣ, мо мутахассис надорем?» посухи «Дорем, вале ба онҳо намерасанд» шояд бофтори тахайюли худи публитсист низ бошад, ки бо мақсади кушодани симои қаҳрамон оварда шудааст.

Дар боби мазкур муъҷизаи дасти инсонӣ – кандани роҳ мушоҳида шавад ҳам, ин ҷо ду симо – бунёдкор ва бинокор буруз мекунад. Ин ҷо се қаҳрамон – Саид Қодиров – сохтмончии маҳаллӣ, Ли Ган – бинокор аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Эмомалӣ Раҳмон – сарвари бунёдкор дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф қарор мегиранд. Бино ба тасвири муаллиф «Худованд оламро офарид ва дигар корҳоро барои сохтмончиён вогузошт. Ин аст, ки онҳо дунёро зеботару рангинтар менамоянд» [28, с. 152]. Бинобар ин, оне ки месозаду пайи бунёдкорист мавриди тавсифу тасвири нависанда қарор мегирад. Хосатан, гуфтугуи байни қарамонҳо мувозинати хатти ҳаракати асарро пасту баланд мекунад. Чунончи, агар ба суҳбати Сарвари

давлат бо Ли Ган диққат диҳем, маълум мегардад, ки ягон ҷумла берун аз мавзуъ нест ва муаллиф барои равшантар нишон додани воқеият кӯшиш мекунад. Аммо масъалаи асосӣ – таҷдиди роҳ нисбатан сарфи назар мешавад:

«Ли Ган бори аввал вақте ағбаро дид, беихтиёр чашмонашро сахт пушиду бозкушод ва лаб ба сухан во кард:

– Роҳ не, аҷал.

– Ли Ган лабханде зад. Президент ба сӯйи ағба ишора намуданд:

– Ин ағба акнун аз ту метарсад.

Ли Ган бо таҳайюр ба ӯ чашм дӯхт.

– Ҳо, ҳайрон нашав, зеро то ҳол ту барин паҳлавонро надидааст.

Ли Ган қаҳ-қаҳа зад. Президент афзуд:

– Аз суханони ман завқ мебарӣ, қоҳ-қоҳ мезанӣ. Лекин ҳис мекунӣ ки ағба барги бед барин меларзад.

Садои пурнавозиш ва суханони муаддабонаи ӯ чун сеҳри соҳир Ли Ганро мутаассир менамуд» [28, с. 158].

Аз баррасии ин асарҳо хулоса кардан мумкин аст, ки ба руҳи замон мувофиқ будан, ғоя, ҷасорати андешаронӣ ва мавқеи устувор доштан, аз меъёрҳои зарурӣ ва дархури табиати публитсистика ба ҳисоб рафта, бе ин аносир нигорандаро публитсист ва маҳсули эҷоди ӯро асари публитсистӣ номидан на чандон дуруст аст.

Ҳамин тавр, умумият ва фарқи осори мавриди назарро метавон дар чунин ҷиҳатҳо муайян намуд:

Якум, ҳарчанд «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо» аз аввалин осоре маҳсуб меёбад, ки масъалаи роҳу нақбро аз дидгоҳи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ фаро мегирад ва муаллиф аз манобеи боэътимод истифода карда, кори пурмасъулияти роҳсозони ин иншоотро бо душвориҳову пирӯзиҳо таҷассум намудааст;

Дуюм, баръакси «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо» асари «Роҳи биҳишт» бо вуҷуди очерки мухтасари сафарӣ будан, қолаби ягона, мазмуни васеъ,

сужаи муайян, муҳокимаҳои публитситӣ, тахайюлот, ҳунари нигорандагӣ ва усулҳои такрори мавзуъ дар мавқеъҳои гуногунро доро аст;

Сеюм, дар «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо» муаллиф на танҳо нақши мушоҳид ва мусоҳибро иҷро мекунад, балки кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки кору заҳмати роҳсозонро сидқан дарк карда, ба зарурияти ин корҳо, хосса сохтмони пулҳо сарфаҳм равад, аммо дар «Роҳи биҳишт» муаллиф қаҳрамон, мушоҳид, мусоҳиб ва болотар аз ин ҳамчун муҳандис мутахассис низ ҳаст ва ин дар суолу ҷавоб бо қаҳрамон ва шарҳи мавзуъ пурра аён мегардад;

Чорум, новобаста бо ҷиҳатҳои хосса, умумияти ин ду асар дар як будани мавзуи онҳо зоҳир мегардад, яъне мавзуи ин асарҳо масъалаи бунёд ва тармиму таҷдиди роҳу нақб буда, дар онҳо арсаи сохтмони нақбу роҳҳо ва корзори бунёдкорони он васфу тасвир карда шудааст. Зимнан, дар адабиёт ва публитсистика доир ба як мавзуъ навиштани асарҳо навгонӣ нест, балки анъанаи собиқа дорад. Ба як мавзуъ чанд нафар метавонад таваҷҷуҳ намояд ва асар офарад, аммо ин матолиб ҳеҷ гоҳ монанд намешаванд. Таҷрибаи эҷодӣ, мушоҳида, хусусиятҳои маҳорати эҷодӣ, хислати муаллиф дар ҳар кадом фарқ мекунад, чунки ин ҷо бозтоби фардияти нависанда дар назар аст ва ин осор на фақат мунъакисгари таърихи раванди сулҳу ваҳдати миллӣ, бунёду таҷдиди роҳҳо, сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ба ҳисоб мераванд, балки онҳо ҳамчун ибтидои шинохти ҳақиқат, сабақҳои ҳаётӣ, воситаи тарбияи наврасону ҷавонон мебошад. Ба ин мазмун, асарҳои марбут ба мавзуи Ш. Мӯсо ва А. Раҳим мустақил буда, бо рангу таровати хос ва мутафарриқ навишта шудаанд;

Панҷум, қисмати «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо»-и боби сеюми «Президенти мо»-и Ш. Мӯсо нисбат ба маҷмуаи «Пайвандгари марзҳо ва дилҳо»-и А. Раҳим мавзуи мушаххастар буда, дорои низоми муайяни мундариҷаиву муҳтавоӣ ва сужаву композитсияи мукаммал аст.

Ҳамин тавр, масъалаи роҳу нақб дар пулитсистикаи муосир, махсусан дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо мавқеи намоён дорад. Мазмуну

мундаричаи осори тадқиқигардида ифодагари онанд, ки бунёди роҳҳо, кандани нақбҳо аз дастовардҳои бузурги Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбанд. Дар аксар осори Ш. Мӯсо баробари буёди иншоотҳо ва сохтмони роҳу нақб – дӯстии халқу миллатҳо ва рафоқату ҳамкориҳои судманди кишварҳо бо руҳияи самимият ва ҳамзистии созханда тараннум ёфтааст. Дар радифи аксар осори марбут ба мавзуъ симои шахсияти бунёдкор – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори сулҳу ваҳдати миллӣ ва корҳои созандагӣ бо диди публитсистӣ ва масъулияти шаҳрвандии муаллиф тасвир мегардад. Маҳз бо ибтикорот ва ташаббусҳои Сарвари давлат пас аз расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, раванди корҳои созандагӣ бо кандани нақбҳо ва таъмиру азнавсозии шоҳроҳҳо шуруъ гардид. Ин лоиҳаҳои бузург буданд, зеро бо иҷрои онҳо Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфт. Ба ин мазмун, асарҳои марбут ба ин лоиҳаҳо на танҳо барои хонандаи имрӯза, балки бароиояндагон низ ба сифати таҷассумкунандаи раванди бунёдкориҳои замони мо судманд хоҳанд буд.

## 2.2. Мавзуи сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ

Сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз калонтарин иншоотҳои гидроэнергетикӣ дар олам маҳсуб ёфта, дар матбуоти даврӣ, адабиёт ва публитсистикаи тоҷик ба таври кофӣ инъикос гардидааст. Муҳаққиқ Мурод Муродӣ раванди кор дар Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба се марҳила ҷудо намудааст, ки марҳилаи аввал ба бунёди он марбут буда, ба солҳои 1930-1931 рост меояд. Ин давра аслан корҳои таҳқиқотию лоиҳакашӣ ва ҷалби аввалин муҳандисону пажуҳишгаронро дар ин иншоот ташкил медиҳад. Марҳилаи дуввум аз соли 1976 шуруъ гардида, ба аввалин таркиш дар неругоҳ пайвандӣ дорад. Ин марҳила то соли 1981 идома ёфта, давраи ташкили сохторҳои корӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо техникаи зарурӣ маҳсуб меёбад. Шурои Вазирони ИҶШС муқаррар мекунад, ки иншоот бояд соли 1993 сохта шавад. Бо муташаннич гаштани вазъи сиёсии кишвар соли 1990

кори сохтмон қатъ ва бинобар обхезиву офатҳои табиӣ ҳама заҳмату талошҳо бенатиҷа анҷомиданд.

Марҳилаи саввуми сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба замони соҳибистиқлолӣ рост омада, мустақиман ба иқдом ва ташаббусҳои Пешвои миллат дар ин самт вобаста аст. Ҷараёни омодагӣ ва бунёди ин сохтмон таваҷҷуҳи рӯзноманигорон, публитсистон ва аҳли адабро ҷалб намуда, дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо матолиби гуногун ва ҳамзамон асарҳои алоҳидаи зиёде ба табъ расонида шудаанд.

Ба ин гурӯҳи адибон метавон Муҳиддин Хоҷаев, Раҷабалӣ Аҳмад, Ҷамолиддин Тошматов, Шералӣ Мӯсо ва дигаронро ном бурд. Махсусан, Ш. Мӯсо аз адибони публитсистест, ки ба мавзуи сохтмонҳои азим таваҷҷуҳи бевосита дошта, бо тақозои эҷоду замон ва эмпатияи ботинӣ пайи чопи нигоштаҳо дар матбуоти даврӣ ва интишори китобҳои алоҳида доир ба ин мавзуъ ҳамчун «роғуншинос» маъруф шудааст.

Ш. Мӯсо аз давраи донишҷӯйӣ бо сохтмонҳои азим, аз ҷумла Неругоҳи барқи обии «Роғун» робитаи ногусастанӣ дошта, аз эҷодкороне ба ҳисоб меравад, ки дар муҳити корзори меҳнат – коргоҳҳои саноатӣ рушд кардааст. Ӯ ҳамчун муҳандиси мошинсоз қариб ҳама маҷаллаҳои марбутаи соҳаро пайваста мутолиа мекардааст. «Аввалин маротиба соли 1969 дар маҷаллаи «Техника молодёжи» матолиб дар бораи неругоҳи «Роғун» ва лоиҳаи он баромад. Соли 1976 ман котиби дуюми райкомкомсомоли райони ҳамонвақта Октябр будам ва 23-юми июни ҳамон сол дар Сарипулак барои расман оғоз шудани корҳои сохтмони Роғун гирдиҳамоӣ шуд ва аз он ҷумла маро низ даъват карда буданд. Дар он гирдиҳамоӣ роҳбари ҳамонвақтаи Тоҷикистон Расулов Ҷаббор Расулович ва вазири энергетикаи ИҶШС – Непорожний Пётр Степанович низ буданд ва даъвати намояндагони комсомоли ҷумҳурӣ низ ба фикрам кори Расулов буд. Чуноне ки баъдан маълум гардид, ин даъват беҳуда набудааст, зеро Роғун сохтмони зарбдори комсомолии

умумииттифоқӣ эълон гардид ва корҳои равон кардани мутахассисон аз ҳамин ҷо шуруъ шуд» – мегуяд Шералӣ Мӯсо.

Ш. Мӯсо аз соли 1981 то соли 1986 ҳамчун котиби кумитаи ҳизбии заводи «Тоҷикгидроагрегат» интихоб мешавад ва то соли 1982 шаш маротиба ба Роғун сафар карда, ҳамзамон, дигар комсомолонро низ сафарбар месозад. Маҳз аз ҳамин давра сар карда, нигоштаҳои ӯ «Их воспитал Рогун» [3], «Ситораи Роғун» [60], «Ошёни уқобон» [52], «Кӯҳнавард» [49], «Вахшро хоб мебинам» [46], «Ҳусни зиндагӣ» [69], «Достони Роғун» (Мухтасари қисса) [16], «Рӯзи нур» [32] ва ғайраҳо дар матбуоти даврӣ рӯйи чоп омаданд. Очеркҳои мазкур ба як объект марбут бошанд ҳам, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва доираи фарогирии мавзуъ мутафарриқанд. Ҳамзамон онҳо бинобар сабаби дар матбуоти даврӣ чоп шудан, дар доираи шартҳои қатъии вобаста ба талаботи чопи мавод дар нашрияҳо ба ибораи муҳаққиқ А. Василева «доираи маҳдуди ҳаҷм» [77, с. 7]-ро доранд.

Масалан, очерки «Ситораи Роғун» [60] ба корнамоии булдозеррон Александр Шишов бахшида шудааст. Дар рӯзҳои аввали кор роҳбарон тасмим мегиранд, ки дар соҳили чапи рӯдхона ҷабҳаи нави кор ташкил намоянд, зеро тунели сохтмонӣ дар ҳамин тараф воқеъ гардидааст. Барои ташкили ин ҷабҳа ба соҳили чап экскватори ЭКГ-6,5 ва се-чор адад мошинҳои пуриқтидори самосвалро гузаронидан лозим буд. Он вақт дар болои дарё пул мавҷуд ва васоити техникии зикршуда чандон сабук ҳам набудааст. Иҷрои ин вазифаи хеле вазнин ва дар айни замон ниҳоят пурмасъулиятро Александр Шишов ба зиммаи худ гирифт. Дар ин бобат ӯ дар ҷаласаи корӣ ҳадафи худро баён намуд. Ин як қаҳрамонӣ, амали ҷасуронае буд, ки бо роҳбарии Шишов фасли тирамоҳ дар айёми нисбатан камобии дарё анҷом пазируфт. Дар рӯдхона ба сангу шағал ҷазира бунёд карда шуд, экскватори неруманд ва самосвалҳои пурқудрат ба соҳили чап убур намуданд ва ҷабҳаи хеле зарурии кор ҳам фаъолияти худро оғоз бахшид. Мақсади муаллиф аз тасвири чунин саҳнаҳо на фақат корномаи

коргарон, балки ба ин восита инъикоси кор дар неругоҳ аст, чунки очерк аз жанрҳои публитситсию бадеӣ маҳсуб меёбад, ки «корнамоиҳои шахсони воқеиро дар корзорҳои меҳнатӣ фаро мегирад» [89, с. 232].

Вақте ки вазъи кор дар махзани понздаҳум суст гардид, боз як фазилати баланди одамияти Александр Шишов возеҳ шуд. Сабаби суст гаштани кори ин махзан ба ронандагони соҳибтахассус ва ботаҷриба вобаста буд, чунки як идда ронандагон тарки вазифа карданд. Александр ба ин кори пурмасъулият ронандагони дар деҳоти гирду атрофии сохтмон будубошдоштаро ташвиқ намуд. Ин ронандагон, бо вуҷуди тахассуси баланд ва таҷрибаи зиёд доштанашон ба корҳои дуюмдараҷа шуғл меварзиданд. Воқеан, ташвиқу тарғиби Александр Шишов натиҷаи мусбат бахшид ва кори махзани понздаҳум ба эътидол омад. Очерки мазкур як навъ инъикоскунандаи марҳилаи аввал ва мушкили сохтмону коргарони он аст.

Очерки «Их воспитал Рогун» [3] бо забони русӣ буда, яке аз аввалин матолиби ба сохтмони Роғун бахшидаи муаллиф мебошад. Матлаби мазкур дар рӯзномаи машҳури давр «Комсомолец Таджикистана» рӯйи чоп омада, аз фаъолияти кори аввалин бунёдкорони неругоҳ Лайс Абдураҳмонов ва бригадаи ӯ мухтасар қисса мекунад. Муаллиф дар очерки мазкур ҷо-ҷо аз таҷриба ва собиқаи кории ҳайати бригада ҳикоят ва зикр мекунад, ки «дар коллективи Лайс 36 нафар кор мекунанд. 70 фоизи онҳо комсомол ва худи ӯ коммунист аст» [3]. Яъне устухони коргарони бригада дар меҳнат шах шуда, бар замми ин онҳо бовиҷдону фаъолони ҷомеа мебошанд. Масалан, Мӯсо Ҷамилов аз шонздаҳсолагӣ ба меҳнат сару кор гирифта, дар курси ронандагӣ таҳсил мекунад ва дар коргоҳи бузург сохтмончӣ аст. Ё Хайрулло Асоев Донишгоҳи политехникии Тоҷикистонро хатм карда, корро ҳамчун сохтмончӣ дар комбинати бачагонаи Сарипулак шуруъ мекунад ва қариб ҳама хислатҳои хуби инсонӣ ва қобилияти коргариву чашмикордонии ӯ маҳз дар Роғун кашф мешавад. Як ҷиҳати фарққунандаи очерки мазкур аз якумӣ дар он аст, ки «Ситораи Роғун» як нафар аст ва бо табиати жанриву маҳорати

нигорандагии Ш. Мӯсо дар назари хонанда ҷилвагар мешавад. Дар очерки мазкур корномаи на фақат Лайс Абдураҳмонов, балки бригадаи кории ӯ низ тасвиру таҳлил мегардад, ки хонанда, аз як тараф, ба маҳорати роҳбарӣ ва аз тарафи дигар, вобаста будани ин маҳоратро бо бригада ва кори неругоҳ ошноӣ пайдо мекунад.

Дар «Ошёни уқобон» [52] часпу талошҳои ҷавонон дар рӯзҳои оғози ин сохтмони бузург тасвир карда шудааст. Муаллиф ҳамроҳи қаҳрамонони очерк дар майдони кор қадам ниҳода, дар ин ҷо шиносони дерини худро мебинад. Онҳо дар користони Норак ва дигар сохтмонҳо обутоб ёфта, ҳунару маҳорати худро сайқал додаанд ва акнун ҳозиру омодаанд, ки ин неругоҳи боҳашаматро бо дасту бозувони худ обод созанд. Зимнан, дар заминаи очерки мазкур соли 2010 маҷмуаи очеркҳои марбут ба Неругоҳи барқи обии «Роғун» рӯйи чоп омад.

Тавре ки маълум аст, Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз лиҳози техникӣ дар арсаи ҷаҳон сохтмони мураккабтарин маҳсуб меёбад. Биноан, дар эъмори ин маркази нур соҳибони касбу корҳои гуногун ҷалб гардидаанд. Яке аз пешаҳои хеле зарурии сохтмони азими энергетикӣ кӯҳнавардӣ мебошад. Муаллиф ин масъаларо дар очерки «Кӯҳнавард» [49] бо маҳорати хуб ба риштаи тасвир кашидааст. Кӯҳнавардон ҷавонони далер, ғаюр ва сарсупурда мебошанд ва маслаки худро ба дараҷаи аъло медонанд. Онҳо, одатан рухсатии меҳнатии худро ҳам бо кӯҳнавардӣ дар қуллаҳои баландтарини Помир сипарӣ менамоянд, аммо хатти ҳаракати тасвири очерки мазкур кори бригадаи кӯҳнаварди номӣ Юра Янович аст. Монанд кардани кӯҳҳои Роғун ба Бесутун, кори бригада ва афсонаи Фарҳод, тасвир шудани бунёдкороне мисли Юра Янович, ки вақте сохтмони иншооти Неругоҳи барқи обии «Норак» ба итмом расид, ӯ метавонист ба кори сабуктаре гузарад, аммо ба Роғун омад. Чун Камол Ҳамсариеви шуҳратманд, Анатолий Тюмин ва Алексей Устинови шуҳратёр ба қатори аввалин бунёдкорони Роғун шомил гардид. Ба ақидаи адабиётшинос М. Шакурӣ кӯшиши бурузи руҳи замон ба

тавассути ашхоси қавию қудратманд чӣ дар адабиёт ва чӣ дар публитсистикаи тоҷик на фақат ба осори тарҷумаҳолӣ, таърихии инқилобӣ ва то инқилобӣ хос буда, «ин хусусият бо шаклҳои дигартаре, бо намуди хосе дар баъзе асарҳое, ки дар мавзуъҳои зиндагии имрӯза навишта шудаанд» [122, с. 18], ба назар мерасад ва ин назария имрӯз дар публитсистикаи тоҷик, махсусан дар публитсистикаи Ш. Мӯсо бараъло зоҳир мегардад.

Авзои бурдборӣ, бо меҳнат паси сар кардани мушкилоти сари роҳ дар очерки дигари Ш. Мӯсо «Ҳусни зиндагӣ» [69] боз ҳам бақувваттар аст. Дар ин очерк, баръакси очеркҳои баррасишуда, на коргарони одӣ, балки яке аз роҳбарони сохтмон Хайрулло тасвир гардидааст. Қаҳрамони нависанда як инсони хаёлпараст аст. Ӯ ҳатто дар иншои мактабиаш чунин ҷумлаҳоро навишта, муаллимонро дар ҳайрат гузошта будааст: «Дар рӯйи замин касбест, ки маҳсули он дили ҳамаро шод мегардонад. Ин касб бунёдкор аст, ки ҳеҷ вақт кухна намешавад...» [69]. Иншои ӯ муаллимонро ба ҳайрат гузошт, вале безобита накард. Онҳо характери Хайруллоро медонистанд. Ҳануз аз овони мактабхонӣ кори душвор меҷуст. Ин хислат дар Институти политехникӣ такмил ёфта, дар кор ба дараҷаи камолот расид ва дар муомила бо ҳамкорон зуҳур кард. Нависанда ин хислати ӯро бо мушоҳидаи мудовим меомузад. Сухани сарвари сохтмон беҳуда набудааст, мо роҳбаронро кам мешинохтем – мулоҳиза меронад нависанда. – Сардори бригада, баъд сардори минтақа Хайрулло Ризоевро пеши назар оварда – Асоев бо хоксорию фурӯтанӣ ва хислатҳои наҷибаш ба ӯ фақат ҳамчун инсони комил маъқул мешавад. Ба ақидаи хулосавии муаллиф бисёре аз хислатҳои ӯ модарзодианд, лекин баъзе аз онҳо дар Неругоҳи барқи обии Роғун шакл гирифтаанд.

Қаҳрамони асосии очерки «Вахшро хоб мебинам» [46] Александр Терешенко ҳамчун бунёдкор ва роҳбари масъулиятшиноси Неругоҳи барқи обии «Роғун» буда, бо меҳнати ҳалол, ҷаҳонбинии касбӣ ва муносибати хуб обрӯ ва эҳтироми хоссаеро соҳиб аст. Кору пайкори ӯ таваҷҷуҳ ва эътимоди роҳбариятро ҷалб менамояд. Публитсист барои равшан нишон додани

воқеият қаҳрамонро дар муҳити корӣ ва муомилаву муносибат бо ҳамкорон тасвир мекунад, ки як андоза ба таъсирбахш ва ҷолиб баромадани очерк сабаб шудааст. Масалан, ба саволи коргаре, ки «Александр, беҳуда зӯр мезанӣ. Пагоҳ рӯзи Худо ҳаст-ку?». Александр ҷавоб намедиҳад. Коргар пештар омада, Александрро ба сухан саргарм кардан мехоҳад ва дилсузона мегуяд:

«– Э, ин кори дунё аз ду сар ҳеҷ адо намешавад. Ба ҷонат раҳм кун. Охир ҳамин ҳам кор шуд! Бираву андаке роҳат кун. Кор гуфта боз роҳи хонаатро фаромуш накунӣ.

Дар ҷавоб Александр табассум намуд. Аз сару рӯяш қатраҳои арақ ҷӯяк кашида ба поён ҷорӣ буд» [46].

Дар воқеъ, чунин лаҳзаи тасвир дар очерк аз омузишу мушоҳидаҳои бевоситаи муаллиф нисбат ба қаҳрамон дарак медиҳад. Александр меҳнатро шарафу номус, обрӯву эҳтиром ва асоси комёбии инсон медонад. Инсон маҳз дар натиҷаи меҳнат такомул меёбад. Дар очерк образҳои мусбат ва манфӣ, аз қабили Савченков Николай Григоревич, Виктор Бублик, Антонина Ивановна, Мария, Игор ва Ҳайдар низ тасвир шудаанд, ки барои кушодани паҳлуҳои мавзуи очерк ва хислати қаҳрамонҳо мусоидат менамоянд. Публитсист образҳои мазкурро дар шароит ва муҳити гуногун ба тасвир мегирад, ки онҳо бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд.

Бо пош хурдани Иттиҳоди шуравӣ ва сар задани оташи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» муваққатан боз дошта шуд. Бо мустаҳкам шудани сохти конститутсионӣ ва талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кор дар иншоот барқарор гардид. Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат, ки санаи 19 марти соли 2011 баргузор гардида буд, ба публитсистика ҳамчун соҳаи муҳимми замони соҳибситиқлолӣ ишора намуда, азҷумла зикр карданд: «Вақти он расидааст, ки адибони тоҷик бештар ба таҳияи мақолаҳои

публитсистӣ ва очеркҳои проблемавӣ даст зада, мардумро аз рӯйдодҳои кишвар, дастовардҳои диёри азизамон, масъалаҳои рӯз ва хатарҳои даҳшатбори замони нооромы огоҳ созанд» [145]. Бо ин даъвати хирадмандонаи Сарвари давлат адибону рӯзноманигорон ба омузишу таҳқиқ ҷалб шуданд.

Ба ин васила, дар қатори дигар адибон Ш. Мӯсо силсилаочеркҳоеро рӯйи чоп овард, ки «Рӯзи нур» [31] яке аз тозанигоштаҳои ӯ маҳсуб меёбад. Домани мавзуъҳо ва ашколи публитсистии ин нигоштаҳо фарох ва рангоранг аст, аммо дар маркази таваҷҷуҳи муаллиф кӯшиш ва талошҳои бунёдкориву созандагӣ меистад, ки он танҳо ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти моддӣ маҳдуд нашуда, офарандагони неъматҳои маънавиро низ дар бар мегирад. Чунонки муҳаққиқ М. Муродӣ дарёфтааст: «Дар бунёди соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ хизматҳои олимону адибон, муаллимону муҳандисон, сарварону роҳбарон, ҳунармандон ва дигарон кам нест» [90, с. 100-101]. Ба ҳамин хотир, ин қишри ҷомеа низ зиндагии ибратомуз доранд ва ба ҳар гуна тасвиру тавсиф меарзанд.

Қаҳрамонҳои очеркҳои Шералӣ Мӯсо зиндагии ибратомуз доранд, онҳо намояндагони синфи коргар буда, дар кору фаъолияти худ соҳибмақом мебошанд. Чунончи, Александр Шишов («Ситораи Роғун»), Лайс Абдураҳмонов ва бригадаи ӯ («Их воспитал Рогун»), Бурҳон Ғозибекович Миралиев, Абдураҳмонов, Карпов, Иван Вилгелм, Ризоев, Юсуфов, Вера ва дигарон («Ошёни уқобон»), Юра Янович («Кӯҳнавард»), Хайрулло Асоев, Икром Комилов («Ҳусни зиндагӣ»), Антонина Ивановна, Александр, Савченко, Виктор, Терешенко («Вахшро хоб мебинам»), Эмомалӣ Раҳмон, Укуматшо Ширинбеков, Саидамир Сиёҳмардов, Бахтиёр Маҷидов, Абдукарим Саидраҳмонов, Нуралӣ Носиров, Бахтиёр Гадоев («Нигине дар кӯҳистон»), Давлатбек Қарчиев, Раҳмон Сайдалиев («Дунёи сабзи Роғун»), Файзалӣ, Сангалӣ, Ҳофиз, Иброҳим («Достони Роғун»), Сайдулло Абдулаҳадзода («Рӯзи нур») ва дигарон. Дар кору рӯзгори ин қаҳрамонон

«қувваи бузурги фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ» [110, с. 12] бараъло мушоҳида мешавад.

Рӯзгори ин ва дигар қаҳрамонон бештар дар қолаби жанри очерк тавсифу баррасӣ гардидааст. Ин гуна очеркҳо шаклан мухтасар, вале дар ироаи мавзуъ фарох буда, асосан самти пуршарафи кору фаъолияти инсон – меҳнатро инъикос мекунанд. Асарҳои адиби публитсист аз рӯйи мазмун, муҳтаво, ғоя ва шакл, инчунин аз ҷиҳати тасвир, таҳлил ва шеваи баён дорои вижагиҳои хос мебошанд. Публитсист омилҳои воқеӣ ва рӯйдоду масоили иҷтимоиро таҳқиқ карда, мавқеашро нисбат ба онҳо муайян месозад.

Очерк ҳамчун натиҷаи таркибии эҷодӣ махсусиятҳои ба табиат ва талаботи жанрӣ мушаххасро доро мебошад. Очеркҳои Шералӣ Мӯсо ба руҳияи замон мувофиқ буда, тарзи муносибати ба он метавонад дар алоқамандӣ ба тағйирот дар соҳа ва дигаргуншавии авзои замон дигар шавад. Бо вуҷуди ин тағйирпазирӣ ҳақиқат ҳамеша дар мадди аввал меистад ва воқеиятро бе ягон таҳриф инъикос мекунад, зеро табиати публитсистика ба ҳамин принсип асос ёфтааст ин асоси он воқеияти иҷтимоӣ мебошад. Чунонки, муҳаққиқ А. Саъдуллоев нигоштааст: «Публитсистика дар бурду бохти адабиёти бадеӣ дастовардҳо дорад. Он воситаест, ки хоҳу ноҳоҳ адибро бо зиндагӣ мепайвандад» [108, с. 240]. Ҳамин аст, ки публитсистика мақоми худро дар ҷараёни ҳаёти маданӣ ба таври возеҳ пайдо кардааст.

Мавриди тазаккур аст, ки очерку мақолаҳои Ш.Мӯсо доир ба Неругоҳи барқи обии «Роғун» баъзе айнан ва баъзеи дигар бо такмилу таҷдид дар шакли асари алоҳида бозчоп гардидаанд. Аз ҷумла асарҳои «Ошёни уқобон» [27], «Достони Роғун» [15], «Рӯзи нур» [31], «Ҷонам фидои Роғун» [38] ва ғайра чунин хусусият доранд.

Ин асарҳо бо вуҷуди мустақил будан, аз аносири ҳамгун низ холӣ нестанд. Ҳамгунии онҳоро дар як будани предмети инъикос ва услуби нигорандагии муаллиф метавон ҷӯё шуд. Масалан, «Ошёни уқобон» [27], «Достони Роғун» [15] ва «Ҷонам фидои Роғун» [38] як объект ва як мавзуъро

фаро мегиранд, аммо аз ҳамдигар фарқ низ мекунанд. Асари якумӣ маҷмуаи очеркҳоро дар бар гирифта, ҳар як очерк аз мазмуну мундариҷаи хос иборат аст. Дар дуввумӣ, ҳашт достон ба ҳамдигар пайванди мантиқиву замонӣ пайдо кардаанд, ҳарчанд ҳар яке ба масъалаи ҷудогона бахшида шудааст. Сеюмӣ, давоми бахши сеюми достони дуввум «Нигине дар кӯҳистон» – «Сармуҳандис» [15, с. 74-82] аст.

Рӯйдодҳои «Ошёни уқобон» [49] ба давраҳои охири замони шуравӣ рост омада, аз ҷонфидоиҳои халқи шуравӣ дар корзори неругоҳи барқи обии «Роғун» нақл менамояд. Ш. Мӯсо дар ин асар лаҳзаҳоеро ба риштаи тасвир кашидааст, ки новобаста аз шароити душвори кӯҳистон, ҳатто коргарони ҷавон ҷони худро дар хатар гузошта, ифои вазифа мекунад.

Бо ин, чунонки ишора шуд, публитсист нишон доданӣ мешавад, ки майдони меҳнат аз корзори ҳарбу зарб ҳеҷ фарқе надорад. Ин майдон ҷойи далерон, инсонҳои матинирода, бонангу номус ва хайрхоҳ аст. Аз мутолиаи асар возеҳ дарк мешавад, ки аслан миёни инсонҳо фарқе нест ва инсонҳои неку бад дар миёни ҳама халқу миллатҳо ҳастанд. Ин роҳи тафриқаандозӣ эҷоди манфиатҷӯёнаи доираҳои муғриз мебошад, ки бо мақсади расидан ба ҳадафҳои шахсӣ истифода бурданӣ мешаванд. Бинобар ин, Ш. Мӯсо воқеъбинона ҳамчун як шоҳиди зиндаи замони худ, на танҳо аз фидокориҳои эшон нақл намудааст, балки ба таърихи бунёди ин иншооти азими аср руҷуъ намуда, ному насаби аввалин иштирокчиёни сохтмонро ёдовар гардидааст, ки он расман 10 июли соли 1972 оғоз ёфтааст. Дар ин рӯз табели кории рақами як аз ҷониби аввалин сардори управленияи «Гидроспетстрой»-и Роғун Борис Петрович Соболев тартиб дода шуда, ҳамон вақт дар табел панҷ фамилия вуҷуд доштааст: Соболев Б.П., Бахтин В.С., Лабзин О.Н., Якимов П.В., Попов А.П. Дар табели дуюм бошад, фамилияи коргари тоҷик Мардон Гулов ва ӯзбек Анвар Давлатов пайдо шудаанд. Оғози тантанавии Неругоҳи барқи обии «Роғун» баъдтар, 21 сентябри соли 1976 ба вуқуъ меояд.

Барои шинохт ва дарки моҳияти зиддияту якдилӣ дар бештар вақт аҳли қалам, хосса адибону публитсистон ба воситаи хислату амали қаҳрамонҳои воқеӣ ва тахайюли воқеа падидаҳоро мавриди таҳлил мегиранд. Ҳарчанд дар баъзеи чунин асарҳо андешаҳои аз ҳақиқат берун ҳам ба мушоҳида мерасад, дар зери он орзуву омоли халқ ниҳон аст. Ғоя ба тарҳ, мазмуну моҳият ва мундариҷаи асар замина гузошта, ба равиши муайян ҷараён гирифтани онро таъмин мекунад.

«Достони Роғун» [15] аз ҷумлаи асарҳои публитсистие маҳсуб меёбад, ки раванди корҳои сохтмони ин иншооти азими аср ва барои миллати тоҷик муҳиму сарнавиштсозро дар бар мегирад.

Ин достон дар публитсистикаи тоҷик асари боарзиш маҳсуб ёфта, аз ҷониби муҳаққиқони соҳа М. Муродӣ [92, 456-462], Н. Охунзода [100], С. Шарипов [120], Н. Кучарова [83] ва дигарон таҳқиқу баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, М. Муродӣ Шералӣ Мӯсоро аз фаъолтарин ва сермаҳсултарин қаламкашони замони истиқлол маҳсуб دониста, «Достони Роғун» [15]-ро аз ҷумлаи осоре зикр мекунад, ки корҳои сохтмонӣ дар он бо эҳсоси баланд тасвир ёфта, саршор аз садоқат ва меҳру муҳаббат ба Ватан мебошад.

Н. Охунзода бамаврид таъкид мекунад, ки дар «Достони Роғун»-и адиби публитсист Ш. Мӯсо махсусияти публитсистию ҳуҷҷатнигорӣ бештар мушоҳида мешавад.

Сангимурод Шарипов Шералӣ Мӯсоро аз ҷумлаи он нигорандагоне донистааст, ки дар инъикосу баррасии раванди корҳои сохтмонӣ ва бунёдкориву созандагии кишвар хеле фаъол буда, дар баробари дигар намояндагони соҳаҳо, аҳли эҷод, аз ҷумла адибону публитсистон, рӯзноманигорону ҳунармандон ба макони сохтмонҳо сафар намуда, асарҳояшро дар асоси мушоҳидаву мусоҳиба таълиф менамояд. Муаллиф бар он аст, ки «Шералӣ Мӯсо аз қабили ҳамин гуна публитсистонест, ки аксари асарҳояш, аз ҷумла «Достони Роғун»-ро бо ҳамин шеваи кор эҷод намудааст» [120, 242].

Н. Кучарова дар мисоли публитсистикаи Ш. Мусо мехоҳад симои Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун таконбахши бунёди Неругоҳи барқи обии Роғун [83] баррасӣ намояд. Мавсуф дар қатори дигар осори публитсистии Шералӣ Мӯсо «Достони Роғун» [15]-ро асари калонҳаҷм ва инъикоскунандаи корномаи бунёдкорони Роғун унвон дода, бо зикри чанд нукта, аз ҷумла суханони халқ дар бораи Президент, ки Ш. Мӯсо дар асар овардааст ва қисматҳои асар, ки бо роҳу воситаҳои гуногуни муассири сухансоз таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб менамоянд, бевосита ба чанд иқтибос иктифо мекунад. Муҳаққиқ Н. Кучарова нисбат ба объекти таҳқиқ хушбин аст ва ӯ бар он аст, ки сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлол ва ташаббусҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, боиси фараҳмандист, ки бунёди он давом карда, чархаҳои хурду бузурги он ба кор даромада истодаанд ва «он рӯз дур нест, ки бузургтарин неругоҳи барқи обии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо тамоми қудрат ба кор даромада, бо нури худ ба мамлакатҳои ҳамсоя ҳам рӯшанӣ мебахшад» [83, с. 270].

Ин асар ҳашт достонро дар бар гирифта, дар он раванди корҳои сохтмонӣ дар ин иншооти бузург дар алоқамандӣ бо фаъолияти меҳнатии шахсиятҳои гуногун инъикос гардидааст. Асари мазкур ҷанбаи пурқуввати публитсистӣ дошта, аз назари ноқидони публитсистика низ дур намондааст.

Дар достони аввал, ки «Маҳаки номус» унвон дорад, аҳаммияти бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо далелҳои мушаххас баён ёфта, адиб барои ҷолибсозиву муассирӣ аз унсурҳои бадеиву публитсистӣ моҳирона кор гирифтааст. Ба ҳамин мазмун муҳаққиқ А. Нуралиев як хусусияти фарқунандаи жанрҳои публитсистиро ба «воситаҳои возеҳи тасвирӣ, забони шевои адабӣ, услуби равон, образнокӣ» [99, с. 8] нисбат медиҳад.

«Маҳаки номус» дар муқоиса ба дигар достонҳо нисбатан васеъ буда, ҳафт қисм, аз ҷумла «Оғоз», «Ошёни уқобон», «Назаре ба таърих», «Салом, эй Роғун», «Роғун нури илоҳист», «Шафоат ва шарофат» ва «Анҷом» дорад.

Ҳар як бахш тасвири воқеии ин иншооти бузурги таърихиву гидроэнергетикиро фаро гирифтааст. Агар дар бахши «Оғоз» аз дубора шуруъ гардидани Неругоҳи барқи обии «Роғун» сухан равад, дар «Салом, эй Роғун» ва «Роғун нури илоҳист» раванди сохтмони он бо маҳорати баланди публитсистӣ таҷассум ёфтааст. Нигоранда Роғунро рамзи ваҳдат, нангу номуси миллати тоҷик медонад ва бо эҳсоси баланд дар хидмати он буданро илқо намуда, бо ҳисси ифтихору ватандорӣ изҳор мекунад, ки «Роғун имон аст, бахт аст, Роғун обу ҳаво ва нон аст, Роғун масъалаи ҳаёту мамот аст ва гуё касе нидо мекунад: «Эй дил, осуда бош, як дам ист!» Эҳсосоти шадиде, ки дар ман бедор шуда буд, ба исён омад: «Чӣ зарур сабру қарор?! Ва аз ҳар канора низ ба гӯшам мерасад: – Бирав, ки ҷойи сабр нест!» [15, с. 7].

Воқеаҳои достони аввал аз шуравӣ то истиқлолро фаро гирифта, дар маҷмуъ аз шуруъ то мавқуф гузоштани кор ва эҳёи он аз ҷониби Президенти кишвар тасвир шудааст. Муаллиф бо алам зикр мекунад, ки «бо «ҳиммати баланд»-и Маскав як гурӯҳ камари худро маҳкам бастанд. Ва бо «ақли расо»-и хеш дар «хилватхонае» ҳаллу фасл карданд ва ғалати худро яқин камоли доноӣ донистанд. Ба қавли Лоиқ «Баҳона чист? Номи халқ!», яъне таги об мондани гӯр «баҳонаи арзиши аҷдодӣ» шуду манфиати Ватан фаромуш гашт ва дар ин асно бино ба қавли муаллиф Эмомалӣ Раҳмон наметавонист ранҷу заҳмати мардумро таҳаммул кунад, пайваста ғам мехурд. Ба хотири фардои нек хоби худро гум мекард ва ӯ тухми некиро кошту сабзонд ва он бор овард. «Бораш ҷасорат: Роғунро худамон месозем» [15, с. 98] ва сохт.

Достони дуюм «Нигине дар кӯҳистон» унвон дошта, аз 10 бахш иборат аст. Достони мазкур як навъ идомаи достони аввал буда, аз бахши якум «Биё, созем Роғунро» масъалаи азнавсозии Роғун дар пасманзари бунёдкорони он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бахши дуюми достон «Нури хирад» руҷуи муаллиф ба вожаҳои нуру рӯшноӣ ва илму дониш буда, ин ҷо муаллиф аз контексти омузиш андаке берун баромадааст. Бахши «Сармуҳандис» низ ба очерки портретӣ шабоҳат дошта, қаҳрамони марказии он Укуматшо

Ширинбеков инсоне меистад, ки бо пайкору корнамоӣ, созандагиву бунёдкорӣ, ватандӯстиву инсонпарварӣ намунаи ибрати дигарон аст. Саҳнаҳои очерки мазкур аз фаъолияти кории қаҳрамон дар неругоҳ буда, мавзуи асосӣ – Роғун зери шарҳи ҳолу фаъолияти ӯ мемонад. Ин ҷанбаро муҳаққиқ С. Шарипов ба инобат гирифта дуруст зикр мекунад, ки «тамоми қаҳрамонҳои асари ҳуҷҷатии «Достони Роғун»-и Шералӣ Мӯсо мардони меҳнатдӯст, созанда ва соҳибкасбанд, ки тақдир ва фаъолияти пурсамари онҳо ба ин иншоот иртиботи ногусастанӣ дорад» [120, с. 244].

Бахши чорум «Чист Роғун?» ва панҷум “Роғун чӣ маънӣ дорад?” дар доираи як мавзуъ буда, асосан, гуфтаҳои адибону эҷодкорон пайдарҳам гоҳо бо шарҳу иловаи муаллиф оварда шудаанд. Ин гуфтаҳо аз дидгоҳи нафарони зер на он қадар зарур ва барҷост ва бо ҷойи ин гуфтаҳо публитсист метавонист бо мутахассисони соҳоти энергетика ва молия мусоҳибагунаҳое ороста, онро дар ин замина биёрад. Бинобар ин, иқтибосоти мазкур ё ба тақвияти гуфта меомаданд ё дар атрофи онон муаллиф шарҳу тавзеҳи пурра медод. Ҳамзамон ба ду бахши алоҳида ҷудо кардани як мавзуъ на он қадар зарур арзёбӣ мегардад:

«Аз нигоҳи донишҷӯ Заробидин Ширинов:

– Девони сабзи миллат!

Аз нигоҳи табиби мардумӣ:

– Кимиёи саодат!

Аз нигоҳи сохтмончӣ Салим Ҳалим:

– Тараққиёт!

Аз нигоҳи ронандаи автобус Нозим:

– Рӯзгори осуда!

Аз нигоҳи нафақахур бобои Азим:

– Маош ва нафақаи шоиста!

Аз нигоҳи як нафар муҳоҷир:

– Раҳоӣ аз мӯҳтоҷӣ!» [15, с. 83]. Аз овардани ин нигоштаҳо мақсади муаллиф дар он аст, ки чи қаҳрамонҳои асосӣ ва чи ёрирасони тасвирнамудаи Шералӣ Мӯсо нисбат ба тақдири худ ва ояндаи миллату давлат, беҳ шудани рӯзгори мардум бетараф нестанд. Ҳар кадоме нисбати Ватану зодгоҳ меҳру муҳаббати беандоза доранд ва тарафдори онанд, ки барои ободиву тараққиёти ҷомеа саҳми бевоситаи худро гузоранд.

Баръакси ин ду бахш – бахшҳои минбаъда ба мисли «Меҳр дар чашм», «Дарёи Вахш», «Бунияти офтобӣ», «Боргоҳи ҳақиқату адолат», ҳатто «Анҷом» нисбатан мукаммал ва дорои хулосабарориҳои нисбатан муҳокимавианд. Махсусан, дар бахши ҳаштум «Бунияти офтобӣ» мусоҳибаи очеркгуна бо ҷонишини мудири шуъбаи истеҳсолии ҶСК Неругоҳи барқи обии «Роғун» Нуралӣ Носиров оварда шудааст. Бо ин роҳ адиб тавонистааст гоҳо аз ҷониби мусоҳиб ва гоҳо бевосита худаш симои чанд коргари дигар ва мусоҳибро кушода, маълумоти зиёде ба даст орад. Масалан, муаллиф зимни суҳбат бо Нуралӣ якбора ба тасвири Бахтиёр Гадоев мегузарад ва меафзояд, ки бунёди Неругоҳи барци обии «Роғун» бе истифодаи техникаи пешқадам ғайримкон аст. Базаи раёсати корҳои механиконӣ бо таҷҳизоте, ки дар иншоотҳои бузурги ҷаҳон истифода мешавад, муҷаҳҳаз гадонида шудааст. Асоси ин Раёсатро собиқадорони Неругоҳи «Норак» ва «Сангтӯда-1» ва қариб 80 фоизи коргарони раёсатро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки яке аз онҳо Бахтиёр Гадоев аст. Пас аз ин руҷуъ нигоранда ба тасвири бунияти офтобии ӯ мегузарад.

Достони сеюмро, ки «Роҳи Роғун дигар аст» унвон дорад, метавон достони саҳмия номид, чунки воқеоти ин достон пурра ҳамин масъаларо фаро мегирад, ё ба он пайванди мантиқӣ дорад. Се бахши аввали достон оид ба саранҷом кардан ва ҷилваи корҳои бунёдии Неругоҳи барқи обии «Роғун», дилу нияти бедори Президенти кишвар буда, бахши чорум – «Шаби панҷуми январ» ғояи асосии асарро ташкил медиҳад. Адиб ба панҷуми январи соли 2010 руҷуъ мекунад, ки рӯзи кӯтоҳи зимистон анҷом ёфта, шаби зулмоти

дароз дунёро ба оғӯш мегирад. Барои адиби публитсист ин шаб чун дигар шабҳо як шаби муқаррарӣ набуд. «Бале, дар ин шаб таърихи давлатдории Тоҷикон бо ҳуруфи зарҳалин сабт гардид, зеро ин шаб Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чун зангӯлаи бедорӣ садо дод» [15, с. 115]. Ба тасвири муаллиф он шаб Эмомалӣ Раҳмон вожаҳоро бо хуни дил шуставу обёрӣ карда, даъват мекунад, ки агар ҳамагон ғайрату ҳиммат карда, як-ду соли дигар хароҷоти маъракаву маросимҳо ва дигар чорабиниҳоро боз ҳам камтар созанд ва ба маблағҳои сарфашуда саҳмия харидорӣ намоянд, минбаъд низ ҳамчун миллати фарҳангиву соҳибтамаддун сарфаю сариштакориро ба меъёри зиндагии ҳаррӯзаи худ табдил дода, бунёди Роғун ва ба он монанд иншооти муҳим барои мардуми тоҷик кори чандон сахту мушкил нахоҳад буд. Сарвари кишвар аз ҳадисҳои пайғамбари Ислом, зикри хайри бузургони илму адаб ва қаҳрамонҳои таърихӣ гуфтаҳояшро тақвият мебахшад. Бахшҳои охир – «Шашуми январ» ва «Умед ва имон» якдилона саҳмия харидани мардумро бозтоб намуда, муаллифро бори дигар мутмаин мегардонад, ки беистиҳола ва натарсида хариданҳои мардум аз меҳри ёру диёр ва умеду имони онҳо маҳз ба Эмомалӣ Раҳмон аст.

Достони чаҳорум «Шуъла дар санг» унвон гирифта, муаллиф вазнинтарин кор дар сохтмон – сангшиканиро дар хатти ҳаракати асар ба тасвир мегирад. Дар ин тасвир бахшҳои «Санг ҳам диле дорад» ва «Пире аз дили санг» пайиҳам омада, суҳбатҳои муовини раиси вақти Роғун Файзалӣ Толибов, Иброҳим ба симмати роҳбалад, сангтарош Сангалӣ, сармуҳандис Николай Малтсев, пири кор Алимардон Авазов, коргарон Аброру Саид ва дигарон мушоҳида мешавад. Дар достони мазкур лаҳазоти ҷудогона аз кайфияти ҳоли муаллиф бобати бӯйи санг, дили санг ва кашфи олами сангшиканон ба назар мерасад, аммо тасвири бевоситаи сангшиканӣ ноаён мондааст. Адиби публитсист ба ифшои олами ботинӣ ва ҳаёти шахсии қаҳрамонҳо пардохта, ба ин восита тасвири бевоситаи кор, ки ғоя ва маҳаки асосӣ маҳсуб меёбад, аён мегардад, аммо саргарми ташреҳи ин ҷузъиётҳои

кашфшуда гардидан, боиси аз ғоя ва маҳаки асосӣ каме дур мондан мегардад. Масалан, «Анҷом»-и достони мазкур бо чунин ҷумлаҳо шуруъ мешавад:

«Бӯйи санг!

Ба димоғам нишастааст!

Чун бӯйи нони гарми танӯрӣ!

Аз ин рӯ, ба ин бӯ сахт хӯ гирифтаам!

Чун хумораш мегирад, мешитобам ба сӯйи Роғун.

Аз дидори онҳо чашмон ҷило мегираду дурахш мезанад. Ва аз роҳи дида ба дил мешинанд» [15, с. 185].

Адиб ин ҷо метавонист аз тараққотуруқи асбобҳои сангшиканӣ, араққи ҷабини сангшикан, пораҳои хурду бузурги санг, коркарди онҳо пас аз майдакунӣ ва амсоли ин саҳнаҳои зинда тасвир кунад. Агар ин тасвиркунӣ, аз як ҷиҳат, як қисми муҳим, аммо ба назар нонамоёни неругоҳро ба хонанда ошно созад, аз ҷиҳати дигар, ҳадафи муаллиф, ки аз ҷузъ ба кул нишон додани кори Неругоҳи барқи обии «Роғун» аст, боз ҳам нишонрас мегардид.

Достони панҷум "Шарофати ояти Қуръон" номгузорӣ шуда, дар бораи ҳаёти намунавӣ ва фаъолияти пешқадами Асадулло Холов аст. Муаллиф чунин порчаро, ҳамчун эпиграф, аз Нозим Ҳикмат иқтибос мекунад, ки ҳаёти ҳар шахс ба тарзе қаҳрамонист.

Достони мазкур аз «Оғоз», «Анҷом» ва чор бахш иборат буда, нисбат ба достони болозикр муаллиф ба ғояи асосӣ – нишон додани кори мошинҳои пуриқтидор ва идораи онҳову бунёдкорӣ аз ҷониби инсон, бештар майл намудааст. Хатти ҳаракати асар аз соҳили рости дарёи Вахш сар мешавад. Хусусан, дар бахши «Сехи таъмири мошинҳо», ҳарчанд сухан дар бораи фаъолияти Асадулло Холов ва қитъаи таъмири БелАЗ-ҳо меравад, муаллиф ба мақсади асосӣ майл карда менигорад, ки аз лаҳзаҳои нахустин эҳсос мегардад, ки Асадулло ба қадри вақт мерасад ва сарфи беҳудаи онро тамоман таҳаммул надорад. Вай аз кору бори худ на танҳо ба муаллиф нақлҳои аҷиб, балки нишон ҳам медодааст.

Аз ҷумла тасвири дидани анбори қисмҳои эҳтиётӣ адибро дар ҳайрат мегузорад ва зикр мекунад, ки он беҳад тозаву озода ва назму низоми намунавӣ дошта, тамоми қисмҳои эҳтиётиро аз ин ҷо дастрас кардан мумкин аст ва ҳамаи инро бо чашми сар дида, муаллиф беихтиёр мегуяд:

«Захираи оличаноб!

Асадулло бо зарбулмасали халқӣ посух дод:

– Сад рӯз дар бор, як рӯз даркор!» [15, с. 194]. Аз ҳамин посухи кӯтоҳи қаҳрамон адиб ба истеъдоди хуби кордонӣ ва ташкилотчигии ӯ бори дигар қоил мешавад. Ҳамзамон тасвири тозагии сех ва ба машоми адиб, ки худ дастпарвари коргоҳҳои азими саноатӣ аст, нарасидани бӯи нохуши равғанҳои молиданӣ, ба назар нарасидани латтаҳои чиркини равғанолуд, оҳанпораҳои бурида, шишаҳои шикаста, хасу хошок ва ҳавои софу беғубор дар сех ба зуд хулосабарории муаллифи асар ва хонандаи ӯ боис гардидааст.

Дар бахшҳои «Дар роҳ сӯйи Сичароғ», «Чун гавҳари дурахшон» ва «Шарофати ояти Қуръон» саҳнаи зиндаи арсаи меҳнат ва ҷозибаву матонати дасту дили инсон ба ҷилва меояд. Тасвири карйери 15 дар шафати деҳаи Сичароғ, роҳи мумфаршнашуда ва сангу шағалрехта, мошини ба қавли муаллиф «Балои Худо» – БелАЗ-и навадтоннагие, ки роҳро об мепошид (мансуб ба карйер) ва ғайра ҳамчун прототип ба мавзуи асосӣ хидмат кардаанд. Хусусан Давлатбек Хоҷаев, ки дар БелАЗ-и обпош кор мекард ва аз ғояти бузургӣ ӯро ҳамкорон даҳ тонна лақаб гузошта буданд ва вазни мошинро бо вазни ӯ якҷоя ҳисоб карда, мошини садтоннага ном мебурданд, зимни суҳбат ва суолу ҷавоб бо адиб марому мақсадашро хеле аҷоиб, аммо ҳақиқӣ иброз медорад, ки чун сари чанбари ин паҳлавон – БелАз-и обпош мешинад худро озод эҳсос мекунад ва аз зиндагӣ лаззат мебарад ва ғайр аз садои БелАз садои дигареро шунидан намехоҳад. Қаҳрамон чунин хулоса мекунад, ки ӯ бидуни Роғун худро тасаввур карда наметавонад. Роғунро бо ҳама мушкиливу дардҳояш ва бо лаззату хубиҳояш дӯст медорад. Давлатбек Хоҷаев ба БелАЗ-аш менигараду мегуяд:

«– Охир агар барқ набошад, ҳамсарам намехандад.

Оре, барқ набошад, ханда аз лабҳо чун барқ мепарад.

Давлатбек қаноатманд, вале оҳиста ва боэҳтиёт савор ба мошини худ шуд ва ҳамчунон боэҳтиёт онро ба раҳ даровард» [15, с. 199].

Дар бахши «Чун гавҳари дурахшон» низ то андозае пайванди мантиқӣ додани тасвири лаҳазоти корӣ ба мавзуъ ва баёни он мушоҳида мегардад. Муаллиф кори чор экскаватори зӯртаринро, ки баҳс-мабаҳс, беист ва якмаром кор мекарданд хеле табиӣ ва ҳадафмандона тасвир мекунад. Муаллиф хаму рост шудани гардани дарозаши экскаваторҳо, кандану бор кардан ва амсоли инро мунъакис сохта, садои шикастан санг аз дандонаи онҳоро дар ҳадди олӣ тасвир мекунад ва ногоҳ чашмаш ба номи ин техникаҳои муқтадир мефатад ва адиби публитсистро ба ваҷд меорад.

Дар охири ин бахш пас аз азобу машаққати экскаваторчиёну техникаҳои дигари кориро тасвир кардан, адиби публитсист кафши заминковҳоро зери нури офтоб ба гавҳари дурахшон монанд мекунад, гавҳаре, ки аз дили замин гавҳар мекобад.

Достони шашум – «Сарнавишти зарнавишт» аз 8 қисм иборат буда, мақсади муаллиф на фақат нишон додани сарнавишти Роғуну бунёдкорони он, балки сарнавишти худи ӯст, ки бо ин сохтмони азими аср ҳамоҳанг гаштаву дар бораашбо меҳри беандоза менависад ва ибтидои достон низ бо муколамаи дӯст доштани Роғун, пайвандии руҳи доштан бо он шуруъ мешавад ва ба саволи «Чаро?» чунин ҷавоб медиҳад:

«– Ту ба қуллаи осмонбӯси кӯҳи Уқобон нигар. Гуё лаб во карда мегуяд:

– Роғун – тобиши хуршеди бахт, дурӯғ нест, ҳақиқат аст!

Ту ба дарёи пуртуғёни Вахш нигар. Дарё мегуяд:

– Роғун – яктои дилу дида, дурӯғ нест, ҳақиқат аст!

Ту ба уқоб нигар, ки мегуяд:

– Бо Роғун ҳастам. Ин аст бахти беҳамто!» [15, с. 233-234].

Достони мазкур бо бахшҳои алоҳидааш «Давлати дидор», «Вакили анҷуман», «Сад рӯйи зиндагӣ», «Дар зодгоҳи бобоӣ» ва «Роғун эҳё шуд» дар умум умри пуршебу фарози Роғунро фаро гирифта, муаллиф мехоҳад ин талхиву шириниҳоро бо неругоҳ қисмат кунад ва ин ҳамаро дар симои ҳар як коргар нишон диҳад. Мебоист муаллиф ҳар як коргарро дар симои Роғун нишон дода, кори онҳоро дар пасманзари азамати ин неругоҳ тасвир намояд, аммо адиби публитсист бар он ҳадаф аст, ки хурдтарин ҷузъиёти кори рӯзмарраи коргари қаторӣ то роҳбарият дар умум таъсиргузори кори Роғун аст, ки то андозае дуруст аст.

Достони ҳафтуми асар «Меҳвари қалб» унвон дошта, рӯзгору фаъолияти кории қаҳрамони очерки «Ҳусни зиндагӣ»-ро пурра фаро мегирад, ки он дар бахши аввал зикр гардид. Очерк дар асари мазкур бо иловаи баъзе ҷузъиётҳои нав таҷдид гардида, дар шакли як достон омадааст ва муаллиф унвони ин достонро ба он шабоҳат медиҳад, ки Меҳвари қалб имон аст ва аз ин рӯ, ҳар қадаме, ки мегузорем, ҳар сухане, ки мегуем ва ҳар амалеро иҷро мекунем, бояд адолатро дар меҳвари қалби хеш қарор диҳем ва дар ин достон дар меҳвари қалби қаҳрамон ва муаллиф адолат меистад. Адолати кор ва коргарон. Бинобар ин, ҳангоми бо бригадири ҷавон Сергей Гордевский вохурдан, аввалин чизе ки Хайрулло пас аз саломуалейк мепурсад ин «Табъи бачаҳо читу?» аст ва ба саволи «Планёрка мешавад?» ҷавоби рад дода, илова мекунад, ки «Мо гапзанон кардем, боз барои чӣ ҷамъ шуда, одамонро аз кор бозмонем. Насиб бошад, охири ҳафта ҷамъ мешавем» [15, с. 284]. Маҳз ҳамин гуфтугуҳоро пасиҳам овардани адиб далели раднашавандаи дар меҳвари қалби Хайрулло Асоев ҷой доштани адолат ва ҳақиқат аст.

Достони ҳаштум – «Шуълаи барқи ҳақиқат» достони охир ва комили асар маҳсуб ёфта, бахш надорад. Дар достони мазкур масаъалаҳои хабари баста шудани Роғун, бинобар сабаби аз ҳад гузарондани овозаҳои бардурӯғ душманони дӯстнамо ва аз ҳама охир шуълавар гардидани барқи ҳақиқат ва хулосаи Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба комилан бехатар будани Роғун, ки ба

қавли муаллиф «сухтан бо сохтан бипайваст» [15, с. 354] тасвир мегардад. Достони мазкур аз достонҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки мазмуну муҳтавои он бо мавзуъу мундариҷаи асар мутобиқат мекунад. Яъне, он зикри пурраи Роғунро фаро гирифта, муаллиф қариб аз доираи мавзуъ берун намебароянд. Воқеаҳо пайдарпай доманаи мавзуъро фаро гирифта, муколамаву гуфтугуҳои байни қаҳрамонҳо фақат масъалаи мавриди назар аст. Муаллиф ба хонаи яке аз хешон оши наҳор рафтани Ҳомид Ойевро тасвир мекунад, ки дар он ҷо «хонашери майдонғарибе амри маъруф мекард. Дар гӯши мардум мехонд. Гуё осмон норизо буд, ки ҳар дам чароғак медурахшиду раъд мeғуррид. Ногоҳ барқ хомӯш шуд. Якбора ҳавлиро хомӯшӣ ба асорати хеш гирифт.

– Бе амри маъруф мешавад, – гуфт яке. – Аммо бе барқ намешавад.

– Айби Роғун, – бо хандаи истеҳзо гуфт хонашери майдонғариб, ки Эшон ном доштааст» [15, с. 347].

Лаҳзае пас борон ба боридан шуруъ мекунад ва дар саратон боридани боронро низ эшон ғазаби Худо барои сохтани Роғун арзёбӣ мекунад ва дар охир ба итмом расидани иншооти Роғунро зери суол мебарад.

Ба ин монанд муҳокимарониҳо дар ин достон зиёд ба чашм расида, барои осону зуд, аммо дуруст хулосабарории хонанда дар бораи воқеа ёрмандӣ карданд.

Ҳамин тавр, ҳар як достони ин асар дар алоҳидагӣ метавонад асари мукаммале шавад, чунки ҳар як достон дорои мазмун, мундариҷа ва муҳтавои том буда, «дар маҷмуъ раванди бунёди ин сохтмони асрро (Неругоҳи барқи обии «Роғун».– И.Ю.) фаро гирифта, дар ба вуҷуд овардани тарҳи умумии образи сохтмончӣ, бунёдкори худшиносу меҳандӯст мусоидат кардаанд» [90, с. 78]. Ба ин гуфта бахши сеюми достони дуввум («Нигине дар кӯҳистон») «Сармуҳандис» [15, с. 74-82] метавонад мисол шавад, чунки адиб онро баъд аз солҳо дар шакли асари алоҳида таҳти унвони «Ҷонам фидои Роғун» [38] ба чоп расонд.

Асари «Ҷонам фидои Роғун» [38] таҷассумгари ҳаёту фаъолияти Ширинбек Укуматшоев – яке аз муҳандисони ҳирфаии неругоҳҳои барқи обӣ аст, ки умри худро дар ин ҷода сарф ва аз коргари қаторӣ то ба муҳандисии сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» расидааст.

Аз муъҷизаву маҳаки номус будани Роғун сар карда, то қаҳрамонони он дар асар ҷанбаи миллӣ доранд. Чунонки, муҳаққиқ Муҳаммадҷон Шакурӣ назари эстетикӣ ва ҷаҳонфаҳмии халқро, махсусияти зиндагии ӯ ва анъанаҳои маданияти миллиро аз омилҳое арзёбӣ мекунад, ки чӣ гуна будани шакли асар ба он тавъам аст. Ба ин маънӣ «махсусияти шаклу воситаҳои бадеӣ ва услуб ҷанбаи миллӣ низ дорад» [76, с. 9].

Публитсист ҳаёт ва фаъолияти Ширинбек Укуматшоевро аз замони таҳсил дар мактаби миёна то охири умр тавассути сужаҳои гуногуни инъикоскунандаи пастиву баландиҳои зиндагӣ тасвир мекунад. Муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва Н. Солеҳов муътақид бар онанд, ки «маълумоти тарҷумаиҳолиро истифода карда, муаллиф ба иҷтимогарони шахсият такя намуда, дар чархи гардон ба тағйироти равонию иҷтимоии қаҳрамон таваҷҷуҳ менамояд» [110, с. 164].

Аз нигоҳи сужа ва сохтор асар аз қисматҳои гуногун иборат аст, ки бо ҳам пайванди манитиқиву мавзуӣ доранд. Нақлу тасвири марҳилаҳои ҳаёти қаҳрамон хислатҳои хуби инсонӣ ва пешрафти касбии ӯро бармало месозад. Ҳар як бахш дар алоҳидагӣ метавонад метавонад очерки мукаммале шавад.

Маҳаки асосии асари мазкур на фақат умри гаронқимати худро сарф кардани қаҳрамон, балки ба фаъолият шуруъ кардани чархаи якуми Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро надидани Укуматшо Ширинбеков аст. Муаллифи асар дар навбати худ аз ин лаҳзаи хурсандиовар дар ҳаяҷону шодмонӣ аст, аммо ҳамоно менигорад, ки симои нуронии Укуматшо Ширинбеков дар пеши назараш меомад ва ногаҳон, гуё аз равзаи дорулбақо, ба гӯшаш садо меояд:

«– Ҷонам фидои Роғун!

Оре, Укуматшо Ширинбеков ҷонашро барои Роғун фидо кард» [38, с. 109-110].

Вижагии асари мазкур ҳамчун инъикоскунандаи корзори меҳнат ва корномаи як бунёдкор дар он аст, ки Ширинбеков дар сохтмони нақби Данғара ва панҷ неругоҳи барқи обии кишвар заҳмат кашидааст ва дар ҳамин асно дар зеҳни муаллиф чунин суол мегузарад, ки оё қаҳрамонаш аз қисмати пурзаҳмат ва аз ҳаёташ розист. Ба ин суол муаллиф чунин ҷавоб медиҳад, ки «Ҳа». Чунки ӯ дар ҳамин сохтмонҳо дӯстони зиёде пайдо ва чӣ будани нашъаи меҳнати ҳалол ва қудрати дасти инсонҳоро дарк кард. Дар ҳамин сохтмонҳо бахташро ёфту фарзандонаш ба дунё омаданд.

«Ҷонам фидои Роғун» аз зумраи асарҳое маҳсуб меёбад, ки дар он шинохт ва таассуроти адиб оид ба корзор ва қаҳрамониҳои бунёдкорони Неругоҳи барқи обии «Роғун» бозтоб гардидааст. Вижагии ин асар дар ғояи бунёдкорона ва заҳматпарваронаи он аст. Чунонки профессор А. Саъдуллоев ишора мекунад, «асари бадеӣ ва публитсистӣ, пеш аз ҳама, кашфи ғоя аст. Ғоя ба воситаи моҳияти иҷтимоии асар ифода мегардад, барои нишонрас ва фарогир гардидани ғоя ба эҷодкор кунҷковӣ лозим аст, аммо кунҷковӣ бояд мақсаднок бошад. Бофтани ҳама гуна фабула бо мақсади ифодаи ин ё он ғоя» [108, с. 34] барои асари бадеӣ ва ё публитсистӣ на он қадар дуруст арзёбӣ мегардад.

Махсусияти дигари асар дар надоштани бофтаҳои тахайюлии аз воқеият дур мебошад. Дар он аз унвону мавзуъи баррасишаванда, мушоҳидаи бевоситаи муаллиф аз корзори меҳнат, дарку дарёфти қаҳрамон ва таҷассуми қаҳрамониҳои бунёдкорон то тавони эҷодии публитсист тавъам омадаанд. Дар таркиби асар ҳаёти созанда ва руҳияи бунёдкорона, рӯзгори пуршарафонаи аҳли меҳнат ва муҳимтар аз ҳама инсон ва рисолати бузурги ӯ бозёфт ва тасвир шудааст.

Зимнан, Шералӣ Мӯсо дар интихоби мавзуъ ва баёни ҷузъиёти ҳодисаву воқеа як андоза маҳорат низ дорад. Масалан, дар очерки сафарии

«Рӯзи нур» [31] ин маҳорати ӯ на танҳо дар шакли тасвир, балки дар баёни шаҳомати воқеият низ буруз мекунад. Ин сафари муаллиф ва ҳамроҳон ба шаҳри Роғун бо ташаббуси Сарвари давлат барои вохурӣ бо сохтмончиёни Неругоҳи барқи обии «Роғун» баргузор шудааст.

Махсус таъкид кардани сана, гурӯҳи сафар, ибтидои роҳ, зикри сафари қаблӣ, ки ба он пойдевори асосии сохтмони сарбанд, тасвири булдозер рондани Сарвари давлат ва пеши дарёи Вахшро бастан, суҳбатҳои бозарофат дар роҳ, ҳамоиш ва бозгашт шомиланд, аз ҷузъиёти очерки мазкур маҳсуб меёбад. Ба назар чунин менамояд, ки ин лаҳзаҳо танҳо як сафари кутоҳи публитсист ва дигар аҳли адабу рӯзноманигоронро инъикос мекунад, ки дар вақти муайян сурат гирифта, воқеяти бударо бозтоб мекунад, аммо дар асл чунин нест. Ҷаҳонбинӣ, мушоҳидаву таассурот, ормону маҳорат ва ҳунари нигорандагии публитсист имкон фароҳам овардааст, ки ҳар як қисмати очерк пайванди маъноӣ ва мантиқӣ пайдо кунад. Ҳамаи ин аз ғиноӣ ва вижагиҳои соҳаи публитсистика ба ҳисоб меравад, чунки тарзи ба хонанда вироиш намудани тарҳи рӯзгор, доираи воқеиёти муосирро танг накарда, балки аз публитсист ҳар қдара бештар маърифату дарки рӯйдодро талаб мекунад ва «муайян кардани муносибати худ ва ироаи музокира, гуфтугу ва фикри хонанда танҳо дар ҳолате муяссар мешавад, ки мавқеъ аниқ ва устувор бошад» [102, с. 151].

Муносибати возеҳ ва мавқеи устувори муаллиф ба тарзи баён равшанӣ ва таъсирбахшии матлабро таъмин карда, публитсист дар нақли дидаву шунидааш озод ва нигоҳи ӯ бо замони муайян ҳамоҳангӣ пайдо мекунад. Ш. Мӯсо ҳамеша бо фаро расидани фурсат амал мекунад, то ҳақиқатро бо маҳорат ва ҳунари махсуси эҷодӣ тавъам пешниҳод намояд. Масалан:

«Мошини мо сӯйи шаҳри Роғун роҳ пеш гирифт.

Ҳама хомӯш, ба андешаи худ банд буданд. Субҳи зебову офтобӣ ва гулшукуфти баҳорӣ. Ҳатто шуввоси мошин гӯшҳоямонро навозиш мекард. Ин навозиш мурғи хаёламро болу пар бахшид, ки он ба рӯзи 29-уми октябри

соли 2016 парвоз кард. Он рӯз низ бо меҳрубонии Ҷаноби Олӣ ба Роғун даъват шуда будем» [31, с. 110].

Ш. Мӯсо аз ҷараёни бунёдкориҳо воқиф ва дар тамоми воқеоти ба он алоқаманд иштирок кардааст. Аз ин рӯ, нақлу тасвирҳояш махсусияти репортажро касб карда, саҳнаҳо ва рӯйдодҳо ҷолиб баромадаанд.

Дар ағлаби асарҳои публитсистии фарогирандаи раванди бунёдкориҳо ва заҳмати инсонҳои кори Ш. Мӯсо усули мусоҳиба ва омузиши ҳуҷҷат нисбатан бартарӣ дорад. Муаллиф хислату характер ва қобилияти кордонии қаҳрамононро тавассути пурсиш ва посуххҳои эшон нишон доданӣ мешаванд, ба мушоҳидаҳои бевоситаи ҷараёни кор, дарёфти лаҳзаҳои ҷолиб, коркард ва дар шакли саҳнавӣ инъикосу тасвир намудани онҳо камтар ҳавсала мекунанд. Аммо як норасоии ин осор дар он аст, ки қаҳрамонони онҳо гуё зиндагии шахсӣ ва оилавӣ надоранд, аз маишати рӯзгор бебаҳраанд, ҳамеша дар кору фаъолият банданд ва аз зиндагии оилавии онҳо фақат як ё ду саҳна ба монанди оила барпо кардан, соҳиби фарзанд шудан ва ғайра оварда мешаваду халос. Чунин муносибат чандон дуруст набуда, «нодида гирифтани ин ҷанбаҳои зиндагӣ боиси нопурраву номукаммал баромадани симои аслии қаҳрамонон мегардад» [90, с. 105].

Баъзан бархе аз нигорандагон дар тасвири корнамоиҳои инсони кору пайкор, бунёдкору созанда, роҳбару ташкилотчӣ ба ҷузъиёти аслии мавзуъ камтар эътибор дода, ба донотарошӣ ва хирадмандиву оқилии худ фирефта гардида, саросемавор пайкари нотамомро месозанд ва аз мақсади асосӣ дур рафта, ба носеҳ табдил меёбанд.

Дар осори мазкур инъикосу тасвири воқеаву рӯйдод аз таассуроти эҳсоси ботинии адиби публитсист авлавият пайдо кардааст. Ин ҷо ҳадафи муаллиф на тасвири мавзеъ, иқлими корӣ ва кору пайкори бунёдкорони Роғун, балки нишон додани ҳашамати ин сохтмони бузургу беназир ҳамчун ифодагари боварӣ ба ояндаи дурахшон ва намои қаҳрамонон, рамзи дӯстии халқҳо ва сарҷамъиву якдилӣ аст. Адиб ҳатто ба фактҳои ҷузъӣ эътибори ҷиддӣ дода, ҳар он чӣ

мебинаду мешунавад ва мехонад дар шуури эҷодияш коркард карда, таассуроти то андозае мукаммалро доир ба нишони шуҷоат будани Роғун ҳосил месозад.

Ҳарчанд тасвир ва рамзовариҳои Ш. Мӯсо бар заминаи воқеият устуворанд, онҳо бештар ифодагари диди шахсӣ ва ҷаҳонбинии эҷодии публитсистанд. Ин унсурҳо аз садоқат, муҳаббат ва самимияти муаллиф нисбат Ватан ва миллат шаҳодат дода, ӯ бо истифода аз тасаввури бадеӣ воқеияти замонро бозтоби вижа ва матнро ҷаззобият мебахшад. Ӯ на танҳо дар бораи қаҳрамон ва корнамоиҳои ӯ нақл мекунад, балки бо самимият аз кору пайкори ибратомуз илҳом гирифта, шод мешавад ва хонандаро низ барои шарик гардидан ба ин шодӣ даъват мекунад. Ин услуби нигориш ҳануз дар насри замони шуравӣ мушоҳида мешудааст. Ба ақидаи Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, «услуби насри шуравии тоҷикӣ дар давоми роҳҳои гуногуни тасвири реалистии инсон ташаккул ёфта...» [76, с. 11], насри муосир ва аз он ҷумла, публитсистикаи тоҷик як навъ идомаи ин зуҳуротанд, ҳарчанд ҳар ду дорои ҷараёни алоҳида мебошанд.

Ҳамин тавр, таҳлили мундариҷавии осори публитсистии Шералӣ Мӯсо доир ба сохтмонҳои азим маълум намуд, ки муносибати адиб нисбат ба масъалаи мавриди назар одӣ набуда, як навъ ибрози ҳақиқати замон дар тасвири иншоотҳо аст. Дар осори марбутаи мавзуъ корзори сохтмонҳои азим аз чанд дидгоҳ сурат гирифтааст. Аз он ҷумла, адиби публитсист дар зимни тасвири сохтмонҳо ба корномаи созандагон руҷуъҳо мекунад, ки мақсади асосӣ як андоза лар пасманзари шарҳу тавзеҳи кору зиндагии қаҳрамон мемонад. Зиндагиву корнамоии қаҳрамонҳо, сар карда аз коргари одӣ то Сарвари давлат, ки бо эҳёи кор дар сохтмонҳои азим алоқамандии зич дошта, дар маркази таваҷҷуҳи адиб қарор доранд, ба кори сохтмон алоқаи ногусастанӣ доранд ва ин алоқамандиҳо то андозае баёнгар ва шарҳдиҳандаи ҷузъиёти кор дар сохтмонҳои азими кишвар мебошанд.

# БОБИ 3. ТАНОСУБИ ВОҚЕИЯТ ВА БАДЕИЯТ ДАР АСАРҲОИ ШЕРАЛӢ МӮСО

## 3.1. Ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии адиб

Дар ҳақиқат ҳам, илм бе музокираҳои боэҳсос, асари адабиёт ва санъат бе истифодаи ақлу хиради нависанда офарида намешавад. Дар асарҳои илмию оммавӣ ақлу хирад ва ҷаҳонбинӣ иртиботи мустаҳкам дошта, дар асарҳои бадеӣ ҳақиқати ҳаёт, манзараҳои зиндагӣ ва образу характерҳои одамон бо қувваи илму дониш ва тахайюл ба тасвир меоянд.

Нависанда воқеаҳо ва образҳои асари худро на танҳо аз воқеиятҳои зиндагӣ интихоб менамояд, балки бо неруи ақлу хирад ва тахайюли бадеӣ низ эҷод менамояд. Чун доманаи публитсистика фарох аст, вобаста ба шароит ва рушди ҷомеа он низ дар марҳалаҳои мухталиф вусъати тоза пайдо карда, дар инъикоси умдатарин масъалаҳои ҷомеа ва норасоиҳои он мусоидат мекунад. Маълум аст, ки ҳар гуна воситаҳои тасвир, пеш аз ҳама, барои рангину ҷолиб ифода гардидани фикр ва ҳамзамон возеҳу барҷаста намо шудани ғояву мазмун мусоидат менамояд.

Дар эҷодиёти Шералӣ Мӯсо бадеият бо публитсистика пайванди ногусастанӣ дорад, чунки аввалин матолиби дар замони шуравӣ чопшудаи адиб фелетон будааст [121, с. 427-428]. Чунонки дар боби аввал зикр гардид, яке аз паҳлуҳои муҳими фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсо публитсистика мебошад. Бештари матолиби дар аввали фаъолияташ эҷодкардаи адиб дар қолаби жанрҳои очерку лавҳа шакл гирифтаанд. Маҳз бо таълифи очерку лавҳа Шералӣ Мӯсо соли 1994 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуд. Аз соли 2007 то соли 2010 раисии бахши очерк ва публитсистика, аз соли 2001 то 2015 раисии комиссияи тафтишотии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба уҳда дошт. Дар ин давра дар баробари очерку лавҳа ва қиссаҳои публитсистӣ, ҳаҷвияҳои Ш. Мӯсо низ руйи чоп омаданд. Аксари ҳаҷвияҳои нависанда аз воқеиятҳои замон канда

набошанд ҳам, моли адабиётанд. Бинобар ин, ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии Шералӣ Мӯсоро дар ду навъи осор метавон ба мушоҳида гирифт:

1. Ҳаҷвиёт;

2. Насри бадеӣ.

Раванди омузиш ва таҳқиқи мавзуъ нишон дод, ки публитсистикаи ҳаҷвии адиб, дар баробари бозтоби муаммо ва норасоиҳои мушаххаси ҷомеа, пайванди бадеият ва тахайюл буда, дар асарҳои ҷудогона аз ин ҷузъиёт ба таври гуногун истифода шудааст. Дар маркази ҳаҷвиёти Шералӣ Мӯсо, бахусус, дар порчаҳои манзуми ҳаҷвии ӯ воқеоти муайяни зиндагии иҷтимоӣ инъикос ёфта бошанд ҳам, инъикосу тасвири онҳо тавассути корбурди аносири бадеӣ сурат гирифтааст. Маҳз корбурди аносири ҳунарӣ боис гардидааст, ки воқеау персонажҳои мушаххаси ҳаётӣ тобиши умумиву типӣ пайдо кунанд.

Шеваи нигориши осори ҳаҷвии бадеиву публитсистӣ аз эҷодкор талаб мекунад, ки ба ҷузъиёти муҳим ва вижагиҳои сохторӣ ва мантиқии анвои жанрҳои ҳаҷвӣ эътибор диҳад. Нуқсону камбудиҳои давр ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ Шералӣ Мӯсоро дар канор нагузоштаанд. Интишори як қатор шеърҳои ҳаҷвӣ дар матбуоти даврии замони шуравӣ далели ин гуфтаҳоянд. Аввалин шеъри ҳаҷвии Шералӣ Мӯсо «Шикояти ниҳолҳои пахта» [121, с. 454] мебошад. Аз ҳамин ҷо сар карда, шеърҳои ҳаҷвие ба монанди «Сардори холабеғам» [121, с. 465] дар нашрияи «Коммуна»-и райони Орҷоникдзеобод (ҳоло «Шаҳриёр»-и шаҳри Ваҳдат) чоп мешаванд. Дар ин ду порчаи ҳаҷвие, ки аз аввалин нигоштаҳои Ш. Мӯсо дар ин навъи эҷод маҳсуб меёбанд, мавзуъ – масъалаи дар он замон муҳим – парвариши пахта ва объекти танқид бепарвоии сардори бригадаи колхози ба номи Телман мебошад.

Чун дар замони мутаъашанниҷи ҷанги шаҳрвандӣ ошкоро гуфтани ҳақиқати иҷтимоӣ ба андозае ғайриимкон гардид, Ш. Мӯсо ба ҳаҷв рӯ овард. Соли 1998 маҷмуи ҳикояҳо, ҳаҷвиёт, латифаҳо ва хомпазҳояш бо номи

«Дурбин» [17] рӯйи чоп омад. Соли 2022 ин маҷмуа бо такмилу таҷдид ва иловаҳо бо номи «Бахшиши тоҷикӣ» [12] интишор гардид. Чун қонуну қоидаи ҳаҷвнигорӣ, дар ҳаҷвиёти Ш. Мӯсо аслан воқеаҳои мубрам ва ҳалталаби замон на фақат истеҳзо, муҳокима ва тамасхур мешавад, балки адиб ба онҳо муносибати публитсистӣ намуда, иллатҳои ошкоргардида ва камбудиҳои мавҷударо мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Яъне, ҳаҷви ӯ ифодагари воқеаҳои муҳими давру замони муайян буда, руҳи баланди публитсистӣ доранд. Қаҳрамону персонажҳои асарҳояш одамонеанд, ки дар ин ё он ҷо кору фаъолият мекунанд ва доираи васеи мардум онҳоро мешиносад. Нависанда амалҳои матлубу номатлуби ононро бо истифода аз аносири бадеии тахайюлсоз ба тасвир гирифта, ба ин васила таносуби лутфу зарофатро дар асарҳояш таъмин менамояд. Ағлаби асарҳои Ш. Мӯсо, ки дар қолиби жанрҳои ҳаҷви публитсистӣ иншо шудаанд, аз як ҷиҳат, ба қонуниятҳои умумии адабиёту публитсистика тобеъ бошанд, аз тарафи дигар, табиату тақозои вижаи худро дороянд. Чунончи, бахши «Лутфи адибон».

Матолиби ин бахши маҷмуа бо лутфи баланд ва аносири тахайюлӣ эҷод шудаанд, аммо қаҳрамонони он инсонҳоеанд, ки муаллиф онҳоро мешиносад, бо онҳо дар як ҷо кор мекунад ва аксарият шахсони шинохта мебошанд. Ин бахш мушоҳида, дидаву шунидаҳои публитсистро бобати «маърифати баланди сухандонӣ, маъниофаринӣ, ҳозирҷавобӣ, маҳорати бо сухан мафтун кардани ҳамсуҳбат ва амсоли ин фаро гирифта» [121, с. 129], бештари ин матолиб дар қолаби жанри маъмули публитсистикаи ҳаҷвӣ – ҳазли рафиқона ё шарж эҷод шудаанд. Ин махсусият дар аксар латифаҳо аз ҷумла «Хотирҷамъ шудам гуй» низ ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми хуроки нисфирӯзӣ Назри Яздонӣ ба Шералӣ Мӯсо рӯ оварда мегуяд:

«– Ҳамин шаб замини мо ҷунбид. Аз шумо чӣ? Ҷунбид ё не? Ман ба ӯ гуфтам:

– О-о-о, ҷунбид, сахт ҷунбид.

Пас аз лаҳзае боз гуфтанд:

– Аҷиб. Замин ҷунбад аввал дилам меларзад, баъд метарсам. Шумо чӣ?

Дар ҷавоб гуфтам:

– Аз рӯзе ки ба нафақа баромадам, наметарсам.

Назри Яздонӣ бо лабханд гуфтанд:

– Э-ҳа, хотирҷамъ шудам гуй?!» [12, с. 261].

Дар назари аввал чунон ба назар мерасад, ки мундариҷаи ин матлаб гуфтугуи яклаҳзаина аст, ки миёни муаллиф ва шоир Назри Яздон рух додааст. Аммо аслан чунин нест, балки он мушоҳидаҳои чандкарата ва бардоштҳои маъниофари муаллиф аст, ки ҳосилаш ифодагари ҳикмат шудааст, ҳикмати масъулиятшиносӣ.

Матлаби «Боронӣ ва барфӣ» низ ҳазли некбинона аст, ки дар қолаби латифа эҷод шуда, ба ҳозирҷавобии Ҷонибеки Акобир ишора мекунад. Ш. Мӯсо аз бинои Иттифоқи нависандагон бо Саттор Турсун ва Ҷонибек Акобир берун омада, мебинанд, ки ҳаво гирифтааст ва бо ҳасрат мегуяд:

«– Ана, тирамоҳ ҳам омад.

– Ҳа-а, даромад, – оҳ кашиданд устод Саттор Турсун. – Вале ман плаш надорам.

Ман гуфтам:

– Аҷиб, бисёриҳо онро «боронӣ» мегӯянд.

Ҷонибек Акобир бо лабханд гуфт:

– Ин хел ки бошад, палторо «барфӣ» гуфтан лозим» [12, с. 261].

Дар ҳаҷви публитсистӣ ҷиҳати хос ҳақиқати воқеӣ буда, образнокӣ ва воситаҳои ҳаҷвсоз чун василаи инъикоси ин воқеият истифода мешаванд. Ин аст, ки муҳаққиқони адабиёт ҳақиқатро ба воқеиву бадеӣ ихтисос додаанд. Ҷанбаҳои бадеии ҳаҷви публитсистии Шералӣ Мӯсо бештар дар ҳикоёти ин маҷмуа мушоҳида мегардад. Масалан, ҳикояҳои ҳаҷвии «Идона», «Дузди худӣ», «Ҳасуд», «Шаби ғорат» ва амсоли ин проблемаҳои давру замони муайян буда, бо гузашти вақт моҳияти худро гум кардаанд. Чунончи,

мазмуни ин ҳикоя он аст, ки хатмкунанда Лайло аз падараш хоҳиш мекунад, ки барои шаби хатми мактаб ба ӯ сарулибос харад. Падараш дар харидани сару либос ду ҳазор сӯм сарф мекунад, ки ба маоши шашмоҳааш баробар будааст. Ба ин сабаб, падар шабнишиниро шаби хатм неву шаби ғорат унвон медиҳад.

Воқеан, баргузории занги охирон ва базми хатм дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ ба дараҷае расида буд, ки дар замони истиқлол Ҳукумати кишвар барои аз байн бурдани он чораҳо андешид ва имрӯз он аз афкори мактабиён тамоман берун шудааст. Ҳикояи ҳаҷвии «Шаби ғорат» гуё нақшашро иҷро кард. Ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта, муҳаққиқ А. Азимов дуруст навиштааст, ки адибони мо дар таълифоташон «хоҳ сафарнома, хоҳ очерк, хоҳ эссе, хоҳ мақола ё ёддошт аз ҳуҷҷатҳои воқеӣ, факту рӯйдод, далелу санадҳо истифода бурда» [74, с. 118], танҳо роҷеъ ба рӯйдодҳои замон андеша рондаанд.

Ҳамзамон, дар баъзе ҳикояҳои ҳаҷвӣ проблемаҳое мавриди танқиду маззамат қарор гирифтаанд, ки бо вуҷуди чандин сол пеш эҷод шуданашон, имрӯз низ моҳияташонро аз даст надодаанд. Чунончи, ҳолати эҷодии адиби ҷавон. Мушкилоти рӯзгори адиби ҷавон ва азобҳои ҳамсари вай аз ҷониби Шералӣ Мӯсо дар ҳикояи ҳаҷвии «Талоқи адабӣ» [12, с. 121-127] хеле ҷолиб ба риштаи тасвир кашида шудааст. Мазмуни ин ҳикоя зарбулмасали «Буз дар ғами ҷону қассоб дар фикри чарбу»-ро ба хотир меорад. Ба далели фикр:

«Оре, зан пуртоқат аст! Аммо ҷони зани адиби ҷавон ба лаб омада, намегиристу бас. О, ҳарҷӣ ҳам ҳадду ҳудуд дорад. Нав ғанабаш мебарад, ки шавҳар ба биқинаш нихта мекунад.

– Хез, хез!

– Боз чӣ гап?

– Э хеста барқа зан-е!

– Барқ зад? – як қад мепарад ҳамсараш. – Кия зад?

– Ӯй ҳафтафаҳм! – киноя мезанад шавҳар.

– Зани адиб шуда, кай гапи адабиро ёд мегирӣ? Барқа зан, яъне чароғи рӯимизиро гирон кун.

– Свет чӣ лозим? – Хоболудона мепурсад зан. – Чӣ ягон ҷо сухт?

– Не! Омад!

– Омад? Кӣ? Меҳмон? Дар ҳамин бевақтӣ?

– Э ҳафтафаҳм! – бо зарда мегуяд адиби ҷавон.

– Меҳмон не, илҳом омад, илҳом! Зуд бош, ки наравад!

– Кош Азроил меомад, – норозиёна ғурғуркунон аз ҷойхоби гарм мехезад зан.

– Халос мешудам» [12, с. 121].

Бо чунин диалоги малеҳ ва нозук ба қалам додани гуфтугуи адиби ҷавон ва завҷаи ӯ паҳлуҳои гуногуни масъаларо кушояд ҳам, луқмаи охири зан хонандаро ба андеша меорад. Халос шудани зан маънии духура пайдо кардааст. Ба хонанда маълум нест, ки зан марги шавҳар ё худашро ба ихтиёри Азроил медиҳад. Аз мутолиаи давоми ҳикоя маълум мегардад, ки зан хоҳони марги ҳар дуяшон аст. Ӯ аз дасти шавҳар халос мешаваду адабиёт аз чунин адиб. Чунин унвон гирифтани ин ҳикоя дар интиҳои он ба хонанда аён мегардад. Пас аз кашмакашҳои зиёду инҷиқии шавҳар зан мегуяд:

«Оҳ, омад!

Аз ин нидои ҳамсар адиби ҷавон як қад парида, бо аҷала пурсид:

– Кӣ омад?

– Ҷасорат!

– Кадом ҷасорат?

– Ҷасорати ман! – ҷавоб дод зан ва шавҳарро хезонда, ба ҷояш нишасту қаламро ба даст гирифта, рӯи коғаз давонд» [12, с. 126].

Аз гуфтугуи баъдина маълум мегардад, ки зан аризаи талоқ менависад ва шавҳар изҳор медорад, ки қалами адабӣ ин хел чизҳоро наменависад. Зан изҳор мекунад, ки менависад агар талоқ «талоқи адабӣ» бошад.

Ба ҳамин монанд дар ҳикоёти ҳаҷвии «Шӯхӣ» [12, с. 128-130], «Мусоҳиба» [12, с. 131-133], «Рақс» [12, с. 137-139], «Ҷамъомади аввалин» [12, с. 140-142] ва чанди дигар масоиле баррасӣ гардидаанд, ки дархури ҳар давру замонанд. Профессор М. Муродӣ бобати ин ҳикоёт андешаронӣ ва дуруст ишора мекунад, ки ҳикояҳои ҳаҷвии ин маҷмуа аз дидгоҳи мавзуӣ гуногун бошанд ҳам, «дар онҳо ҳам мушкилоти маишӣ, ҳам ахлоқӣ ва ҳам фарҳангиву адабӣ ба тасвир кашида шудаанд» [121, 127] ва ин тасвирҳо аслан ба як воқеаи ҳаётӣ ва ё хислати одамӣ рабт гирифта, бо оҳанги ҳаҷву мутоиба рух ва неру пайдо мекунанд.

Ҷанбаҳои публитсистӣ дар аксар осори бадеии Ш. Мӯсо ба назар расад ҳам, дар ҳикояҳову қиссаҳои «Суг» [34], «Осоиш» [26], «Тулуъ дар ғуруб» [72], «Қиссаи баҳорӣ» [19], «Ситам» [33] ва ғайраҳо бештар ва қавитар аст. Дар ин асарҳо воқеаҳои ба адиб шинос аз дидгоҳи воқеияти публитсистӣ ва образнокии бадеӣ тасвир гардидаанд. Дар асарҳо ҷанбаҳои публитсистӣ дар пайванд додани ду омил ба мушоҳида мерасад: иртиботи қавии набзи рӯз бо маъалаҳои ахлоқии ҷомеа.

«Суг» [34] маҷмуи ду қиссаи Шералӣ Мӯсоро фаро гирифта, якумӣ («Суг») аз даҳшати ҷанги шаҳрвандӣ, аз байн рафтани арзишҳои замони шуравӣ, бархурди наслҳо ва дуюмӣ – «Доғҳои сиёҳ» аз рӯзгори собиқ котиби райком нақл мекунанд. Ин қиссаҳо аз соли 1992 то соли 1998 эҷод шудаанд, ки барои адиб ва ҳамзамонони ӯ марҳалаи мудҳиштарин маҳсуб меёбад. Агар манзури муаллиф аз нақли хотираву ёддоштҳои собиқ котиби райком нишон додани камбудиҳо ва талаботи қолабиву шахшудаи замони гузашта бошад, «Суг» нишон додани авзои вақт ва бархурди аслҳову арзишҳо аст, ки мақсади пешгирии чунин нуқсу камбудиҳоро дорад.

Ҷанбаҳои публитсистию бадеии қиссаи «Суг» дар якҷоягӣ гардиш кунанд ҳам, таносуби онҳо дар назари хонанда ҳануз аз воқеаҳои ибтидои асар аён мешавад. Агар зебоиҳои табиат, шилдир-шилдири оби ҷӯйча, мавҷи серуни насим, накҳати гулу алафҳои хушбӯй ва амсоли ин дар тасвири

нависанда бо шеваи хос ба асар обуранги бадеии бахшида бошанд, сабук карда натавонистани ҳеҷ кадоме аз манзараҳо бори андуҳи пирамардро ва саволҳои риторикии «Чаро ба сари ӯ ин рӯзҳо омаданд? Ӯ ин қадар бадбахт? Бе ин ҳам рӯзаш хуб набуд. Боз бадтар гардонад ҳоли ӯро. Чӣ, пеш ғам надошт?», ки муҳтавои минбаъдаи асар бо посух ба ин суолҳо шакл мегирад.

Далоилу арқомеро, ки адиб аз забони қаҳрамон меорад, ҳақиқати бебаҳси таърихист ва истифодаи ин нишондиҳандаҳо бо як равиши хоссаи публитсистӣ сурат гирифтааст. Муҳаққиқ И. Усмонов дуруст қайд мекунад, ки равишу усули публитсистӣ метавонад, дар асарҳои бадеӣ низ васеъ корбурд шавад ва он гоҳ ин «адабиёти публитсистӣ (романи публитсистӣ, шеъри публитсистӣ) ё асари оҳанги публитсистидошта» [114, с. 54] мешавад. Масалан, Бобои Расул ба ҷавони аз олам бехабару беларво, ки «Одам барои эълони орденхарӣ ҳам касал мешудааст-а!» мурочиат карда мегуяд, ки ту писари хуб будаӣ, ба чанд даромадӣ?

«– Ба бист, – бо ифтихор ва ҳавобаландона ҷавоб дод ҷавон. – Чӣ буд?

– Ин буд, ки вақте ман ба ароба нишаста ба ҷанг рафтам, аз ту ду сол хурд будам. Дар ботлоқу ҷангалзорҳо, дар зери борони тир, аз дили рӯду дарёҳои калон гузашта, заминро аз хуни худ рангин карда, то ба лонаи душман – Берлин расидем. Ин роҳи марг – аз Маскав то Берлин – ду ҳазору шашсад километр буд, ки мо онро дар чор сол тай кардем. Ё як ҳазору чорсаду ҳаждаҳ рӯз, ё сию чор ҳазор соат дар ин роҳ бист миллион фарзандони Ватан ба шаҳодат расиданд. Дар ҳар километр ҳафт ҳазору панҷсад кас шаҳид гашт. Дар ҳар ду метр понздаҳ тан аз олам гузашт. Ҳар рӯз чордаҳ ҳазор ва ҳар дақиқа даҳ нафар ҷоми шаҳодат нӯшид...

– Ана ҳамин тавр бо қимати ҷон ба гирифтани ин орденҳо мушарраф гардидем. Инро бо ҳар ду гӯшат шунаву аз ёд набарор» [34, с. 7].

Замони мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва дар аксари ҷумҳуриҳои шуравӣ, бо сахтии рӯзгор ва дигар шудани арзишҳо, бо роҳи фиреб ва бо маблағи ночиз ба яғмо бурдани ордену медалҳои ҷанговарони

солхурда сар шуд. Чунин воқеаҳо шумор надошта, набзи рӯзи давраи муайян мебошанд. Қаҳрамони Ш. Мӯсо низ бо баҳонаи ба осорхона гузоштани орденҳо фиреб мехурад. Чунин ранг гирифтани ҳодиса ҳақиқат аст ва дар ҳошияи ҳамин ҳақиқати кӯчак муаллиф чандин проблемаҳои ахлоқии замонро ба баррасӣ мекашад. Мавзуи асари бадеии мавриди таҳлилро гувоҳномаи дараҷаи узви ҷомеи маданӣ будани адиб ҳисоб кардан мумкин аст, чунки барои давраи мудҳиши солҳои навадуми асри гузашта чун давраи гузариш мавзуи дархури замон – ҳарфи дард хос буд.

Носипосии писархонди Бобои Расул Зафари Саид, ки мӯйсафед ӯро замони донишҷӯияш чун фарзанди худаш дар хонааш ҷой дод, хуронду пӯшонд, аммо пас аз прокурор шудан муносибати дағал мекунад, гуё намешиносад. Асабонияти мардум, хусусан ҷавонон, маҳалгароиву гурӯҳбозӣ, ноадолатии иҷтимоӣ, вайронии ахлоқ ва бар зидди ҳамаи ин мубориза бурдани як мӯйсафеди аз замон ранҷидаву рӯзи хуш нодида, як навъ образи насли калонсоли ҳамон давр, хосса иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст, ки тариқи дигар образҳои ёрирасон дар муборизаанд. Дар аксар асарҳои публитсистии Ш. Мӯсо қаҳрамонҳо ба муроду мақсад мерасанд ва зиндагии некӯаҳволона низ доранд, аммо чӣ дар ин асар ва чӣ дар дигар осори бадеии адиби публитсист қаҳрамонҳои марказӣ на ҳамеша ба мақсад мерасанд ва аксар қурбонии нобасомониҳои рӯзгор ва ноадолатиҳои замона мешаванд. Чун фасод ва бад шудани ахлоқию маънавӣ торафт бештар мегардад ва ин аз дидгоҳи шахсияте мисли Бобои Расул дари бедаво аст. Гузашта аз ин, ӯ дар зиндагӣ тибқи тасвири нависанда ба бешарафиҳое дучор меояд, ки таҳаммул кардан ва беаҳаммиятӣ ба онҳо номумкин мегардад. Хусусан ҳаёти пуршарафу пурфоҷиаи қаҳрамони қиссаи мавриди назар бо зарбаи мушти корманди ҳифзи ҳуқуқ анҷом меёбад. Маҳз «ҳамин ноҳамвориҳо, номувофиқатӣ ва нобаробариҳо» [111, с. 26]-и замон адибро ором намегузорад.

М. Шакурӣ дар «Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ. Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик» зикр мекунад, ки «қаҳрамонони Икромӣ ҳамагӣ «занҳои мардсифат» ва ё «мардҳои паҳлавонҷусса», аз Улуғзода зӯрманд, қавиродаву соҳиби қатъияти тамом, мебошанд. Яъне аз Одинаи Айнӣ то насри шуравӣ ва замони истиқлол образи қаҳрамон хеле дигар шудааст» [122, с. 14]. Ба ин мазмун, дар асарҳои бадеии адиби публитсист Ш. Мӯсо тасвири рӯйдодҳои замони ҷанги шаҳрвандӣ образи зани бадбахт ва мӯйсафедони озордида мақоми хос дорад. Ба гунаи қиссаи «Осоиш» [26]. Дар ин асар падидаи номатлуби давр – дар меъда интиқол додани маводди мухаддир ва марги муфоҷои қаҳрамони марказии асар, ки пас аз кафидани мавод дар шикамаш мефавтад, тасвир мешавад. Дар ҳақиқат, чунин амалҳои қочоқ дар он замон то андозае маъмул гардида, ба мавзуи доғи нашрияҳои даврӣ табдил ёфта буд. Рӯзномаҳо на танҳо аз ошкор гардидани чунин усулҳои интиқоли маводди мухаддир, балки аз қурбонгаштагони ин «корнамоӣ» низ менавиштанд.

Шералӣ Мӯсо дар заминаи маърифати адабии чунин масъала, образи Бозоргулро офарида, дар симои ӯ амалҳои ноҷо ва манфури мардон ва занони дар ин роҳи пурбало қурбонишударо намо додааст. Дар тасвири адиб саргузашти Бозоргул ҳануз аз замони таваллуд талх аст. Падараш, ки интизори писар буд, бо ба дунё омадани Бозоргул модарашро зери мушту лагад гирифта сиёҳбахт кард, ношукрияш асар карду ӯ дигар соҳиби фарзанд нашуд. Бо ин амали номардона саргузашти талхи Бозоргул сар мешавад. Ӯ аз ҷониби марди себачадор фиреб мехурад, ҳомила ва дар кӯча мемонад. Касофати бадахлоқиҳо ба дигарон низ сироят мекунад. Ҷавонон дар мунокишаҳо ба ҳалокат мерасанд, ҳамсабақи Бозоргул – Наргис ба хотири пулу мол ба марди солхурдае издивоҷ мекунад, боварии мардум ба ҳамдигар, инсонҳои инзамонаӣ ва ғайраҳо кам мегардад. Ин ва дигар масъалаҳо, ҳамчун бухрони ахлоқии ҷомеа дар маркази қисса ба ҷилва меоянд. Муаллиф дар инъикосу тавири чунин воқеаҳо ва баррасии масъалаҳо бо ҳамқадамии

замон гом бардошта, ҳалли қазияҳоро дар руҳияи вақту замон ва умедворӣ ба ояндаи нек баррасӣ менамояд. Ана ҳамин умед ба ояндаи нек ифодагари руҳи қавии публитсистӣ дар асар гардидааст. Тазоди зиндагии инсонӣ намегузорад, ки муаллиф қиссаро бо хубиву хурсандӣ ба анҷом бирасонад: «Лаҳзае пас аҳволаш тамоман бад шуд. Хост доду фарёд зада, ба ёрӣ ҷеғ занад... Ғӯли сиёҳ мушханде карда бо панҷаҳои гирояш гулуи Бозоргулро зер кард. Нафаси Бозоргул тангӣ мекард. Аз даҳонаш кафк мешорид...

– Героин корашро кард, – гуфт яке ва роҳбаладе вагонро ҷеғ зад.

– Охир бо марги сафед мурд, – бо алам гуфт ӯ. – Ҳаром мурд» [26, с. 85-86].

Маҷмуаи қиссаву ҳикояҳои «Тулуъ дар ғуруб» [72] як навъ бозтоби паҳлуҳои мухталифи рӯзгори адиб аст. Ҳарчанд дар шиносномаи маҷмуа доир ба симоҳои тозаи адабиёт ва бавуҷудоварии онҳо аз ҷониби Шералӣ Мӯсо сухан меравад, муаллифи пешгуфтори ин китоб «хонандаи имрӯзро барои муҳокимаронии ботинӣ ва шинохтани руҳияи замон ва одамон» [72, с. 4] тайёр кардан, ба ҳар як қаламкаш қарз ҳисобида, “Тулуъ дар ғуруб”-ро ҳушдоре барои инсонҳо аз нафарони бадахлоқ, беҷуръату бематлаб, сустирода ва сутаносир, ки дархури замони имрӯзаанд, арзёбӣ мекунад. Махсусан, дар қиссаи «Тулуъ дар ғуруб» [72, с. 4] баръакси «Осоиш» [26] бо гардиши замон инсонҳо низ тағйир меёбанд. Чунончи, қаҳрамони марказии қисса Нозанин аз дасти ҷавони булҳавасе бо номи Сафо ҳомила гардид, фарзанд ба дунё меорад, аммо ӯро ҳеҷ гоҳ зодаи гуноҳ ва ҳаваси чандлаҳзаина намедонад. Дар замони пуртаассуби ҷанги шаҳрвандӣ чунин андешаронӣ ба озодии виҷдон ва маърифати ҷомеаи демукросӣ такя мекунад. Аммо пайдо шудани симои манфури муаллими мактаби олӣ чун Нодирӣ як анзоза вижагиҳои ҷомеаи маданиеро, ки публитсист шояд ҳамчун улгу овардааст, зери суол мебарад. Муаллим Нодирӣ бо баҳонаи хориҷ кардан аз донишгоҳ мехоҳад аз Нозанин истифода барад. Лавҳаи хориҷ аз донишгоҳ,

ки бозгуи нияти бад доштани муаллим аст, монологи қаҳрамонро ба вуҷуд меорад:

«– Бераҳмҳо! – бо нафрат фармонро канда мегираду пора-пора карда мепартояд ва ҳамзамон дарк мекунад, ки ин кори муаллим Нодирӣ аст. Чанд бор: «Ба фалон ҷо биё!»– гуфта буд. Нозанин рад кард, нарафт. Нодирӣ ӯро чап гирифт, боре таҳдид ҳам кард: «Ҳоло мебинӣ!» [72, с. 14].

Шералӣ Мӯсо нисбат ба зиндагӣ ва ҳаёти инсонҳо хушбин аст ва аз асар ба асар, аз сол ба сол мехоҳад зиндагии инсонҳоро оливу накӯ бубинад. Ба ҳамин хотир, дар муқобили ҷавони булҳавас Сафо ва муаллими бадахлоқ Нодирӣ Умедро меофарад, ки корманди ҳифзи ҳуқуқ буда, ба Нозанин бо чашми бад наменигарад ва чун бесаробонии ӯро мефаҳмад, назди хоҳараш Гулноз мебарад, ки ҳамсинни Нозанин аст ва адиби публитсист, махсусан, ба Умедро борҳо акогуйиҳои Гулноз ишора мекунад. Бо чунин тарз ба ҳаракат даровардани хатти асар аз дигар шудани руҳияи замони муаллиф ва муносибати инсонҳои доираи тарбияву ахлоқи муайян ба дигарон вобаста аст. Байни Умед ва Нозанин дар охир оташи ишқ шуълавар мегардад, ки хилофи мантиқи тасовири аввалаи қисса аст, аммо ин ҷо мақсади адиб тамоман чизи дигар – насиби зани хуб шудани марди хуб ва баръакс аст. Яъне, агар инсон аз роҳи рост берун наравад, ҳатман ба муродаш мерасад ва подошаш низ даҳчанд аст. Адиб дар пасманзари ин воқеият пардапӯшона гуфтанист, ки дар роҳи пул ва нафс ҳеҷ чизи муқаддас боқӣ намондааст.

Дар қиссаи дигари ин маҷмуа – «Тарки хонаи падар» [72, с. 119-215] низ мисли қиссаи боло саргузашти пурпечутоби духтари деҳотии фиребхурда ва нимятим нақл шудааст. Фарқ дар он аст, ки дар ин қисса нависанда ба чӣ гуна ба вуқуъ пайвастани ин гуна ҳодисаҳо неву сабаби рух додани онҳоро ҷӯё мешавад. Муносибати муаллиф ба қаҳрамон ва зиндагии ӯ то як андоза психологӣ аст. Ибратомузӣ дар ин асар мазмуни дигаре пайдо карда, аз ҷиҳати психологӣ пургунҷоиштар шудааст. Нависанда таҳлил ва таҳқиқи бадеии диалектикаи руҳи инсонро аз тасвир ҷудо накарда, балки худ дар бар

гирифтааст. Ин анъана моли адабиёт ва таҷрибаи халқ буда, аз имтиҳони вақт низ гузаштааст ва «дар сифати нави адабиёт маҳлул шуда нарафтааст ва нест нашудааст. Вай баъзе хусусиятҳои таърихии эстетикии худро нигоҳ дошта, ба сифати як қувваи нави фаъол арзи вуҷуд кардааст» [85, с. 4].

Дар ин асар образи манфии падари золим, табиби беинсоф, Идибеки бангӣ, Идимоҳи далла дар як доира тоб хурда, яке дигареро пурра мекунад ва барои боз ҳам хубтар маърифату фаросат кардани моҳияту мазмун ёрӣ мерасонад. Ба таъбири муҳаққиқ О. Носиров «қаҳрамонсозӣ дар асари бадеӣ масъалаи муҳим маҳсуб шуда, он дар доираи имконият ва истеъдоди публитсист ва адиб, фаҳмишу имконоти ҷараёни адабӣ сурат мегирад. Муаллиф дар асари бадеӣ ва публитсистӣ бо сохтани тип, образ ва қаҳрамонҳо фикри лозимаро либоси бадеӣ мепӯшонад ва мақсади хешро бо офаридани қаҳрамонҳои манфӣ ва мусбат амалӣ мегардонад» [98, с. 164-165]. Инсонҳои нохуб дар назари адиб ҳама як рангу як намуд доранд ва ин тиннати ҳамгуни бади онҳост. Дар қиссаи мазкур сарфи назар аз он ки падари Тоҷинисо – Пардабобо духтарашро дӯст намедорад, рӯйи хуш нишон намедиҳад ва ҳатто барои Идимоҳи далла шуда мехоҳад ӯро ба Идибеки нашъаманд хонадор кунад, Тоҷинисо нисбат ба падар меҳрубон аст, бо ҳама камбудиҳояш ӯро дӯст медорад, тиловориҳои аз модараш мондаро ба духтур медиҳад, ки падар ҷарроҳӣ шавад. Ҳатто вақти аз шаҳр баргаштан шараққоси дарвоза Тоҷинисоро аз банди хаёлоти мағшуш раҳо мекунад. Вай тоб хурда, падарашро мебинад. Ӯ на риш дошт на фаш. Басо хаставу ранҷуру нотавон менамуд. Як эҳсоси номаълум дили Тоҷинисоро фишор медиҳад:

«– Ҳой, ин ҷо чӣ мекобӣ?! Дуздӣ даромадӣ?!

Нафаскашии пиронаи падар бараъло ба гӯши Тоҷинисо мерасад.

– Падарҷон! – Тоҷинисо ба сӯяш давида, ба гарданаш маҳкам мечаспад. Аз чашмонаш ашк ҷорӣ мешуду аз сару рӯйи падар гаштаву баргашта мебӯсид.

– Бас! Шуд! – норозиёна нидо менамояд падараш. – Сар те!» [72, с. 14]. Ин ҷо муроди муаллиф нишон додани анъанаи тарбияту муносибати суннатии шарқиёнаи як духтари одӣ аст, ки қатъи назар аз зиндагии хуб ва серу пур падари золими худ – Пардабоборо фаромуш намекунад, ба суроғаш меравад, аз дасти ӯ ба балоҳое гирифтор шавад ҳам, аз ӯ рӯ намегардонад. Падар бо ҳама бадиҳо барояш падар аст. Ин таҳаммулпазирие, ки муаллиф дидааст, шунидааст ва мехоҳад талқин созад, дар ҷомеаи имрӯза арзишеро қоил нашуда истодааст. Аз дидгоҳи падар, аз хона рафтани Тоҷинисо, итоби фармони ӯ хатоест нобахшиданӣ, аммо бинобар табиати асар ва арзёбии мунаққидон хатои Тоҷинисо хатои замон, хатои ҷанг, хатои инсонҳо буд.

Бо гузашти замон маҷмуи қисса ва ҳикояҳои «Қиссаи баҳорӣ» [19] оҳанги дигарро касб мекунад. Аз аввалин ва ягона қиссаи маҷмуа «Одам будан мехоҳам» [19, с. 4-85] сар карда мазмуни аксар ҳикояҳоро оқибати нохуби дилсузиву зудбоварӣ ва, умуман, инсони аз ҳад хуб будан ташкил медиҳад. Ҷанбаи пурқуввати публитсистии ин асар дар он зоҳир мегардад, ки ҷавҳари он ҳақиқати талхи зиндагии имрӯза аст. Хусусан дар қиссаи мазкур Шариф Шараф шахси босавод, дилсузи ҳама, меҳнатдӯст, инсони бошараф, ҳалолкор тасвир мегардад, ки барои наҷоти як духтар аз дасти се авбош ба чанголи додситон Мелс Катаевич меафтад ва ба кулфату шиканҷаҳои руҳӣ гирифтор мешавад. Мелс Катаевич аз зумраи инсонҳоест, ки барои ба даст овардани маблағи муфт ба ҳар кор қодиранд. Барои ӯ ва ӯ баринҳо муҳим гунаҳкор нест, муҳим он аст, ки ӯ пул дорад. Дар қатори садҳо қурбонии дигар Шариф Шараф низ шомил мегардад ва дар натиҷа панҷ сол ба зиндон меафтад.

Ҳамин тавр, Шералӣ Мӯсо аз асар ба асар ба кушодани моҳияти воқеаву руйдод майл мекунад, доир ба ҳалли масъалаву мушкилоти замон савол мегузорад ва моҳияти воқеиятро дар воқеаҳои мавриди инъикос ҷустуҷӯ мекунад. Хусусан, дар қиссаи «Ситам» [33] чунин тарзи корбарӣ равшантар ба мушоҳида мерасад. Адиби публитсист бар он аст, ки инсон аз

замони ба дунё омадан дар азоб аст, аммо яке зиёдтар ва дигаре камтар ҷафои рӯзгор мекашад. Қаҳрамони қиссаи мазкур духтарест, ки аз аввали ҳаёт қурбон шудааст, қурбонии ҷаҳолати падар, зулми шавҳар, фиреби ноҷавонмардон, ки дар охир боиси бероҳа шудани ӯ мегардад. Бо чунин тафсилот ва ҷузъиёт овардани ҳаёти қаҳрамон ва дар пасманзари он нишон додани рӯзгори дигар ҳамтақдирон дар як қисса муаммоест гиреҳбаста ва муаллиф низ ин гиреҳро намегушояд. Адиб қаҳрамонашро паст намезанад, ба мазҳакаи ом намекашад ва барои амалҳои нангинаш маҳкум низ намекунад, аммо ба гузаштаи ӯ руҷуи умумӣ менамояд, то симояшро хубтар нишон диҳад. Оғози асар бо диди пессимистона шуруъ мешавад:

«Яке мурда!

Дигар ях баста!

Зиндагӣ бо марг омехта ва дар жарфои сукути сангин гуё худро фурӯ овехта.

Мурда хушрӯз!

Зинда тирарӯз!..» [33, с. 4].

Баръакси ин, анҷоми асар оҳанги иҷтимоию фалсафӣ ва назари хушбинона дорад:

«– Оре, метавон дубора эҳё шуд аз нобудиҳо ва зиндагии тозаеро бо номи озодиву озодагӣ оғоз кард.

Ва гуё тамоми олам ӯро тарафдор шуд:

– Оваҳ! Дубора метавон зист!» [33, с. 298].

Дар қисса баробари исботи он ки ҳар як инсон бегуноҳ ба дунё меояд, боқӣ кӣ мешавад, дар ҷомеа чӣ мавқеъе пайдо мекунад, муаллиф савол мегузорад, ки оё ин ҳама ба ӯ вобаста аст ё не. Ба ин минвол, ӯ симои Ситамро пешорӯи назари хонанда меорад. Ҳануз қаҳрамонро бинобар сахтии таваллуд духтурон ба қайсар ба берун меоранд ва модараш қариб мемурд ва то синни яксолагӣ домони гиряро сар намедод. Дар ин асно масъалае, ки муаллиф бевосита ба он таваҷҷуҳ мекунад духтар ё писар будани тифли

навзод аст. Дар ҷомеаи мо нафароне ҳастанд, ки байни писару духтар фарқ мегузоранд, ба писар бартарӣ медиҳанд. Одина, ки ба даму нафас эътиқод дошту монеъи ба беморхона бурдани занаш мешавад, пас аз он ки духтар будани тифлро мефаҳмад, кӯтоҳ, аммо бо таассуф: «– Яъне духтар!» гуфта мемонад.

Ситам бо орзую ҳавас дар мактаб бо баҳои аъло мехонад, аммо падар ӯро ба ҷавони сарватманде, ки Даврон ном дорад, ба шавҳар медиҳад. Ин ҷо проблемаи дигари доғи рӯз – нахонондан ва бе розигӣ ба шавҳар додани духтарро муаллиф ба миён мегузорад. Ба бахти бади Ситам шавҳараш Даврон марди ҷоҳил, майзада, дағал ва аз ишқу муҳаббат бехабар буда, ӯро ҳар рӯз зери мушту лагад мегирифт ва посухи Ситам фақат гиряи талх буд. Ба болои ин Ситам таваллуд намекунад, мефаҳмад, ки Даврон зандида буда, аз зани пештарааш фарзанд ҳам доштааст. Пас аз тарки хонаи шавҳар Ситамро падар бо фармони моиндар ба хона роҳ намедиҳад ва Ситам ба дасти Гургалӣ меафтад.

Чунин ҷараён гирифтани сужаи асар хонандаро ба таҳрик меорад. Гургалӣ авбош буда, бо дуздию ғоратгарӣ зиндагӣ мекунад ва бо зӯрӣ Ситамро дар хонааш нигоҳ медорад. Ситам, ҳарчанд талош мекунад, ки аз хонаи Гург биравад, раҳоӣ намеёбад: насиҳат, панд, гиря, илтиҷо ба мард таъсир намерасонад. Ба тасвири нависанда чеҳраи Ситам лаҳза ба лаҳза тиратар мешуд ва ғаму ғуссаааш чун шаби зулмоти зимистон дарозу беохир. «Тамоми вуҷудаш аз бераҳмии тақдир дард мекард, муштҳои Гург дар баданаш месухт» [33, с. 120].

Шералӣ Мӯсо дар ин қисм саргузашти талхи ятимӣ ва печидаи Гургалиро меорад, ки дар хурдсолӣ аз падару модар маҳрум монда, дар тарбияи Одина ном шахс калон шудааст. Гургалӣ тақвиятдиҳандаи образи Даврон ва нишондиҳандаи ахлоқи ҷамъиятӣ аст. Гург ба Насиба, Нигора ном духтарҳо дил мебандад, аммо ишқаш бебарор аст. Сипас дар доми гурӯҳи дуздон меафтад. Ба дуздию ғорат даст мезанад. Оқибат ба даст меафтад. Аз

рӯйи тасвири муаллиф хонанда ҳис мекунад, ки Гург гурги борондида аст, аммо чӣ сабаб шуд, ки ӯ гург шуд. Ин ҷиҳати масъала, ки адиб матраҳ кардааст, низ оқибати фоҷиабор доштани амалҳои номатлуби инсонист. Ҳатто худи Гург хулоса мекунад, ки «Дузд, дузд аст ва дуздро оянда нест. Ҳеҷ зане ба ман хушбахт намешавад. Нақши ин муҳр то рӯзи қиёмат дар пешонии ман аст» [33, с. 179].

Баъдан, сужаи аз даст ба даст гузаштани Ситам ва билохира, ба дасти Филбону ном зани далла афтодану аз ноилоҷӣ сабукпо шудани ӯ қиссаро рангин месозад. Ситам пулу сарвати зиёде ҷамъ мекунад, аммо ин ҳамаро ба қатли Букашка ном хушдораш муттаҳам шудани ӯ дар комаш талх мегардонад ва ҳамин гуна пурсуҷӯйи милиса саргузашти Ситамро ба хонанда мекушояд. Бо ташаббуси муфаттиш бегуноҳии Ситам собит гардида, ӯ озод мешавад ва бо ҷуръати нависанда симои Ситам чун инсони бегуноҳ ва дубора таваллудшуда таҷаллӣ мекунад, ки барои муборизаи ҳаёти нав қадам мегузорад. Ба ақидаи муҳаққиқ Равшани Ёрмуҳаммад дар насри муосири тоҷик қиссаи «Ситам» [33] ҷойгоҳи хосса дорад ва онро метавон «таҳқиқи мухталифи паҳлуҳои муносибатҳои иҷтимоӣ» [121, с. 83] донист. Бинобар ақидаи ин мунаққид, образи чунин зани ҷабрдида, аззамонранҷида ва таҳқиршуда ба таври мукаммалбори аввал дар адабиёт ва публисистикаи тоҷик мавриди тасвир қарор мегирад, чунки он аносиреро фаро гирифтааст, ки сарфи назар аз тахайюл ва образсозӣ хоси публитсистика аст. Ба назари мо, мақсади муаллиф дар ин қисса тасвири масъалаҳои ахлоқии занон аст, ки аз сиришти ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоии одамон сар задааст. Ситам қаҳрамони типӣ ва мусбат аст, ки ба сараш фоҷиаи замона бор шудааст.

Ҷанбаҳои публитсистӣ ва руҳияи замон дар ҳикояҳои Шералӣ Мӯсо низ кам нест, зеро дар аксари ҳикояҳои ӯ масоили мубрами ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Чунончи, агар дар ҳикояи «Чеҳраи модар» [36, с. 163-171] зиндагии мазлумонаи писараки ятим, ки барои харидани нон маҷбур мешавад ба бозор лампочка фурӯшад ва ба чанголи фурӯшандагони беинсоф

меафтад, тасвир шавад, дар ҳикояи «Исёни Аскар» [36, с. 171-181] шӯришу қиёми як кӯдаки даҳсола бар нобаробарии иҷтимоӣ мавриди таваҷҷуҳи адиб қарор гирифтааст. Ҳарчанд дар ҳикояи аввал лампочкаҳои бо пули кам ва бо фиреб харидаи савдогарзан аз дасташ афтода мешиканад ва кӯшиши ёфтани писарбача бенатиҷа меанҷомад, дар дуввумӣ руҳи қавии публитсистӣ – ҳақиқати замон намегузорад, то муаллиф хаёлпардозӣ кунад ва воқеаро хушу хуррам ба анҷом расонад. Ҳарчанд муаллиф намехоҳад чунин воқеиятро тасвир кунад, аммо рисолати эҷодии касбиву нанги инсонӣ ба он монеа мешавад. Вақте раис барои ҳафти бародараш шаш дег ош мемонаду холаи Гулмоҳ барои ош меояд, ҷавони тануманде пеши роҳашро гирифта, бо зарда мепурсад:

«– Ту кистӣ?

– Ман? – мутаҳайирона ба ӯ дида дӯхт. – Ман ҳамсоя.

– Туро касе даъват кард?

– Не... О ин худой-ку? – дар ҳайрат монд Гулмоҳ.

Бӯзбала ба ӯ зеҳн монда баъд хандид. Сипас бо истеҳзо гуфт:

– Худоӣ барои ҳамсояҳои фиси бинӣ не, барои калонҳо. Фаҳмидӣ?» [36, с. 172].

Тасвири ҷузъиёти ҳикоя ба монанди чойҷушонии муаллим, ҳезуммайдакунии директори мактаб, хизмати муовини раиси ноҳия дар маърака дар ифшои моҳияти масъала мусоидат менамояд. Писари холаи Гулмоҳ – Аскари даҳсола бо фаҳмидани он ки раис маъракаи ҳафт дорад, ба модар савол медиҳад, ки чаро ба ӯ дурӯғ гуфтанд, ҳафти падарашро нагирифтанд ва рӯҳи падарро ранҷонданд? Модар аз ин саволҳои пайдарпай ва ғайриинтизор ғайр аз хомӯш ва талх гиристан чорае намеёбад, аммо Аскар ҳамоно идома медиҳад:

«– Ҳа, фаҳмидам дилатон ба пулатон сухт. Пулро аз падарам боло донистед.

Модар фурсате сукут карда, маъюс ба гап даромад:

– Писарам... Гӯш кун... Гумон баъзан... Чӣ гӯям? «Гумон аз имон ҷудо мекунад», мегӯянд. Худат шоҳид будӣ-ку. Раиси маҳалла омад. Қонунро нишон дод. «Мумкин не, ҷазо дорад» гуфт. Ба ёд биёр.

Ҳа, ба ёд овард ва беихтиёр садо дардод:

– Номард!

– Кӣ номард?

– Раиси маҳалла» [36, с. 179]. Баъдан дар андешаи қаҳрамон муалиф тасвири задухурди ботиниро меорад: «Эй палид! Ту табиатан бадтинат ҳастӣ! На инсоф дориву на диёнат. Ба бемансабон «Қонун мумкин не» мегӯию ба мансабдорон бошад хизматгорӣ. Ҳоло ӯ серкору сертараддуд буд. Ду даст пеши бар меҳмонҳоро «Хуш омадед!» мегуфт, пазироӣ мекард. Вобаста ба мансабашон ба хонаҳо тақсим менамуд. Бо фармоиши ӯ назди онҳо чой, дар табақҳо ошу кабоб медароварданд. Мулло ҳам аз бари боло, гулу дарронда оят мехонад”. Ба ин гуфтаҳо модар ҳамин қадар посух медиҳад, ки: «Вай вазифа дорад. Ҳар кор карда метавонад. Ҳоло давр даври ӯ, Худо ба ӯ додааст» [36, с. 174-181]. Адиб бо нақли таърихи мансабгириҳои раис, ки пас аз бо духтари сабукпои вазире оиладор шудан ба вуқуъ мепайвандад, ором нагардида, тариқи писарбачаи даҳсола даъво мекунад, ки ҳамон рӯзе раис аз вазифа парид баъд хурсанд мешавад. Барқарорсозии адолати иҷтимоӣ дар аксар осори бадеиву публитсистии Шералӣ Мӯсо ба назар расад ҳам, ҳикояи мазкур намунаи рӯшоди онҳост ва маҳз дар ҳамин давраи фаъолияти эҷодии адиб «бештар баёни ошкоро ва фошофоши воқеияти талхи давр мавқеъ пайдо карда буд» [106, с. 109].

Дар ҳикояҳои Ш. Мӯсо на фақат масоили мубрами иҷтимоӣ, балки қазияҳои ахлоқии дорои руҳи публитсистӣ низ ба назар мерасад. Масалан, дар ҳикояи «Қиссаи намози шом» [36, с. 182-197], ки дар он аз боби дину диёнат сухан меравад, чанд саҳнаи кутоҳ, аммо аҷиб ба назар мерасад. «Асадбек суратҳои сафари Амрикоро бо наберааш тамошо мекард. Ва ҳар

замон ба суолҳояш посух медод. Наберааш акси Ҳайкали Озодиро нишон дода пурсид:

– Бобо, чаро ин занак яхмоси калонро бардоштааст?!

– Ин яхмос не, машъали озодӣ аст!

– Ҳмм... барои ҳамин озодии Амрико дар гармии Ироқу Афғонистон зуд об мешавад, – гуфт набера» [36, с. 182-183].

Дар ин эпизод масъалаи чигили сиёсати ҷаҳонӣ аз забони як кӯдак садо медиҳад, ки ба публитсистикаи иҷтимоӣ-сиёсӣ пайванди мантиқӣ дорад. Бобои Нозир аз қаҳрамононест, ки ба тамоми масоили нави иҷтимоӣ бо суол ва ҳайрат менигарад ва ба писараш, ки насли нисбатан ҷавон аст аз «хозрасчёт», «аренда», «приватизация», «прихватизация» пурсида, ба суолҳояш ҷавоби қаноатбахш ҳам намегирад. Дигар воқеоте, ки дар ин ҳикоя нақл мешаванд, асолату рисолати инсонӣ аст. Бобои Нозир маҷбур писарашро ба қабристон мебарад. Диалоги байни онҳо ҷанбаи баланди тарбиявӣ дорад. Маслан ба суоли «Кай ба гӯристон рафта будӣ?» писар «Ба ростӣ, ёд надорам» – гуфта посух медиҳад ва дар ҷабини падар чин пайдо мешавад, сарашро ба шиддат такон дода, бо қаҳр мегуяд:

«– То пеши ҳар касу нокас рафтана ба гӯристон мерафтӣ, беҳтар мебуд!?» [36, с. 189-190].

Дар ин гуфтугу бархурди насли наву куҳна ва арзишҳои инсонӣ дар байни ҳастиву нестӣ қарор доранд. Яке барои ҳифз ва интиқоли арзишҳо мубориза мебарад, дигарӣ парвои дунё надорад. Албатта, ба ҷавон арзишҳои волои инсонӣ, ки падараш ҳимоятгару парвардаи он аст, маъқуланд, аммо тақозои замон ва нигоҳи инсони муосир боиси дудилагии ӯ мегарданд. Дар як вақт ду сохт – сармоядорӣ ва иҷтимогароӣ ҳукмронӣ кардан, мавзуи асосии баҳси ҳикоёти муаллиф гардидааст.

Дар ҳикоёти дигар «Қиёми қисмат», «Қиссаи баҳорӣ», «Шабзод», «Рози зиндагӣ», «Барги сабз», «Тобути хурофот», «Ҳоҷисалом», «Лаззати

қаҳр», «Мурад зиндагӣ», «Дӯсте дорам ҷонӣ», «Луқма» ва ғайра ду равзанаи мушоҳидаи адиб нисбат ба зиндагии ҳамзамонон ба назар мерасад:

Якум, аз дидгоҳи бадеият ба риштаи тасвир кашидани воқеаҳои ҳаётӣ;

Дуюм, бо тақозои публитсистикаи ҳаҷвӣ муносибат ва баррасӣ кардани мушкилоти ҷомеа.

Доманаи нақли ҳикояи «Қиёми қисмат» [36, с. 197-215]-ро воқеаҳои Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва гирду атрофи он ташкил медиҳад. Персонажҳои ҳикоя Давлат Раҳмат ва Бобул, ки ҳар ду аз аввал то охири ҳикоя, яке чун эҷодкор ва дигарӣ чун қаҳрамони марказӣ нақшу намо меёбанд, бо ин иншооти азими аср робита доранд.

Агар нависанда образи одами воқеиро офаридан хоҳад, номи вайро мушаххас мегуяд, симояшро ҳақиқатан нишон медиҳад, вайро ба ҳаракату сухан меорад, замону макон, табақаи иҷтимоӣ ва, муҳимтар аз ҳама, характери ӯро тасвир мекунад. «Вобаста ба методи романтикӣ ва ё реалистии асар замону макони амали персонаж хаёлӣ ва ё реалӣ мешавад, вале дар ҳар сурат ҷойи воқеа ишора меёбад» [96, с. 66]. Адиби асил бо тамоми тавоноӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки қаҳрамонаш фардӣ бароял ва барои он ки хурдтарин рафтору хислаташ боварибахшу намунаи ибрат бошад, ҳадафмандони хатти ҳаракати асарро тобиши эҳсосӣ мебахшад, то ба касе монанд набошад ва нашавад. Дар ҳикояи «Қиёми қисмат» адиб ҷойи воқеаро ҳаққонӣ ва дуруст тасвир мекунад, аммо ҳадаф чизи дигар аст. Сарфи назар аз калонсолӣ ва норозигии ҳамсараш нависанда Давлат Раҳмат ба Роғун меравад.

«– Боз ба Роғун меравед? – норозиёна гуфт ҳамсараш тез-тез мижа зада.

– Бале! Боз ба Роғун! – хушҳолона нидо намуд Давлат Раҳмат.

Ҳамсараш дилсузона илова кард:

– Охир Шумо акнун ҷавон нестед: барои Роғун рафта омадан қувваю дармон даркор.

Шавҳар бо ғурур ба ӯ нигарист:

– Хотирҷамъ бош, азизам! Роғун ба ман қувваю дармон мебахшад, зеро Роғун дар зиндагии ман зиндагӣ дорад! Низ дар зиндагии дигарон! Роғун дар дилҳо оҳанги зиндагии дилҳоро замзама мекунад. Роғун муҳаббатест, ки зиндагӣ аз он неру мегирад» [36, с. 197-198].

Пас аз он воқеоти зиндагӣ ва ишқи нокоми Бобул ном ҳамсояи ҷавони Давлат Раҳмат тасвир мегардад, ки аз рӯйи ҳавову ҳавас ба Ситора ном духтаре ошиқ мешавад. Ситора бедарак ва Бобул барои таскини ғаму ғурбат ба Роғун рӯ меорад ва маърифат мекунад, ки яккаписар будан ва эҳтиёҷ ба чизе надоштан арзиши волотарини зиндагии инсонӣ набудааст. Ишқ ӯро ба Роғун мебарад ва Давлат Раҳмат бо ӯ дар он ҷо вомехурад. Пас аз қисса карданҳои Бобул муаллиф чунин хулоса мебарорад:

«– Бобул!

– Ҳа?!

– Пайдо нашуд?

– Кӣ?

– Ситора?

– Не.

– Нағз накофтӣ!

– Кофтан бефоида. Ҳар рӯз дар домани поки Роғун намози ишқ мехонам. Акнун ҳама умедам ба Шумо. Нависед. Шояд бихонад...» [36, с. 215].

Ҳикоя як саргузашти нотамомеро мемонад, ки муаллиф қаҳрамонашро ба дасти тақдир ва оқибати онро ба қазовати хонанда месупорад. Агар образи Давлат Раҳмат ифодакунандаи хислату характери Шералӣ Мӯсо бошад, образи Бобул яке аз ҳазорон ҷавононест, ки дар дунёи бекарони меҳнат паногоҳ ҷустаанд. Дар аксар асарҳои публитсистии Ш. Мӯсо қаҳрамонон хушбахт ва зиндагии некӯаҳволона доранд, ҳарчанд ин осон ба даст наомадааст. Шералӣ Мӯсо дар ин ҳикоя он паҳлуҳое, ки дар осори публитсистӣ намегунҷад, бо обуранги бадеӣ ба тасвир гирифтааст. Махсусан,

дар ҳикояи «Қиссаи баҳорӣ» [36, с. 215-224] шарҳу тавзеҳҳои муаллиф атрофи як воқеа сурат мегирад: ронандае, ки барояш ягон қонун вуҷуд надорад ва барояш арзиши аз ҳама воло пул аст, баъакси ӯ нозири роҳ, ба қонун ва меъёри касбаш содиқ аст. Тазоди ду ҷониб дар асар руҳияи муборизахоҳиро ташаккул дода, ғалабаи адолатро талқин месозад.

Ҳарчанд ронандае ба мисли Зиё Олимуф гуноҳашро ба гардан намегирад ва ба ҳар роҳ – ё ба зӯрӣ, ё ба зорӣ, ё ба зар аз об хушк баромадан мехоҳад. Баръакси ҳамаи ин, адиб образи нозири ҳақиқатпешаву ҳалолкор Назирзодаро меофарад, ки дар иҷрои вазифааш масъулият дорад. Дар ҳикоя, ҳамзамон ду хислати номатлуби инсонӣ: маҳалгарой ва қонуншиканӣ маҳкум шудааст.

«– Хоҳиш менамоям ҳуҷҷатҳоятонро пешниҳод намоед!

Ронанда ба ҷои пешниҳоди ҳуҷҷат синчакорона ба рӯи нозири роҳ дида дӯхту бо як табассуми аҷиб аҷиб пурсид:

– Агар хато накунам, ту аз ноҳияи Ғори боло? Ёфтам-а? Аз симоят шинохтам. Ҳа, ман симошинос.

– Агар рафту аз ноҳияи Ғор боло бошам, пас чӣ?

– Чӣ хел, бад чӣ? Эҳ-ҳа! Ана гапу мана гап! Охир, мо ҳамшаҳр. Ният соф-дия, ният! Соф намешуд бо ҳамшаҳриям вомехурдам?!

Дар рӯйи нозири роҳ хафагӣ соя афканд.

– Агар ҳамшаҳрӣ бошем, қоидаро вайрон кардан мумкин будааст. Ҳуҷҷатҳоятонро бароред» [36, с. 217].

Пас аз ҳама ҳиллаву найрангҳо Зиё Олимуф ба Назирзода муроҷиат мекунад, ки аз ин ҳама кашокашҳо чӣ мехоҳад ва посухи нозир ба моҳияти масъала нуктаи кулминатсионӣ мегузорад:

«– Адолат!» [36, с. 221].

Ҳикоя бо ғалабаи ҳақиқат ва барқарории адолат ба итмом мерасад:

«Гапаш чун теғ тез, вале ҷондор, – дар дил иқрор шуд ӯ ва зери лаб «астағфируллоҳ» гуфту чашмаш ба сечароғ афтод. Ин лаҳза чароғи сурхи он

фурӯзон гашт. Он чун ҷараёни барқ ба танаш давид. Таконе хурд. Дилаш сахт-сахт тапида, гӯшҳояш садо доданд. Акнун аз ҳар тори мӯяш арақ мечакид. Вай ба дараҷае сурх гашта буд, ки тарҳи рӯяшро аз сурхии чароғи раҳнамо фарқ карда намешуд.

– Уфф, – номаълум оҳ кашид Зиё Олимуф ва оҳиста калидро ба дасти нозири роҳ дод» [36, 224].

Ба ҳамин монанд ҳикояҳои «Шабзод» [36, с. 224-243], «Рози зиндагӣ» [36, с. 243-258] ва «Барги сабз» [36, с. 258-271] низ ба масъалаҳои қадршиносӣ, накӯкорӣ ва қаноатмандӣ бахшида шудаанд. Қаҳрамонони ин ҳикоёт, якумӣ ҷаррохе, ки барои пул писаракеро мошин зада буд, ҷарроҳӣ намекунад ва дар охир мефаҳмад, ки писари худаш будааст, дуввумӣ нозири андоз, ки барои ришвагирӣ даҳ сол ба зиндон меафтад ва саввумӣ Сангини ҳофиз, ки ба тӯйи шахси чун падар ба ӯ хизматкарда намеравад ва дар охир аз кор ронда мешавад, ҳамагӣ ба як бемори гирифторанд: баднафсӣ. Адиб таъкид мекунад, ки пули бо роҳи ҳаром, аммо осонакак бадастомада хушбахтӣ наоварда, ибтидои бадбахтиҳост. Меҳнати ҳалол ва як бурида нони бо араќи ҷабин бадастомада болотар аз ҳама чиз аст. Ӯ тариқи зиндагии шоистаи нафарони меҳнатдӯст ва поквиҷдон, ки оғозу анҷомашон покист, инсонҳоро ба дунёе раҳнамоӣ мекунад, ки номаш меҳнат аст.

Ин бесабаб нест, зеро худи Шералӣ Мӯсо аз истеҳсолот ба эҷод ворид шуда, меҳнатро шараф медонад, дар асарҳои бадеияш низ онро тасвир, тарғиб ва дар симои ҳар қаҳрамон намо медиҳад, кӯйи номуродиро бо имону виҷдони асил тавъам тасвир мекунад, ки дар натиҷа задухурди ақл – дар симои руҳи публитсистии замон ва нафс – дар падидаҳои номатлуб рух дода, ҳақиқати дорои оҳанги иҷтимоӣ буруз намуда, бешак, ғолиб мегардад.

### 3.2. Аносири ҳунарӣ ва жанрӣ дар осори марбут ба раванди бунёдкориҳо

Вобаста ба таъиноти соҳа, тағйирот дар ҷомеа ва дигаршавии муносибатҳои иҷтимоӣ ҳама навъи эҷод аз ҷумла ҳунару санъат тағйир

меёбад, рушд мекунанд, чунки ҳунар ва санъат ба вазъи замон ва набзи ҷомеа алоқамандии зич дорад ва пайваста аз ин ҳолат баҳра мебардорад. Бахусус публитсистика ҳамчун навъи махсуси соҳаи эҷод аз ин ҳолат дар канор буда наметавонад. Эҷоди публитсистӣ бевосита бо ҳақиқат сари кор гирифта, рисолати ҳунарварӣ дар он ибрози ҳақиқати иҷтимоӣ бо фарогирии аносири бадеӣ ва васоити муассири сухансоз дар доираи талаботи жанрҳои муайян аст.

Шералӣ Мӯсо аз зумраи эҷодкоронест, ки бештари асарҳояш дар қолаби жанрҳои публитсистию бадеӣ нигошта шудаанд. Аз ҷумла, аввалин матолиби ӯ очерки «Ситораи Роғун» [60] буда, ба корнамоии булдозеррон Александр Шишов бахшида шудааст. Ба ин мазмун, ағлаби асарҳои фарогирандаи раванди бунёдкориҳои Шералӣ Мӯсо дар қолиби ду жанри публитсистию бадеӣ: очерк ва лавҳа иншо шудаанд.

Очерк аз жанрҳои маъмул, серистифода ва нисбатан паҳншудаи публитсистика ва адабиёт маҳсуб ёфта, «корнамоиҳои шахсони воқеиро дар корзорҳои меҳнатӣ, истеҳсолот, илму фарҳанг» [89, с. 232] ва амсоли ин фаро мегирад. Лавҳа бошад, нигоштае маҳсуб меёбад, ки дар асоси лаҳзаи воҳид, гуворо ва таъсирбахшу намунаи ибрат эҷод шудааст. Асоси ин жанрҳоро воқеаҳое ташкил медиҳанд, ки дар рух додани онҳо инсон даст дорад. Бе вуҷуди инсон тасвир намудани воқеа ғайриимкон мегардад, чунки ҳар гуна воқеа дар бофтори воқеиятсозии инсон дилгармӣ ба вуҷуд меорад ва ин «дилгармкуниҳо» ҷавҳари аслии лавҳаву очерк маҳсуб меёбад.

Ба осоре, ки раванди корҳои бунёдкориро дар сохтмонҳои азими аср фаро гирифта, дар қолаби жанрҳои публитсистию бадеӣ нигошта шудаанд, метавон «Ошёни уқобон» [27], «Достони Роғун» [16], «Мардистон» [21], «Ҷонам фидои Роғун» [38], «Роҳи биҳишт» [36]-ро дохил кард.

«Ошёни уқобон» [27] – маҷмуаи очеркҳоест, ки аввалин нигоштаҳои адибро доир ба Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва заҳматкашони он фаро мегирад. Очеркҳое, ки дар ин маҷмуа гирд оварда шудааст, як фазо, як

мавзуъ ва як муҳитро фаро гиранд ҳам, муаллиф ҷанбаҳои гуногунро ба баррасиву тасвир мекашад. Аксари очеркҳои маҷмуаи мазкур аз соли 1981 то 1986, дар вақти ҳамчун котиби кумитаи ҳизбии заводи «Тоҷикгидроагрегат» фаъолият кардани Шералӣ Мӯсо нигошта шуда, бештаринашон тассуроти муаллиф аз сафар ба Роғун аст. Сафарҳо аксар маврид бо тақозои вазифа сурат гирифтааст.

Дар ағлаби очеркҳои маҷмуа мушкилоти сохтмон мавқеи меҳварӣ дорад. Аз ҷумла, дар очеркҳои «Ошёни уқобон» [27, с. 3-37], «Ташвишҳои ширин» [27, с. 38-49], «Кӯҳнавард» [27, с. 50-65], «Ситораи Роғун» [27, с. 66-84], «Ҳусни зиндагӣ» [27, с. 85-107], «Вахшро хоб мебинам» [27, с. 108-118], «Дасти дӯст» [27, с. 119-124], «Як рӯз бо котиб» [27, с. 125-146] тасвири симои шахс дар мадди аввал қарор дошта бошад ҳам, проблема низ ин ҷо истино нест. Ҳарчанд муаллиф дар бораи кору пайкори коргарони сохтмон нақл мекунад, ҳамзамон, дар контексти фаъолияти ду ва зиёда шахсони воқеӣ, масъалаи ҳалталаби корзорро ба баррасӣ мекашад. Яъне, дар очеркҳои ӯ як навъ синтези тасвир ба назар мерасад ва ин шева ба сохтор ва мазмуну муҳтавои асар нуқсе намеорад.

Яке аз махсусияти очеркҳои ин маҷмуа шеваи тасвири фаъолияти қаҳрамонҳо аст, ки дар раванди тасвир кӯшиши сохтани образи типпӣ ба мушоҳида мерасад. Муаллиф тариқи баррасии мушкилоти кори заҳматталаб, хисоили сабру ҳалолкорӣ мехоҳад дар фаъолкунӣ омма, баланд бардоштани ҳисси меҳандӯстӣ, мустаҳкамсозии руҳияи ободкорӣ, рушду инкишофи олами ботинӣ ва маънавиёти омма саҳм гузорад. Аз мутолиаи ин очеркҳо кас мутмаин мегардад, ки қаҳрамонони Ш. Мӯсоро Худованд маҳз барои меҳнат халқ кардааст. Чунончи, дар очерки «Ошёни уқобон» ҷараёни кори бригадаи Лайс Абдураҳмонов, Бурҳон Ғозибекович Миралиев, Карпов, Иван Вилгелм, Ризоев, Юсуфов, Вера ва дигарон нисбатан дар сатҳи гуногун қиёсан ҳикоят карда шудааст. Дар баробари муаррифии аҳли заҳмат ва тасвири объективонаи фаъолияти онҳо як портрети вижа – объекти махсус намо

меёбад, ки онро ҳар кас ба таври худ ном мебарад. Яке БАМ-и хурд, дигарӣ сохтмони зарбдори республика, сеюмӣ имтиҳонгоҳи матонат, чорумӣ ҷойи серравған маънидод мекунанд, аммо дар тасвири адиби публитсист зодгоҳ ҷоест, ки инсон онҷо тавлид мешавад ва он ҷо ҳамчунин зодгоҳи табиату рафтор, зодгоҳи руҳияи баланди инсонгарой, зодгоҳи оилаи солим ва «ниҳоят зодгоҳи ҳамон ячейкаи хурдакаке мебошад, ки аз он давлат, халқ, насли оянда тавлид меёбад» [27, с. 6-7]. Ин макони матонату шарофат Роғун аст. Ҳама воқеоту хислатҳои очеркҳои маҷмуа, аз ҷумла «Ошёни уқобон» [27] маҳз дар ҳамин ҷо рӯй дода, шакл мегиранд. Агар дар очерки мазкур симои Лайс Абдураҳмонов ҳамчун бригадири пешқадам тасвир шавад, ин пешравиро муаллиф аз қудрати бригадаи 36-нафара арзёбӣ мекунад, ки 70 фоизашон комсомолон ва худи Лайс коммунист аст. Лайс барои хуб шудани кори биргадааш доим дар такопӯ аст, ҳатто ба роҳбарони боло наҳаросида мамониат ва ҳақ буданашро исбот мекунад, камбудии бригадаро рӯйирост беибо мегуяд, аммо мушкилотро ҳал месозад. Лайс иброз медорад, ки бачаҳояш ба кор сар карданд, ӯ чӣ азобҳоеро накашид. Ҳамаашон ҷавон, боқувват, бофаҳм, босавод, лекин заррае ҳисси масъулият надоранд. Ягон кор наметавонанд ва ёд гирифтан ҳам намехоҳанд. Як моҳи дароз машаққат кашида, ба онҳо ёд медиҳад ва дар охир онҳо барои мутахассис мешаванд. Ба саволи «Пас ҳама корҳо хубанд?»-и сардор чунин ҷавоб медиҳад:

«– Ҳаргиз, Бурҳон Ғозибекович! Онҳо, вақте ду моҳ пеш кор мекарданд, ба онҳо музди шогирдона медодед. Ҳамин ки бригада ба кор сар кард, наряд навиштед, бе ягон иловапулӣ. Акнун бачаҳои ман мепурсанд: барои чӣ вақте ки кор намекардем, пули бештар медоданд? Чӣ кор кунем, ки пули бештар диҳанд? Корро партоем? Ба онҳо пул додан лозим, Бурҳон Ғозибекович.

– О-о-о... масъалаи хеле ҷиддӣ.

– Бале, ҷиддӣ. Чӣ кор мекунед?

– Чӣ илоҷ. Дида мебароем. Ҳал мекунем.

– Ҳал нашавад-чӣ?

– Чаро ҳал намешудааст? Кори ҳал намешудагӣ нест. Ҳамааш дар дасти худамон.

– Рост. Бинед. Илтимос» [27, с. 17-18].

Образҳое, ки дар дигар очеркҳои маҷмуа ба назар мерасад, аксарият аз Лайс Абдураҳмонов монданӣ надоранд. Масалан, Александр Шишов («Ситораи Роғун»), Юра Янович («Кӯҳнавард»), Хайрулло Асоев, Икром Комилов («Ҳусни зиндагӣ»), Антонина Ивановна, Александр, Савченко, Виктор, Терешенко («Вахшро хоб мебинам»), Мирзоалӣ Абдуллоев, Асрор («Як рӯз бо котиб») дар бригадаҳое кору фаъолият ва роҳбарӣ мекунанд, ки он ҷо интизоми қатъӣ ҷорӣ карда шудааст. Ҳодисаи бесабаб дер мондан, ба кор набаромадан, иҷро накардани уҳдадорӣ, корро партофта рафтан дида намешавад. Шиори аъзоёни бригада «Ҳама барои як кас, як кас барои ҳама!» аст.

«Ошёни уқобон» аз зумраи он асарҳоест, ки дар он руҳи мубориза пурқувват аст, зеро дар очеркҳои маҷмуа аз пешравиҳо ҳикоят карда шавад ҳам, қазияву камбудиҳо пӯшонида намешаванд, балки ошкоро мазаммату баррасӣ мешаванд. Чун нигоштаҳои мазкур дар руҳияи пурқуввати сохти шуроӣ – солҳои 80-уми асри гузашта нигошта шудаанд, дар онҳо танқид ба мазмуни пайдо кардани роҳи ҳалли проблемаҳо истифода шуда, муаллиф аз маҳкум намудани бетарафӣ ва бемасъулиятии ҷавонон истиҳола намекунад. Махсусан, бо роҳхати комсомол ба кор омадану аз қайд баромадан ва аз додани аъзоҳаққӣ ба ду по лангиданро муаллиф проблемагузорӣ мекунад:

«– Чаро чеғ задед?

– Мана қоғазу қаламро гиру навис.

– Чӣ?

– Ариза.

– Чӣ хел ариза?

– Хоҳишмандам маро аз комсомол хориҷ кунед.

– Чӣ-й?!

– Набошад чӣ. Ҳаққи аъзогиро як сол боз намесупорӣ, дар маҷлисҳо иштирок намекунӣ.

– Ман...

– Комсомол ба ту лозим нест. Аз кор туро пеш намекунанд. Навис, навис. Пагоҳ билетатро оварда месупорию аз ҳама ташвишҳо озод мешавӣ. Навис.

– Ту вай... Ман... Ман дигар... Не наменависам!

– Менависӣ. Дар назди комитети комсомолӣ ҳам мефаҳмонӣ» [27, с. 44]. Дар охир ҷавонро аз сафи комсомол хориҷ мекунанд ва ин бевосита ба дигарон ибрат мешавад. Яъне, дар баробари осон ҳал шудани мушкилот адиб хислатҳои ба хубӣ ислоҳнашавандаи ҳамзамононро сахт маҳкум кардааст.

«Достони Роғун» [15] аз зумраи он асарҳоест, ки дар он заҳмат, азму талош ва фидокории бинокорон дар сохтмони азими кишвар Неругоҳи барқи обии «Роғун» тасвир шудааст. Дар асар бунёди Роғун дар замони шуравӣ, мутаваққиф гаштани кор дар неругоҳ бинобар ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар ва эҳёи корҳои созандагӣ дар замони истиқлолро тасвир гардида, ҳашт достонро муаллиф ба ҳашт дарвозаҳои биҳишт монанд мекунад. Дар тасвирҳои муаллиф хусусиятҳои жанрии ҳисобот, мухбирнома, репортаж ва лавҳа мушоҳида мегардад. Адиб гоҳо саҳнаеро тасвир мекунад, гоҳи дигар масъалагузорӣ менамояд ва аксаран фактҳоро пайиҳам барои хонанда пешниҳод менамояд. Чунин озодӣ ба махсусияти жанрӣ мутобиқ набуда, бештар ба табиати асар мувофиқ меафтад. Ин вижагиро муҳаққиқ М. Муродӣ ба тақозои методолгияи тадқиқ алоқаманд арзёбӣ карда, дуруст дармеёбад, ки адиби публитсист дар эҷоди ин асар аз шеваҳо ва услуби эҷодии «рӯзноманигорӣ, публитсистӣ ва нависандагӣ яксон корбурд кардааст. Мушоҳидаҳои мақсадноки фардӣ, омузиши ҳуҷҷату асноди гуногун, нақлу ривоятҳои аз пирони рӯзгордида шунидаи нависанда барояш имкон додаанд,

ки дар инъикос ва тасвири раванди кори ин сохтмон талаботи асосии асари мустанад: вақт, фазо ва замонро ба ҳам алоқаманд гардонад» [75, с. 35].

Ҳарчанд адиби публитсист Шералӣ Мӯсо асари мазкурро достон унвон медиҳад, аммо ба назари мо он идомаи такмилу таҷдидёфтаи маҷмуаи очеркҳои «Ошёни уқобон» аст, ки дар шакли очерк андар очерк иншо гардида, ҳар қисмати ин ё он достон метавонад очерк, лавҳа ва, умуман, асари ҷудогона бошад. Қисмҳои «Достони Роғун» аз ёддошту мушоҳидаҳои адиб, нақлу тасвири раванди бунёдкориҳо дар Неругоҳи барқи обии Роғун иборат буда, муаллиф бо руҷуъҳои лирикиву эмотсионалӣ барои ҷаззобияту ҷалби диққати хонанда аз аносири сухани бадеӣ бештар кор гирифтааст. Истифодаи чунин аносир, аз як тараф, вижагиҳои нақлу тасвирро дар асар танзим намуда бошад, аз ҷониби дигар, ба асар ҷаззобият бахшида, онро рангин ва мутолиаашро шавқовар гардонидааст. Ин аз усулҳои асосии офаридани ҳар гуна асар, хосса асари бадеӣ маҳсуб меёбад. Ба таъбири адиби соҳибқалам Баҳром Фирӯз «агар асар шавқовар нест, олитарин фикр ва ғоя, ширинтарин калом ҳам онро аз гумномӣ наҷот нахоҳад дод» [116, с. 130].

Дар «Достони Роғун» санъатҳои сухан аз қабили муболиға, ташбеҳ, тасвир, киноя, тасвиру тавсиф, руҷуъ ё ғалаёни ботинӣ, диалог ва монологи публитсистӣ ба таври васеъ истифода шудааст. Аз ҷумла, муболиға, ки хоси асарҳои публитсистӣ-бадеӣ низ ҳаст. Дар «Достони Роғун» истифодаи муболиға аз чанд паҳлу ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар мисоли зер, публитсист Роғунро дар ҳадди олӣ тасвир намуда, на фақат хонанда, балки худаш низ «ба шоҳи калимаҳо» будани Роғун бовар кардааст. Албатта, ин ба асар рангу бӯйи тоза бахшида, то андозае диққати хонандаро ба худ ҷалб менамояд: «Барҳақ, Роғун мисоли хун ба шарён даромад! Аз ин рӯ, имрӯз Роғун серталаффузтарин калима аст. Имрӯз ин калима вирди забонҳосту аз хурд то бузург бо як овоз: «Роғун!» мегӯянд. «Роғун!» мегӯянду дилашон гум мезанад» [15, с. 7] ва ба ақидаи адиби публитсист он рӯз Роғун сархати ҳамаи

нашрияҳо буда, шоҳи калимаҳо аст ва ин, албатта, барои ҳамон ваќи бебаҳс ва табиист.

Василаи дигаре, ки дар пуробурангии образ ва шабеҳиятдиҳии қаҳрамону табиати атроф дар «Достони Роғун» истифода шудааст, ташбеҳ аст. Маънои ташбеҳ чизеро ба чизи дигар ё нафареро ба касе монанд кунондан мебошад ва эҷодкор барои возеҳтар тасвир кардани чизе ё касе гоҳо ягон вижагии онро ба ягон махсусияти чизи дигар монанд кардани мешавад ва «дар миёни монандшаванда ва монандкунанда аз рӯи сифат, ё хусусият, ё кирдору атвор – аз ягон ҷиҳат бояд як навъ монандие мавҷуд бошад» [92, с. 62]. Ташбеҳ воситаест, ки барои равшан, барҷаста ва зебо ироа кардани ягон матни бадеӣ хидмат мекунад, яъне, он бешубҳа хоси асарҳои бадеӣ-публитсистӣ аст, ки «Достони Роғун» ин ҷо истисно буда наметавонад. Ба далели фикр, нависанда «зимистони нуқрафом»-ро чунин ташбеҳ мекунад, ки он «гул меофарад, гули сафед, шеър мебофад». Публитсист табиатро ба объекте монанд кардааст, ки ҳатто дар сардтарин фаслаш ҳам нуру гармӣ – шеър ба вуҷуд меояд. Ҳол он ки одатан чашмаи илҳоми шоирон аз манзараҳои фасли гулу хазон бештар ҷуш мезанад.

Санъати дигари бадеие, ки дар «Достони Роғун» ба кор рафтааст, киноя аст. Маънои киноя мухолиф ва зидро қасд карда, махсус гап задан ва ба ибораи дигар баръакси гапи гӯянда аст. Масалан, «аз хубӣ баҳс карда, бадиро ифода кардан ва аз бадӣ баҳс карда нағзиро фаҳмонидан киноя аст» [80, с. 124]. Ин ё он адиб гоҳо рӯшод аз ин ё он чиз бо киноя гап мезанад ва онро бо аломати нохунак ишора мекунад. Ин усули маъмули кинояи рӯйирост аст, ки ин гунаро дар асари мавриди таҳқиқ мушоҳида мекунем. Ин кинояҳо моломоли ҳасратҳои муаллифанд, ки ҳангоми нақли монеаҳои нисбат ба сохтмон рӯйдода истифода кардааст. Бо «ҳиммати баланд»-и Маскав як гурӯҳ дар роҳи амалӣ намудани мақсади манфиатӣҷӯёнаи худ камар баста, «бо «ақли расо»-и хеш дар «хилватхонае» ҳаллу фасл карданд ва ғалати худро яқин камоли доноӣ донистанд. Ба қавли Лоиқ «Баҳона чист? Номи

халқ!», яъне таги об мондани гӯр «баҳонаи арзиши аҷдодӣ» шуду манфиати ватан фаромуш гашт» [15, с. 45].

Дар «Достони Роғун» ба аносири лавҳаи лирикӣ вомехурем, ки онҳоро руҷуъ ё монологи ботинии муаллиф номидан мумкин аст. Масалан, ҷумлаҳои зер руҷуи лирикианд, чунки дидани манзарае чун коргарони шашҳазорнафараи Неругоҳи барқи обии Роғун ғалаёни ботинии муаллифро ба вуҷуд оварда, ӯро ба гуфтугу бо худ меорад ва ин ғалаён дар охири достон чунин тасвир шудааст: «Мардони банангу номус аз раъду барқи гардун дони маънӣ чиданд. Асли равшаноиро дар об диданд, ганҷи Қорунро дар сангу сарватро зери хок ва миёнро маҳкам баста, бо азми қавӣ ба майдон омадаанд. Онҳо зиёда аз шаш ҳазор нафаранд» [15, с. 53].

Унсури дигаре, ки ба «Достони Роғун» вижагиву ҷолибият бахшидааст, воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақол аст. Воҳидҳои фразеологӣ аз аносири муҳимми забон маҳсуб ёфта, ҳамчун маҳсули таҷрибаи чандинасраи халқ дар ҷараёни таърихӣ шакли устувор ва маънои мушаххасро касб кардаанд. Шералӣ Мӯсо дар истифодаи ин унсурҳои забонӣ маҳорати хосса дорад. Дар асарҳои ӯ пайдарпай истифода бурдани воҳидҳои фразеологӣ ба мушоҳида мерасад, ки мақсади таъсиррасонии чандкарата ва таъкиди фикрро дорад. «Котиба бо духтаре, ки назди тиреза рост меистод, суҳбат дошт. Вай маро як аз назар гузаронду сипас нигоҳашро аз ман гурезонда, лабонашро бурма карда гуфт:

– Имрӯз рӯзи қабул нест» [15, с. 15].

Дар ин порча ибораи рехтаи «нигоҳ гурезондан» ба маънои назарбаландӣ, беэътиноӣ нисбат ба касе ва «лаб бурма кардан» ба маънои рӯйтуршӣ омадааст. Вазифаи асосии чунин ибораҳо тасдиқи сухан буда, «мардум дар гуфтори худ кӯшиш менамоянд, ки дар мавридҳои муайян, зарбулмасалҳоро барои тасдиқи фикру суханони хеш ҳамчун иқтибоси шифоҳӣ баён кунанд» [104, с. 57].

Дар «Достони Роғун» ҳамчунин, аз зарбулмасалҳои халқҳои дигар низ истифода шудааст. Масалан, зарбулмасали русии «Панири ройгонро танҳо дар мушқаппак мегузоранд» дар асар хеле бамавқеъ истифода шудааст: «Мо набояд ба ёрии дигарон умед бандем, зеро паси ҳар ёрии беғаразона доме истодааст. «Панири ройгонро танҳо дар мушқаппак мегузоранд» [15, с. 59]. Ҳамчунин, нависанда баъзан аз фразеологизмҳое истифода кардааст, ки хонанда ба маънии онҳо сарфаҳм намеравад. Шояд баъзе мардуми маҳаллаҳои ҷудогонаи кишвар аз он истифода баранд, аммо чун он умумӣ нест, истифодааш на он қадар дуруст аст. Масалан, «тарбуз ғелондан». «Вагарна ман ба хона мераваму занам мегуяд, ки дар бораи ту Лайс мақола навиштааст, ки тарбуз меғелонӣ!» [15, с. 34]. Шояд ин ибора ба маънои коргурезӣ, танбаливу коҳилӣ истифода гардидааст.

Вижагии ҳунарии дигаре, ки дар «Достони Роғун» мушоҳида мешавад, истифодаи порчаҳои назмиву насрӣ аст. Мақсади муаллиф аз истифодаи суханҳои дигарон таъмини рангорангӣ ва тақвияти нақлу тасвирҳо буда, гоҳо барои киноя, панду насиҳат, зери тозиёнаи танқид гирифтани амалҳои номатлуби ин ё он нафар, ёди гузашта ва ғайра низ корбаст шудаанд. Истифодаи порчаҳои назмӣ, аслан дар ду шакл сурат гирифтааст: яке бо зикри номи шоир ва дигаре бидуни зикри ном. Аз чунин порчаҳои назмӣ адиб илҳом гирифта, сараввал маънӣ ва баъдан асли абётро зикр мекунад. Яъне чунин абёт дар асар таъсири дукарата доранд: «Роғун дар вуҷуди мардум шамъи робитаро ба ояндаи дурахшон ва ҳаёти шоисташу арзанда фурӯзон кард. Ҳамон шамъи офтобмонанде, ки устод Муҳаммад Ғойиб бо ин мисраҳои саршори меҳр сурудааст: Офтоб ба дидаи ғариб аст чу шамъ, Шамъе, ки чу офтоб тобад Ватан аст» [16, с. 68]. Аммо гоҳо бо калимаҳои «бузурге», «бузургон», «шоире» муаллиф ба маҳсули нафаре будани абёти истифодашуда ишора кунад ҳам, гуяндаи онро мушаххасан зикр намекунад. Вижагии дигари публитсистикаи Шералӣ Мӯсо дар он аст, ки «қаҳрамонони ӯ аз адабиёт, гуфтори шоирона вуқуфи комил доранд, аз зарбулмасалу мақол,

пораҳои шеърӣ, андарзҳо фаровон истифода мебаранд» [121, с. 183-184]. Масалан, дар матни «Акаи Алимардон пеши роҳашро гирифта, бо як оҳанги дилсузӣ: – Вазнин шав, Саид, – гуфт ва баъди каме таҳаммул суханашро идома дод: – Бузурге чӣ хуб гуфтааст: «Ба ҳар гуфтор манмо пешдастӣ, Магӯ ногуфтаҳоро рав, ки растӣ» [15, с. 178] сухан аз забони қаҳрамон садо дода, ҳамчун нутқи айнан нақлшуда омадааст.

Дар асари дигари Ш. Мӯсо – «Мардистон» заҳмати сангини нақбканону роҳсозон дар иншооти азими кишвар инъикос шудааст. Дар ин асар баръакси «Достони Роғун» муайян намудани аносири жанрӣ нисбатан осонтар аст. «Мардистон» аз панҷ фасл иборат буда, дар ҳар фасл дар доираи талабот ва тақозои жанрӣ масоили гуногун матраҳ шудааст. Муҳимтарин ҷиҳати фарққунандаи ин асар воқеиятро ҳамаҷонибаву васеъ тасвир кардан, моҳияти онро дар асоси коркарди факт, доираи фазо ва вақти муайян ифода намудан аст. Чунончи, мавзуи меҳнат дар публитсистика мақоми волоеро соҳиб аст ва дар ин асар низ меҳнат мақоми меҳвариро касб мекунад.

Дар очеркҳои фаслҳои гуногуни асар бештар ду ҷанба: ваҳдати ғоявӣ ва меҳнати дастаҷамъӣ талқину тарғиб гардидааст. Дигар масоил дар партави ин ҷанбаҳо тавъам тоб мехуранд. Ба ин гурӯҳ аз фасли аввал – «Ҳаёт ва марг», аз фасли дуввум – «Хандаи бахт», «Одами комил», «Таронаи сабз», «Булбул ба наво омад», аз фасли саввум – «Рӯзи хоб», «Заводи бетон», «Сабз андар сабз», аз фасли чорум – «Қурбон», «Қодир», «Далер», аз панҷум бошад «Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт», «Рӯзи озодии матбуот» ва «Рӯзи қабули нақб»- ро метавон дохил намуд.

Ҳарчанд дар асар матлабҳо ба низом омада, ҳамдигарро пурра мекунанд, табиати жанрии онҳоро муайян кардан ва онҳоро ба анвои гуногун ҷудо кардан аз имкон берун нест. Аз очеркҳои дар боло зикршуда «Ҳаёт ва марг» [21, с. 20-32], «Таронаи сабз» [21, с. 120-135], «Булбул ба наво омад» [21, с. 156-164], «Рӯзи хоб» [21, с. 166-174], «Заводи бетон» [21, с. 198-212], «Сабз андар сабз» [21, с. 212-221] ва «Рӯзи қабули нақб» [21, с. 348-356]

бештар аз аносири очерки проблемавӣ бархурдоранд. Проблемаҳое, ки дар очеркҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, сирф иҷтимоӣ-ахлоқӣ буда, ҷараёни очерк аз ибтидо то интиҳо гузориши ин проблема аст. Нависанда бо тавзеҳу таҳреҳоташ масъалаи заруриро ба миён гузошта, онро барои иҷтимоъ бо таблиғи сухан намо медиҳад ва «бо ташреҳу ироаи кори зарбатӣ ё шеваи қарамонон ва иштироки онон дар арзёбии масъала ба ҳалли он гом мегузорад» [109, с. 47].

Дар очерки якумӣ адиб фалсафаи ҳаёт ва маргро ба музокира кашида, проблемаи зиндагии бетарафонаи бадтар аз маргро на фақат нақл, балки дар гуфтугуи қаҳрамонҳо зинда тасвир мекунад. Дар тасвири адиби публитсист дар кӯчае, ки тақрибан 1000 метр дарозӣ дошт, ҳам тӯй ва ҳам мотам буд. Аз як сӯ овози оҳу нолаи ҷигарсуз меомад, аз сӯйи дигар овози карнаю сурнай. Як сӯ сур ва як сӯ суг ва ниҳоят нафаре бо қиёфаи ҷиддӣ, вале бедимоғ ғур-ғур мекунад, ки «– Дидаю дониста худро ба нодонӣ мезанем. Гуё ин масъала ба мо ҳеҷ дахл надорад. Наход касе ёфт нашавад, ки онҳоро сари инсоф биёрад» [21, с. 21] ва диалогҳое, ки муаллиф пасон меорад масъалагузорӣ ва роҳи ҳалли фардияти иҷтимоиро ба мавзуи меҳварии очерки мавриди назар табдил медиҳанд. Агар яке аз қаҳрамонҳо «Чӣ илоҷ зиндагӣ», дигарӣ «Чӣ фиреби бузург!» гуён аз масъала гурехтанӣ шаванд, аммо барои аз чунин зулмот баровардан муаллиф аз забони қаҳрамони манфии очерк Зик «Ҳақиқат – пул аст!»-ро меорад. Ҳарчанд ибтидои очерки мазкур хонандаро сараввал ноумед мекунад, аммо муаллиф зимни ҳалли проблемаи мавриди назар ду дастоварди воқеияти иҷтимоии ба осонӣ бадастнаомада: ваҳдати назар ва ваҳдати амалро тавъам меорад.

Баръакси очерки мазкур дар «Таронаи сабз» [21, с. 120-135] хушбинии муаллиф бештар намо меёбад. Дар ин очерк замзамаи корномаи рӯзгор ва фаъолияти заҳматпешагон тасвир ёфта, мавзуъ бо ҳалли номгузорӣ ба тифли навзод ҳусни анҷом меёбад. Бинобар ин, нависанда мундариҷаи очерки худро ба идеализатсияи иҷтимоӣ рабт медиҳад, шукӯҳу шаҳомати қуллаҳоро,

занҷираи рӯдҳои ба гӯши кӯҳҳо ҳалқазадаро ибратомузи қаҳрамон ҳисобида, онро бо порчаҳои шеърӣ рангин месозад. Бинобар ин, чунин навъи очерк «на манзаравӣ аст ва на портретӣ» [108, с. 117], балки атрофи масъалае, ки шояд барои нафаре муҳим бошад, сурат мегирад. Муаллифи очерк мақсад гузоштааст, достоне офарад, ки сазовори тарбиятгарони замон бошад ва роҳбаладi маънавии ҷавонон гардад, аммо бинобар сабаби «ё шавқ ё илҳом ё маҳорат ёри муаллиф нашудаанд» [108, с. 117], он фақат ҷанбаи гушоишӣ дорад ва ёрманди дигар қисматҳои бахш аст.

Дар очеркҳои «Булбул ба наво омад» [21, с. 156-164], «Рӯзи хоб» [21, с. 166-174], «Заводи бетон» [21, с. 198-212], «Сабз андар сабз» [21, с. 212-221] ва ғайраҳо аслан сухан атрофи меҳнат равад ҳам, махсусияти жанрии се навъи очерк: проблемавӣ, портретӣ ва сафарӣ ба назар мерасад. Ҷараёни нақлу ҳодисаҳоро роҳ ба сӯйи сохтмонҳо, гузориши масъала ва гуфтаҳои қаҳрамон барои ҳалли он ва дар маркази ҳар ду қарор доштани инсони кору пайкорро ташкил медиҳад.

Муаллиф дар «Булбул ба наво омад» [21, с. 156-164] ҷараёни сафар ба Чормағзак ва вохурӣ бо қаҳрамонҳоро тасвир мекунад, ки итмоми фасли дуюм ва ибтидои фасли сеюми он аст. Адиб аз «булбули телефони ҳамроҳ»-аш ба чаҳ-чаҳ омадан ва коргузори Иттифоқи нависандагон Нуқраи Суннатниё ба нақби Чормағзак фиристондани ӯро хабар додан ва ба Меҳмон Бахтӣ расондани он ки ӯ аллакай дар ҳамон ҷост – ҳалли масъала; суҳбат атрофи масъалаҳои муҳимми кор бо Шамсулло Алимадов, Карим Ҳафизов, Қурбоналӣ Ҳамидов, Абдулҳамид Самад, Бахтиёри Муртазо ва дигарон, ки чеҳраҳои шинохтаи соҳоти худ ҳастанд – портрети умумии очерк; зикри кӯтоҳи роҳи Чормағзак то Душанбе – аносири сафарии онро ташкил медиҳад. Ҷузъиёти фактие, ки дар очерки мазкур ба назар мерасад, гоҳо аз ҷониби қаҳрамон ва гоҳи дигар дар муколамаҳои худи адиб садо медиҳанд. Ба ин гуфтаҳо суоли муаллиф ба Шамсулло, ки оё миёни нақби Чормағзак ва Шаҳристон тафовуте ҳаст, мисоли хуб шуда метавонад. Шамсулло сислсилаи

фактҳоро дар асоси накшаи корӣ ва ҷуғрофӣ баён месозад ва адиб, ки худ муҳандис аст ин нишондодҳоро дар қолаби муайян меорад. Масалан ӯ зикр мекунад, ки нақби Шаҳристон дар баландии 2750 ва нақби Чормағзак дар баландии 1200 метр метр аз сатҳи баҳр ҷойгиранд ва дар гирду атрофи нақби Шаҳристон наздиктарин деҳа дар масофаи 20 километр воқеъ буд, аммо дар наздикии нақби Чормағзак бошад, ҳам шаҳр ҳасту ҳам чандин деҳа. Дар нақби Шаҳристон резиши ҷинсҳо, аз қабили регу шағал бештар будааст. «Нақби Шаҳристон ҳавокаш дорад, байни ин нақбу нақби асосӣ 15 дастак сохта шудааст, ки аз як нақб ба нақби дигар мегузаранд ва ҳавои нақб тоза мешавад...» [21, с. 157-158]. Ба ҳамин монанд, муқоисаи далоилу арқом ва сурат гирифтани воқеот дар вақту соати маълуму муайян аз воқеиятнигории адиб шаҳодат дода, қаҳрамонони очерки мазкур аз худи муаллиф то дигар заҳматпешагон нафароне ҳастанд, ки дар мустаҳкамии қудрат ва сиёсати пешгирифтаи давлат саҳм дошта, ҳаётро бе кори эҷодӣ ва ҷисмонии созандау бунёдкорона тасвир карда наметавонанд.

Агар дар очеркҳои дигари ин маҷмуа, хусусан дар «Рӯзи хоб» [21, с. 166-174] масъала атрофи ба нақби Чормағзак рафтани адиб ва маҳз 15-уми марти соли 2010 гузоштани санги асос ва буридани лентаи рамзии нақб аз ҷониби Сарвари давлат, арафаи Наврӯзи бостонӣ, айнан овардани суханронии Президент аз ин чорабинӣ ва амсоли ин сурат гирад, «Заводи бетон» [21, с. 198-212] дар бораи сардори чинӣ ва коргарони корхонае аст, ки «тамоми сохтмонро бо қуму сангу бетон ва маҳсулоти оҳану бетонӣ таъмин мекунад» [21, с. 199]. «Сабз андар сабз» [21, с. 212-220] ғамхории роҳбар ва пушаймонии коргар, бахшидани гуноҳ аз суннатҳои Наврӯз, «Рӯзи озодии матбуот» [21, с. 313-324] пиромуни масъалаи мақолаи “Чормағзак: хитоӣ чаро аз тоҷик бақадр аст?”-и Сабзалӣ Асозода ва маҳз дар ҳамин рӯз ба нақб рафтани муаллиф ва ҳалии ин масъала, «Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт» [21, с. 334-342] самари заҳмату меҳант ва дӯстиву ҳамкории тоҷику чиноӣ ва «Рӯзи қабули нақб» [21, с. 348-356] – ҳамгироӣ ва хушбахтиву воқеоти

хурсандибахши ду миллатро бо аносири жанриву ҳунарии публитсистию бадеӣ фаро мегирад. Ҷаҳони ботинии қаҳрамонони очеркҳои Ш. Мӯсо рангину таъсирбахш буда, портрети онҳо бо ҷузъҳо ифода ёбад ҳам, дар кушодани характери онҳо адиб камтар истиҳола кардааст. Шояд сабаб он бошад, ки бархе ҳодисаву воқеот муаллифро аз мавзуъ каме дур месозанд. Муаллиф нисбат ба қаҳрамонҳояш саросематар аст. Онҳо сари ҳар як масъала андеша мекунанд, фикри дигаронро мепурсанд ва сари хашму ғазаб дарҳол хулосабарорӣ намекунанд. Адиб бошад, баръакс, ҳама ҳаракоти онҳоро метезонад.

Қисмҳои дар қолиби жанри лавҳа иншошудаи асари «Мардистон» одатан, лаҳзаҳои ибратбахши фаъолият ва муносибати инсонӣ, хотираҳои қаҳрамон ва худи адибро вобаста ба имконот фаро мегиранд. Ин лавҳаҳо аз фасли аввал – «Ҳосили умр», «Марди қавӣ», «Садама», «Нури ишқ», «Ағбаи назарногир», аз фасли дуввум – «Наим», «Нони Ватанро пора кун», аз фасли саввум – «Сангдевор», «Сангшикан», «Рӯзмузд», «Шодӣ аз бозёфт», аз фасли чорум – «Наврӯз», «Бобои Раҷаб», «Шаб дар нақб», «Содиқ» ва аз фасли панҷум – «Якуми май», «Тармасавор», «Талаби орден», «Олам ғарқи нур» ва ғайраҳо мебошанд.

Лавҳаҳои «Таркиш», «Ағбаи назарногир», «Сангдевор», «Сангшикан», «Наврӯз», «Якуми май», «Тармасавор», «Оғӯши тоҷикӣ», «Талаби орден», «Қадршиносӣ», «Рӯзи таърихӣ» ва «Олам ғарқи нур» бо тасвири амал ва сухани муаллиф шавқовар шуда бошанд, дар лавҳаҳои баъдина мавзунсозӣ тавассути корбурди факторҳои тарҷумаҳолӣ ба назар мерасад.

Лавҳаи аввалӣ бо муколамаи роҳбар – Шамсулло ва коргари одӣ – Мирзо шуруъ мешавад, ки ҷавон бо гиряву зорӣ мехоҳад, дар таркиши кӯҳ ширкат варзад, аммо бинобар хатар доштан ӯро ба дафъаи дигар ваъда медиҳад ва боқимондаи лавҳа атрофи мавзуъ сурат мегирад. Дар ин лавҳа ҷузъҳои воқеа, характер ва тасвир зоҳир мегардад, ки нишонаи сохта набудани воқеаи лавҳа аст ва ҳодиса нақл неву ҳақиқатан тасвир мешавад.

Муҳаққиқ А. Саъдуллоев зикр мекунад, ки одатан рӯзноманигорони нашриёҳои воситаҳои ахбори омма ё адибони навқалам дар бораи роҳбарон асари мустанаде нависанд, «кӯшиш мекунанд, ғолибан аз фаъолияти корӣ, алалхусус ибтикороти қаҳрамон ҳамчун роҳбар нақл кунанд» [108, с. 111], аммо аксар роҳбарон дар нигоштаҳои Ш. Мӯсо ба сифати инсоне намудор мегарданд, ки шаҳомати инсонӣ аз салобати роҳбарӣ дар онҳо болотар аст. Ин махсусият дар тасвири Шамсулло Алимадов барин роҳбарони сеху бахшҳои сохтмонҳои азим бараъло мушоҳида мешавад.

Дар лавҳаи мазкур таркиш аз дидгоҳи адиб дар ду ҷанба қиёс мешавад: яке таркиши харобиовар ва айнӣ таркиши созанда. Воқеа низ атрофи масъалаи мазкур буда, аз лаззати озарахши «Таркиши созанда» дилу руҳи адиб оромишу осоиш меёбад ва руҷуъ ба давраи мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ мекунад, ки як андоза лирикӣ аст. Чунки дар он эҳсосоти муаллиф нисбат ба ободкорию созандагӣ тариқи «тасвирҳои воқеии манзараҳои табиат, сузу сози одамӣ, тахайюли рангин» [89, с. 232] ороста шудааст.

Матлабҳои «Наим», «Бобои Раҷаб», «Содиқ» аз лавҳаҳои портретии асар маҳсуб ёфта, дар онҳо тавсифи шахсиятҳои алоҳида дар ҳамбастагии меҳнат ва аҳли он тасвир шудааст. Дар лавҳаи мазкур адиб на фақат аз мушоҳидаи шахсӣ ва тарҷумаи ҳоли қаҳрамон далоилу арқом меорад, балки онҳоро аз дидгоҳи дигарон оварда, баъзе нутқи анйнан нақлшудаанд. Пеш аз он ки адиб ба зиндагиву фаъолияти қаҳрамон руҷуъ кунад, ҳатман аз роҳнамо ё шахси ҳамраҳи масъул дар бораи ӯ мепурсад ва хулоса мекунад, ки дар борааш чӣ гуфтан мумкин аст. Махсусан, дар лавҳаи мавриди назар пас аз тасвири симои Наим гуфтаҳои Шамсулло Алимадов оварда мешавад ва махсус таъкид мегардад, ки касе аниқ гуфта наметавонад Наим ва ҳамкасбонаш аз сурох кардани қалби кӯҳ то таркондани он чӣ қадар қувва сарф менамоянд ва то чӣ андоза асабҳояшон хароб мешавад. Пасон саргузашти қаҳрамон бо корномаи ӯ ва суханони бомуҳаббат ифода меёбад. Ҳарчанд муаллиф Наимро миёнсол тасвир мекунад, дар мӯйи сараш сафедӣ

ва дар рӯяш ожангҳоро намебинад, ки аз ибтидо ҷалбкунандаи диққати хонанда аст. Дар сохтмони азим фаъолият карданро муаллиф осон намегуморад ва ин носабукиҳо дар диалоги қаҳрамон бо як шиносаш хуб тасвир мешавад:

«– Эҳ, ин туӣ, Наим?! – рӯзе як шиносаш ӯро дида гуфт. – Ончунон ба обу арақ оғӯшта, хаста менамоӣ ки, қариб нашиносамат.

– Кори нақбсозӣ ҳамин, бе арақи ҷабин намешавад, – посух дод Наим.

– Наход панҷ соли умратро зоеъ карда, барои ҳамин кор хонда бошӣ? – таънаомез гуфт шиносаш. – Беҳтараш аз баҳри ин кор баро, ки ягон рӯз по дароз карда мемонӣ.

– Ба дил нагир, – ӯро тасалло дода гуфт устои смена, ки шоҳиди ин гуфтугу буд. – Чӣ бисёр? Даҳони бефаровез! Ҳоло ту ба чӣ қодир буданатро нишон медиҳӣ» [21, с. 151] ва адиб барои тақвияти гуфтаи қаҳрамонаш «То мард сухан нагуфта бошад, Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад» [21, с. 151]-и шайх Саъдиро меорад. Маҳз ҳамин панду ҳикмат ва тасаллиҳои устои смена Наим ва ӯ баринҳоро руҳбаланд месозад ва ба нанг меоварад. Қаҳрамонони Ш. Мӯсо ба мисли устои сменаи лавҳаи мазкур аксар шоиравзоанд. Шикасти рӯзгор, фоҷиаи ҳаёт, гузаштаи пурбало онҳоро шеърдӯстдору иқтибосор кардааст, ки матнро аз якрангӣ наҷот дода имконият медиҳанд, ки адиб дар атрофи онҳо фикру ақидаашро пурҷозибатар баён созад.

Дар лавҳаи «Содиқ» низ мисли лавҳаи «Наим» портрети инсони заҳматпеша тасвир шудааст. Бартарии қаҳрамони ин асар аз дигарон дар он зоҳир мегардад, ки ӯ доим аз худ гузашта ба дигарон мерасад. Ӯ ронанда аст ва ин касаба аз падару бобояш мерос мондааст. Хислатҳои волои инсонии Содиқ Қамар ва муборизиҳои ӯ ҳануз аз ҷавонӣ симояшро ба хонанда ошно месозад. Содиқ Қамар ҳамеша бо маслиҳати калонсолон амал карда, нисбат ба зиндагӣ ва арзишҳои он беаҳаммият нест. Ҳангоми суҳбат бо адиб доир ба касбаш чунин маълумоти ҷолиб дастрас мегардад:

«– Ба сулолаи ронандагӣ бобоям Қандил (ҷояш ҷаннат шавад) асос гузоштааст, – ба нақлаш оғоз бахшид Содиқ Қамар ва баъди андаке хомӯшӣ суханашро идома дод. – Рӯзе раиси колхоз Тура Азим ӯро дар роҳ дида, мепурсад.

– Писари кӣ мешавӣ?

– Писари Хуршед, ҳоло вай дар фронт бо фашистон меҷангад.

– Ҳа-а-а, – мад мекашад раис. – Биё ман туро ба курси тракторчигӣ равон кунам. Дар хоҷагӣ ронанда намерасад

– Дили худам ҳам ба ин касб кашол аст, – дар ҷавоб мегуяд бобоям. Лекин ман бояд бо бобоям маслиҳат кунам, ризогии он касро бигирам.

– Қарорат дуруст аст, бобоят одами ҳаётдида, ҳеҷ гоҳ маслиҳати беҷо намедиҳад.

– Ту бачаи чақон, бақуват ҳастӣ, аз уҳдаи ҳар кор баромада метавонӣ. Агар маслиҳати маро гирӣ, рав, хонда биё, – маслиҳат медиҳад бобояш» [21, с. 239].

Пас аз чанде бо роҳхати Раиси хоҷагӣ ба омузишгоҳи касбӣ-техникӣ дохил шуда, ихтисоси тракторчигиро хатм мекунад. Чанд муддат дар хоҷагӣ кор карда, баъд ба сари чанбари мошини ЗиС мешинад. Ба қавли муаллиф дар кор оташак буда, мондашавиро намедонист. Аз пушти ҳамин касб соҳиби як лаб нон, зану фарзанд ва хонаву дар мешавад. Пасон ҳикматҳои падари Содиқ Қамар танинандоз мешавад, ки: «Бидуни дилу нияти поку нек наметавон хубиро аз бадӣ фарқ кард; То дар зери дор мурдан, дар зери кор мурӣ беҳтар; Бо ҳақиқат заҳмат кашидан беҳтар аст аз бо дурӯғ тантана кардан” гунае аз онҳост. Маҳаки лавҳаи мазкур дар кашфи асрори хушбахтӣ аз ҷониби қаҳрамон аст:

«– Хушбахтӣ монанди пудинаи лаби ҷӯй нест, ки ҳар баҳор неш зада барояд, – иброз медорад Содиқ Қамар. – Хушбахтиро ба қавли падарам “худи кас бояд бо дастони худ дарёфт бикунад. Ана имрӯз ман бо ҳамкоронам нақби Чормағзакро месозем ва аз бунбасти комунникатсионӣ раҳо кардани

Тоҷикистони азиз ҳисса мегузорем. Хушбахтӣ аз ин зиёд мешавад?» [21, с. 241-242].

«Бобои Раҷаб» баръакси қаҳрамонони лавҳаҳои боло на нақбсоз аст, на ронандаи ЗиС, ӯ ҳамсояи сохтмону сохтмончиён ва бошандаи одии деҳаи Зардолу аст. Суоле ба миён меояд, ки маҳз ба як мӯйсафеди одӣ чаро як лавҳаи алоҳида ва кадом ҷанбаи рӯзгору фаъолияти ӯ адибро маҷбур кард, ки дар борааш нависад. Лавҳаҳое, ки Шералӣ Мӯсо дар ин ё он бобату маврид, ё шахсияту афрод нигоштааст, ҳамсон нестанд, аз ҷумла, лавҳаҳои асари «Мардистон». Ба ақидаи профессор И. Усмонов сababи чунин ҳамсон набуданҳо ба кадом навъи лавҳа мансуб будани он бошад, мақсади ягонаи онҳо «шиносонидани шахсе аст, ки сазовори эҳтиром мебошад» [113, с. 91]. Лавҳаи мавриди назар портретӣ буда, муаллиф мехоҳад, инсонеро тасвир кунад, ки бар замми меҳнатӣ будан ҳамнафаси аҳли меҳнат аст ва аз ҳама муҳим, дар рӯзи гузоштани санги асоси сохтмони нақби Чормағзак Сарвари давлат суханронӣ мекунад. Бобои Раҷаб, ки ташнаи дидори Эмомалӣ Раҳмон буд, чашм аз ӯ намеканд, мижа намезад ва пас аз суханронӣ Президент аз минбар поин шуда:

«– Ман бо бобӣ зиёрат кунам, – гуфта сӯйи бобои Раҷаб омад. Дар лаҳзаи аввал бобои Раҷаб ба чашмони худ бовар накарда, дар ҷояш шах шуд.

Эмомалӣ Раҳмон бобои Раҷабро чун фарзанд ба оғӯш гирифт!

Дар ҳоле, ки аз ҳаяҷону изтироб дили бобои Раҷаб ба такопӯ даромад, вуҷудаш меларзид Президентро бӯсид!» [21, с. 231]. Пасон, суҳбати самимии Президент бо ӯ ва додани «як саддоллараи сабз» ҳамон лаҳза мӯйсафедро на фақат барои он ҷобудагон, балки барои муаллиф низ ба «инсони табаррук» табдил месозад. Боз як қаҳрамонии мӯйсафед дар он аст, ки вақте ин маблағро ҳозирин ба музояда гузошта, дусад доллар бар ивазаш мемонанд, «Ин саддоллара баҳо надорад»-гуён баҳсро хотима мебахшад, зеро чунин бахти бузург дар деҳа ба ягон кас насиб нашудааст.

Дар очерк ва лавҳаҳое, ки мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, аз рӯйи табиату махсусияти жанрӣ бевосита фаъолмандии муаллиф мушоҳида мешавад. Ин фаъолмандӣ дар ҳолатҳои гуногуни асар зуҳур карда, ба композитсияи он таъсир расонда, бештар дар «ман»-и муаллиф буруз меёбад. «Ман»-и муаллиф на танҳо дар тавсифу тасвири атрофу акноф, балки дар баёни мулоҳизаҳо, нақли мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳояш шакл мегирад. «Ман» дар осори бадеӣ ба саноеъ ва балоғати калом маҳдуд гардад ҳам, ҷо-ҷо чи дар муколамаи қаҳрамонон ва чи дар ноқилии адиб мушоҳида мегардад, аммо корбурди он дар осори публитсистӣ бинобар таҳлилу тасвири воқеоти рӯз доманаи васеъ пайдо кардааст.

«Ман»-и муаллиф бештар дар осори адибоне вомехурад, ки аксари воқеаҳову ҳодисаҳои тасвиргашта маҳсули дидаву шунида ва мушоҳидаҳояшон аст. Шералӣ Мӯсо бештар раванди бунёдкорӣ, тасвири сохтмонҳои азими аср, ситоиши ваҳдату истиқлоли миллӣ, гуманизм, дӯст доштани меҳан, офаридани симои роҳбару аҳли меҳнат ва эҷодро, ки аз мавзуъҳои муҳими иҷтимоӣ ба ҳисоб меравaнд, объекти эҷоди худ қарор додааст. Бинобар ин, қариб дар ҳамаи асарҳои ӯ «ман»-и муаллиф ба назар мерасад, аммо дар «Мардистон» мақоми махсусеро касб кардааст.

Дар матни публитсистӣ, пеша аз ҳама, «ман»-и ноқилӣ ё ровигии муаллиф дар шаклҳои гуногун ба назар мерасад. Як намои он «ман»-и одӣ аст, ки муайянкунандаи андешаву мавқеи муаллиф мебошад. «Ман»-и муаллиф ҳамеша мухотаби худро дорад ва аксар маврид дар шакли мурочиат баён мешавад. Ба таъбири М. Муродӣ «ман» ҷавҳари маънавии публитсистика маҳсуб ёфта, «ба шарофати он мавзуъ руҳ пайдо мекунад, муассиру ҷолиб мешавад ва таваҷҷуҳи аудиторияро ба худ мекашад» [90, с. 40]. Дар «Мардистон» ҳалли конфликт дар корбурди «ман» гоҳо номукаммал ба назар расида, баррасии масъалаҳо аз дидгоҳи бадеият дар сужаи асар начандон амиқ ба назар мерасад, аммо публитсист ба махсусияти эҷодӣ, ки аз буруз додани олами маънавии қаҳрамонон, дунёи ботинӣ ва зиндагии онон

мебошад, содиқ буда, онро ба меъёри дигар, аз дидгоҳи масъалаи ахлоқ, садоқат, шукргузорӣ ва сабурӣ ба миён гузоштааст ва «ман» садои виҷдони ӯст: «Не, Шамсулло, тушбераро хом шумурдаӣ, аз ман халос нахоҳӣ хурд!» хитоб мекунам дар дил, аммо сад афсус, ки алҳол ба ман муяссар намегардад, ки калиди дилашро ба даст биёрам. Охир ҳақ надорам, ки ӯро маҷбур бикунам» [21, с. 100]. «Ман» аз чанд ҷиҳат ба асар ҷолибияту ба гуфтаҳои муаллиф тақвият бахшидааст. Гоҳо ӯ ба дурустии ин ё он чиз шубҳа карда, саҳафоти гузаштаро варақгардон мекунад, гоҳи дигар иқрор мешавад, ки ким-чизеро дар хотир надорад, аммо дар ана ҳамин ҳолат «ман»-и ӯ ба ёрияш мешитобад. «Агар рости гапро гӯям, ман бовар надоштам. Ҳарчанд ҳар соядаст барои ман тӯмор аст ва дар китобхонаи шахсиям қариб панҷсад китоб бо соядаст дорам» [21, с. 13].

Дар адабиёт муайян кардани «ман»-и муаллиф мушкилтар аст, чунки зимни офариниши образ ё тасвири он мавқеи адиб ҳамчун ноқил ё ровӣ мушоҳида мегардад. Дар публитсистика нисбатан осонтар мебошад, зеро қариб тамоми ҷузъиёти асар дидаву шунидаҳои худи публитсистанд. Дар журналистика бошад, ниҳоят осон аст, чунки кулли воқеа ё ҳодиса бевосита аз нигоҳи худи журналист баён мегардад, қатъи назар аз он ки ӯ унсурҳои махсуси забониро ба кор мебарад ё не. Ҳарчанд дар ин ё он асар қаҳрамон бевосита соҳиби нутқ, яъне озод ва аз ҷиҳати сужа мустақил аст, аммо ҷилави тасвир ҳамеша дар дасти муаллиф қарор дорад. Дар осори мавриди назари мо чанд намои «ман»-и қаҳрамон мушоҳида гардид. Аз ҷумла дар аксар диалогҳо тасвири ҳодисаву рафти воқеа дар ихтиёри муаллиф аст, аммо ҷараёни кушодани ҳодисаву воқеа бевосита ба қаҳрамон рабт мегирад.

Дар «Мардистон» садо додани «ман»-и қаҳрамон аз забони муаллиф бештар аст. Барои мисол, дар порчаи «ман орзу доштам, ки ин марди шарифро як бор бубинам» [21, с. 89] гуфтани муаллиф маънои онро надорад, ки «ман» ба ӯ мансуб аст. «Ман» бевосита тобеи ҳамон «марди шариф» аст, ки дар субъективият аз муаллиф як дараҷа боло меистад. Агар он мард орзуи

дидани шахси шариферо дар мисоли муаллиф мекард, пас «ман» ҳамаҷиҳата «ман»-и муаллиф буд ва «Бо шарофати нақби Чормағзак на танҳо ӯро аз наздик дидам, балки дасти муборакашонро фишурда ҳамсуҳбат ҳам шудам» [21, с. 89] тақвиятдиҳандаи порчаи пешин мебошад.

«Ҷонам фидои Роғун» [38] очерки портретие аст, ки он аз рӯзгори инсони кору пайкор, бунёдгузор, созанда ва шахси инсонпарвар Укуматшо Ширинбеков қисса мекунад. Адиб дар ин очерк портрети қаҳрамонро бо лаҳазоте аз ҳаёту фаъолият рангин месозад, ки ҳар ҷузъи он дар кушодани симои ӯ ёрирасон ва ҳамчун намунаи ибрат омузанда ҳастанд. Укуматшо Ширинбеков аз зумраи он нафаронест, ки фаъолияташ аз коргари қаторӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» шуруъ шуда, то сармуҳандисӣ расидааст. Сохтмони Неругоҳи барқи обии «Помир-1» бо сарварии ӯ сохта шуд. Дар ҳамин сохтмонҳо даҳҳо шогирд тарбия кардааст, ҷон коҳондааст, аммо вақте Аламшо ном шогирдаш сардори Неругоҳи барқи обии «Помир-1» мешавад, аввалин коре ки мекунад устодашро аз кор меронад. Порчаи мазкур хонандаро ба ваҷд ва риққат меорад. Боре яке аз ҳамкорон «Муборак бошад!» – гуфта дасти Укуматшоро мефишорад. «– Чӣ муборак шавад?» – бо ҳайрат мепурсад Укуматшо.

– Шогирдат дар рӯйхат ному насаби туро якум навиштааст.

– Дар кадом рӯйхат?

– Рӯйхати ихтисоршудагон”. Укуматшо фикр кард, ки ҳамкораш шӯхӣ мекунад, лек фармони сардорро диду дуд аз димоғаш баромад. Охир ин сохмтони азим барояш азиз ва манбаи нуру нерӯст ва он бо роҳбарии ӯ сохта шудааст. Ҷудоӣ барояш баробари марг буд ва барои ҳамин аз сардор илтимос кард, ки ӯро ихтисор накунад.

– Худат хуб медонӣ, ки ин неругоҳ бо сарварии ман сохта шудааст...

– Миннат накун, – сухани ӯро бурида гуфт шогирд. – Сохтӣ, хурдӣ.

– Ман миннат намекунам, танҳо мехоҳам барояш хизмат кунам.

– Мо ба хизмати ту ниёз надорем.

– Охир, ин неругоҳ бароям азиз аст...

– Бас! – якбора шӯрид сардор, ки дар ҳуҷра пешу қафо қадам мезад.

Дили Укуматшо ларзид, лолу ҳайрон монд. Кош замин мекафиду вай медаромад, нопадид мешуд, башараи ин шогирди носипосро намедид» [38, с. 59-60].

Лаҳазоти бемориии Укуматшоро адиб пурҷозиба тасвир кардааст. Ҳатто дар ҳазёнҳои беморӣ «Роғун» аз забонаш канда намешуд ва баъд аз сиҳат ёфтан ба Роғун раҳсипор мешавад ва ба саволи сардори дирексия Зиёратшо Ашӯров, ки ҳоло ҳам зинда аст, бо табассум ҷавоби мантиқӣ медиҳад:

«– Ҳа, Роғун маро аз нав зинда кард» [38, с. 85]. Пасон, тули понздаҳ соли фаъолияти Ширинбеков дар сохтмон ва лаҳазоти ҷудогонаи ҳаёти ӯ дар очерк тасвир шудааст. Итмоми очерк як навъ ормонист. Ҳамагӣ як сол пеш аз аз фаъолияти чархаи аваллини неругоҳ Укматшо Ширинбеков мефавтад ва ба ақидаи кулминатсионии муаллиф Укуматшо Ширинбеков ҷонашро барои Роғун фидо кард.

Сарфи назар аз он ки очерки мазкур портретӣ асту сарнавишти хоссаи қаҳрамонро манзури хонанда мегардонад, бархе суханон то андозае умумӣ буда, «лаҳзаҳои тарҷумаиҳолӣ бештар истифода мешаванд, тасвирҳо ноҷо ва аз воқеияти рӯз дуранд» [89, с. 245].

Дар муқоиса ба очеркҳои замони шуравии Шералӣ Мӯсо, махсусан, дар очеркҳои баъдӣ, аз ҷумла, дар очерки мазкур саҳнасозиву саҳифабандӣ ва таъиноти касбии жанрӣ тағйир ёфтааст. Хостгории падар духтари дӯсташро ба Укуматшо [38, с. 89], муносибати меҳрубононаи Ғайлон бо хусуру хушдоман, ҳеварону қайсингилон [38, с. 93] ва ба ин монанд ҷузъиёти ҳаёти оилавии қаҳрамон бо завқи нисбатан коҳида сурат гирифтааст. Агар характери қаҳрамон фарқкунанда, намунаи ибрат ва услуби баёни ӯ таъсиррасон набошад, на хонандаро ҷалб ва на тарбият карда метавонад. Ин ҷо мебоист адиб чун дигар очерку лавҳаҳо ва дигар осори публитсистию

бадеиаш аз воситаҳои муассири сухансоз бештар истифода мебурд, «зеро авзои замон тақозо менамояд, ки ба шарҳу тавзеҳ ва маънидоди зуҳуроти мубрами иҷтимоӣ эътибори бештар дода шавад» [91, с. 238]. Ҳарчанд чунин услуб мушоҳида мегардад, аммо на он қадар бамавқеъ. Масалан, дар тасвири руҳияи қаҳрамон ва хушбинии ӯ мушкилиеро намебинад, ки осон нашавад ва аз рӯйи одат ин байтро ба забон меовард:

«Покони ҷаҳон зиндаву ҷовид бимонанд,

Аз арбадаву ғаждиву пархош чӣ суд?» [38, с. 47] зиёдатӣ ба назар мерасад. Баръакси ин тасвироте низ ба назар мерасанд, ки дар назари хонанда одӣ ва табиӣ метобанд: Вай ба мушкилоти шадиде рӯ ба рӯ шуд. Дунё ба назараш зеру забар гардид ва дар ин асно овози ҷигарсузи ҳофизе ба гӯш мерасид:

«Фарёд зи дасти фалаки бебунёд,

Ҳаргиз гиреҳи бастаи корам накушод.

Гуфтам, ки равам доғи дила тоза кунам,

Сад доғи дигар бар сари ин доғ ниҳод» [38, с. 63].

Ба ҳамин монанд, «Роҳи биҳишт» [36] аз зумраи очеркҳоест, ки ҳосили дидаву шунида ва мушоҳидаҳои адиби публитсист Шералӣ Мӯсоро бо ҳамроҳи дигар адибон аз фаъолияти роҳсозони ширкати туркӣ дар минтақаи Дарвоз фаро мегирад. Ин очерк як навъ таассуроти сафари адиб буда, воқеият ва мақсади муаллиф дар он бартарӣ ва муносибат ба он публитсистӣ аст, албатта, бо фарогирии аносири муассири бадеии сухансоз. Сабаби асосии ба очерки сафарӣ нисбат додани ин нигошта, сараввал ҳаҷм бошад, сонӣ, он баръакси сафарнома, ки дар бораи шаҳру деҳоти берун аз кишвар аст, аз воқеоти дохилӣ қисса мекунад.

Шералӣ Мӯсо мақсад гузоштааст, ки дар доираи як сафар чизе нависад ва чизи ҷолиби он аст, ки нависанда ҷойи навдида ва макони тасвирро бо дидаву мушоҳидот ба матлаб ва мақсади ягона иртибот додааст. Адиб лоиҳаи сохтмони роҳи автомобилгарди Шикев-Зиғарро ҳамаҷониба меомузад, бо

коргарон ва намояндагони ширкати туркӣ аз наздик суҳбат мекунад, рафтору гуфтори ҳамсафарро ба мушоҳидаи амиқ мегирад ва маҳаки онро дар шакли очерки сафарӣ ба хонанда пешкаш месозад.

Оғози сафар, раҳнамоии раиси татбиқи лоиҳаи сохтмон Нурулло Наимов, зарофату латофати ҳамсафарон Салимшо Ҳалимшо, Алӣ Removedобоҷон, Баҳринисо ва Карим Давлат, истоданҳои чанддақиқаина дар мавзеъҳои гуногун, зарари ширкат аз сохтмони роҳ, мусоҳиба бо Суха Доган, базми тоҷиконаю туркона ва амсоли ин композитсияи очеркро ташкил дода, вижагии муҳимми ин очерк дар таъсиррасонӣ ба афкор тариқи саноеъи бадеист. Ин аносир дар аксар очеркҳои Ш. Мӯсо мушоҳида мешавад. Дар очерки мазкур муаллиф аз бархе саноеъу воситаҳои муассири сухансоз корбурд карда, асарро шавқовар ва санаду арқомро руҳ бахшидааст.

Ҳамин тавр, дар осори инъикоскунандаи раванди бунёдкориҳои Шералӣ Мӯсо аносири ҳунарӣ ва жанрӣ дар қолиби имконоти жанрҳои публитсистию бадеӣ ва воситаҳои муассири сухансоз корбаст гардида, воқеият бо гуногунжанрӣ ва далоилу арқом бо рангорангии вижа тасвир шудааст. Ҳарчанд корбурди қавонини жанрӣ ва сатҳи васоити муассири сухансоз дар осори мавриди назар ҳамгун нест, аммо оҳанги публитсистӣ ҳатто дар воситаҳои муассирсози сухан низ мушоҳида мешавад. Қатъи назар аз ин, аносири мавриди назар дар баёни афкори пуртаъсир саҳми бориз дошта, дар осори мунъакискунандаи раванди корҳои созандагии сохтмонҳои азими кишвар то андозае мавқеи яксон дорад.

# ХУЛОСА

Омузиш ва пажуҳиши диссертатсионии ҳаёт ва фаъолияти эҷодӣ, таҳлили мундариҷавӣ, таносуби воқеият ва бадеият дар осори марбут ба бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо имкон дод, ки чунин натиҷаҳоро ҳосил намоем:

1. Шералӣ Мӯсо аз публитсистони давраи шуравӣ буда, ташаккули шахсияти эҷодиаш дар ду давра – замони шуравӣ ва айёми соҳибистиқлолӣ сурат гирифтааст. Фаъолияти эҷодии ӯ дар ҳамкории бевосита бо матбуоти даврӣ шуруъ гардида, тадриҷан бо таълифи асарҳои публитсистиву бадеӣ ба дараҷаи баланди эҷодӣ расонидааст [2-М].

2. Аз таҳлили зиндагиномаи Ш. Мӯсо бармеояд, ки ӯ бо таъсири фазои касбии идораи нашрияҳои даврӣ ва мулоқоту вохуриҳо бо мардум, ҳамчун котиби комсомолию ҳизбӣ ба кори нигорандагӣ дилбастагӣ пайдо карда, ба дараҷаи шахсияти маъруфи иҷтимоӣ, касбӣ, фарҳангиву адабӣ расидааст. Ин омилҳо на танҳо дар такомули шахсияти эҷодии Ш. Мӯсо мусоидат намудаанд, балки ӯро ба дараҷаи яке аз адибони публитсисти сермаҳсул, нақбшиносу неругоҳшинос расонидааст [2-М; 7-М; 9-М].

3. Фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо аз давраи донишҷӯйи мактаби олӣ буданаш тавассути ҳамкорӣ ба сифати мухбири нашрияи ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат) – «Коммуна» (ҳоло «Шаҳриёр») шуруъ гардида, баъдтар дар нашрияҳои ҷумҳуриявии «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистони советӣ», «Вечерний Душанбе», «Адабиёт ва санъат» ва ғайра идома ёфтааст [7-М; 8-М].

4. Фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсо доманадор буда, самтҳои гуногун: рӯзноманигорӣ, публитсистӣ ва нависандагиро фаро мегирад. Ин самтҳо дар фаъолияти эҷодии ӯ мақоми вижа доранд. Агар дар марҳалаи аввали фаъолияти эҷодии нависанда фаъолияти рӯзноманигорӣ бартарӣ дошта бошад, дар марҳалаи дуюм ин мақомро осори публитсистиву бадеӣ

гирифтааст. Дар марҳалаи баъдӣ офаридани асарҳои бадей бартарӣ пайдо кардааст. Бо вуҷуди ин, дар тамоми навъу намудҳои фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсо руҳияи публитсистӣ афзалият дорад [2-М; 7-М].

5. Ҳарчанд фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсо дар замони шуравӣ оғоз гардидааст, аммо пас аз Истиқлоли давлатии кишвар авҷи тоза пайдо кардааст. Ба ин, аз як тараф, истиқлолияти кишвар, аз ҷониби дигар, равнақ ёфтани корҳои созандагӣ, ҳидоятҳои Пешвои миллат сабаб шудааст. Нависанда ҳамчун шахсияти ватандӯст ва масъулиятшинос ба раванди созандагиҳои кишвар таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, пешравию муваффаққиятҳои онро мавзуи асарҳои худ қарор додааст [5-М; 8-М].

6. Асарҳои публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсоро доир ба сохтмонҳои азими кишвар метавон ба ду самт: бунёди роҳу нақб ва сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ ҷудо кард. Таҷассуми ин самтҳо дар асарҳои нависанда бо вуҷуди вижагиҳои хос аз аносири умумӣ орӣ нестанд. Умумияти ин асарҳоро муносибати эҳсосиву таъсирбахши нависанда, тасвироти саҳнаҳои корзор, истифодаи воситаҳои муассирсози сухан таъмин намудааст [9-М; 11-М].

7. Шералӣ Мӯсо ба масъалаи бунёди роҳу нақбҳо борҳо таваҷҷуҳ намуда, асарҳои гуногун эҷод намудааст, ки миёни онҳо қиссаи «Мардистон» ва очерки сафарии «Роҳи биҳишт» бештар хусусияти публитсистӣ доранд, фарқ мекунанд. Дар асари аввал раванди таъмиру азнавсозии роҳи мошингарди Душанбе-Чанок, нақбҳои Шаҳристон ва Чормағзак, дар дуюмӣ бунёди роҳи автомобилгарди Шикев–Зиғар таҷассум гардидааст. Ин асарҳо ҷиҳати инъикоси кандани нақбҳо, бунёди сохтмони роҳҳо, ки аз дастоварди азими Ҳукумати кишвар маҳсуб меёбанд, дар публитсистикаи тоҷик мақоми хосса пайдо кардаанд [11-М].

8. Таҳлилҳои муқоисавӣ муайян намуд, ки Ш. Мӯсо ҳануз дар замони шуравӣ ба сохтмони неругоҳҳои барқӣ, бахусус Неругоҳи барқи обии Роғун таваҷҷуҳи эҷодӣ доштааст. Асарҳои доир ба ин сохтмон дар замони шуравӣ навиштаи адиб, ҳамчун масъалаи рӯз дар матбуоти даврӣ интишор гардида,

баъдан дар маҷмуи очеркҳо бознашр шудаанд. Пас аз эҳёи корҳои сохтмонии ин неругоҳ, ки бо ташаббуси Пешвои миллат сурат гирифт, Ш. Мӯсо аз аввалинҳо шуда, асари «Достони Роғун»-ро эҷод намуд. Баъдан қиссаи дигари ӯ «Ҷонам фидои Роғун» рӯйи чоп омад [6-М; 9-М].

9. Дар таҷассуми созандагиҳои Неругоҳи барқи обии Роғун ва тасвири корнамоиҳоии коргарони ин корзор муаллиф то андозае фаъол аст. Ин фаъолмандиро ба иштироки бевоситаи муаллиф дар корзор, суҳбату вохуриҳо бо қаҳрамонони асар, нақли пурэҳсос, руҷуъҳои монологӣ, тафсили бонизоми ҷузъиёти мавзуъҳо, тасвири лаҳзаҳои ҷолиб, нишон додани хислату рафтори чеҳраҳои кору пайкор ва амсоли ин метавон нисбат дод. Ин фаъолмандӣ ҳамчунин ба табиӣ баромадани образҳо, бедории завқи хонанда, ҳисси таваҷҷуҳпазирӣ ва ибратомузии саҳнаҳо ёрӣ расонидааст [5-М].

10. Дар аксари асарҳои марбут ба сохтмонҳои азими Ш. Мӯсо пайванди ду ҷанба – таҳқиқи ҳақиқати иҷтимоии воқеаҳои давру замон ва тасвири бадеии онҳо дар канори ҳам қарор доранд. Ин усул ба нависанда имкон додааст, ки ба мавзуъҳои муҳими давру замон бо диди иҷтимоӣ таваҷҷуҳ намояд ва дар инъикосу тасвири онҳо аз аносири публитсистиву бадеӣ моҳирона кор гирад [1-М; 6-М].

11. Осори доир ба раванди бунёдкориҳои сохтмонҳои азими Шералӣ Мӯсо аслан дар қолаби жанрҳои публитсистию бадеӣ нигошта шудаанд. Ҳарчанд корбурди махсусияти жанрӣ ва истифодаи воситаҳои муассири сухансоз дар осори мавзуи мавриди назар ҳамгун нест, аммо оҳанги иҷтимоигароёнаи публитсистӣ дар онҳо ба назар мерасад. Сарфи назар аз ин, воситаҳои ҷолибсози сухан дар осори инъикосгари раванди корҳои созандагӣ дар сохтмонҳои азими кишвар мавқеи бориз доранд [6-М; 10-М].

12. Дар осори публитсистию бадеии асарҳои марбут ба бунёди иншоотҳои азими Ш. Мӯсо жанрҳои лавҳаву очерк нисбатан бартарӣ дошта, дар аксарияти асарҳои ӯ аз қабили «Достони Роғун» ва «Мардистон» хусусиятҳои ин жанрҳо ба ҳам омезиш ёфтааст. Ин шаҳодати он аст, ки адиб

дар эҷоди ин асарҳо аз таҷрибаи нигорандагӣ, публитсистӣ ва рӯзноманигорӣ баробар корбурд кардааст [11-М].

13. Дар асарҳои бадеии Ш. Мӯсо ҷанбаи публитсистӣ пурқувват аст. Омили нисбатан қавии чунин ҷанба дар осори бадеии ӯ таваҷҷуҳ ба масъалаҳои муҳими давру замон аст, ки ҳалли рӯзмарaро тақозо менамоянд. Нависанда ба масъалаҳои руҳияи қаваии публитсистидошта ва таҳлилу баррасии онҳо дар контексти маърифати иҷтимоӣ ва ғоявии руҳу авзои замони муайян муносибат мекунад [1-М; 11-М; 12-М].

14. Истифодаи санъатҳои сухан аз қабили муболиға, ташбеҳ, тасвир, киноя, тасвиру тавсиф, руҷӯъ ё ғалаёни ботинӣ, диалог ва монологи публитсистӣ, порчаҳои назмиву насрӣ, жанрҳои паремиологӣ ва амсоли ин барои аз якрангӣ раҳонидан ва пуртаъсир гардидани баёну тасвири раванди корҳои бунёдкорӣ ва корномаи меҳнаткашони сохтмонҳои азим ёрӣ расонидааст [6-М; 10-М].

Умуман, дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо раванди бунёди иншоотҳои азим дар кишвар мавқеи намоён дорад. Инъикос ва таҷассуми раванди созандагиҳо дар асарҳои ӯ бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ, диди замонавии иҷтимоӣ ва ҳунари хуби нигорандагӣ сурат гирифтааст. Дастоварди эҷодии Ш. Мӯсо ҳамчун адиби публитсист, пеш аз ҳама, ба қобилияту малакаи ӯ иртибот дорад, ки аз анъанаи эҷоди устодони сухан, забони зиндаи халқ, пешрафти илму техника ва ба ин монанд ҳосил гаштааст. Дар эҷодиёти ӯ, аз ҷумла тасвири бунёдкориҳои замони истиқлол ба таври возеҳ мушоҳида мешавад [9-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз натиҷаи таҳқиқ бармеояд, ки сарфи назар аз мақолаву тақриз ва мусоҳибаҳои алоҳида бобати публитситикаи Шералӣ Мӯсо, то имрӯз ҳаёт, паҳлуҳои фаъолият, ташаккули шахсияту таҳаввули эҷодӣ ва ҳусну қубҳи

осори марбут ба иншоотҳои азими аср ва бозтоби бунёди он мавриди таҳқиқи ҷалоҳида қарор нагирифтааст.

Албатта, доманаи баррасии мавзуъи мавриди назар густурда аст ва таҳқиқот низ маҳз дар ҳамин замина анҷом дода шудааст. Бо дарназардошти хусусият ва ҳадафҳои асосии мавзуи пажуҳиш, дар кори диссертатсионӣ кӯшиш карда шуд, ки ҳаёт ва фаъолият, мавзуъ ва мундариҷаи осори публитсистӣ-бадеӣ, инъикос ва тасвири сохтмонҳои азим дар ин осор, зикри аносири ҳунарӣ ва жанрӣ, матолиби дар матбуоти даврӣ дарҷгардида мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Ҳамчунин, дар заминаи натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он баъзе тавсияҳо пешниҳод мешаванд:

1. Диссертатсияи мазкур метавонад барои унвонҷӯён ва муҳаққиқони соҳаҳои публитсистика, рӯзноманигорӣ ва адабиёт ҳамчун манбаи омузиши назария ва амалияи таҷрибаи илмӣ хидмат намояд. Он дар шинохт ва арзёбии вижагиҳои публитсистикаи яке аз публитсистони ҳирфаӣ ва адибони иҷтимоъгаро метавонад нақши муассир дошта бошад.

2. Дар таҳқиқи алоҳидаи диссертатсионӣ мавриди пажуҳиш қарор додани паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо, аз ҷумла фаъолияти публитсистӣ, мавқеи сохтмонҳои азими аср дар публитсистикаи замони истиқлол (дар қиёс бо осори публитсистии дигар адибон) арзишнок мебошад.

3. Маҳорати нигориш ва лабаротирияи эҷодии Ш. Мӯсо дар шинохт ва таҳлили паҳлуҳои гуногуни публитсистикаи муосири тоҷик аҳаммиятнок буда, зарурати тадқиқу баррасии ҷанбаҳои эҷодии ӯ дар доираи омузиши равандлҳои рушди публитситикаи тоҷик зарур азрёбӣ мегардад.

4. Бо мақсади муайян намудани ҷараён ва хусуиятҳои ташаккул ва таҳаввули публитситикаи замони муосир, бахусус дар мавриди осори публитситие, ки ба мавзуи бунёди роҳҳо, кандани нақбҳо ва сохтмони

иншоотҳои азими аср бахшида шудаанд, зарурати анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш меояд.

5. Дар шакли алоҳида мавриди таҳқиқ қарор додани фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсо, бахусус ҷойгоҳи ҳаҷв дар публитсистикаи ӯ бо ҳадафи муайян ва мушаххас намудани авомили гуногун дар ин самт саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

6. Маводди дар диссертатсия овардашуда барои омузиш ва таълими публитсистикаву рӯзноманигории тоҷик, назарияву амалияи журналистика, нақди рӯзноманигорӣ ва публитсистиву адабӣ, хусусиятҳои услуби баёни асарҳои дар матбуоти даврӣ нашргардида, фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсо ва амсоли ин пешбинӣ шуда, дар ин самт заминаи амалии хуб фароҳам овардааст.

Дар маҷмуъ, ҳадафу мақсадҳои амалишуда қобили мулоҳиза ва диссертатсияи мазкур оғози таҳқиқоти алоҳида дар ин самт мебошад ва ҳар он чизе ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аз масоили нисбатан муҳимми соҳа ва баёнгари дурнамои мавзуи баррасишуда маҳсуб меёбад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Сарчашмаҳо:


1. Мусоев, Ш. Ансамбль «Фируз» [Текст] / Ш. Мусоев // Вечерний Душанбе. – 1975. – 18 апреля.
2. Мусоев, Ш. Добрый старт завершающего [Текст] / Ш. Мусоев // Вечерний Душанбе. – 1975. – 11 января.
3. Мусоев, Ш. Их воспитал Рогун [Текст] / Ш. Мусоев // Комсомолец Таджикистана. – 1983. – 5 января.
4. Мусоев, Ш. Линия жизни [Текст]: очерки / Ш. Мусоев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 96 с.
5. Мусоев, Ш. Опыт лучше всех [Текст] / Ш. Мусоев // Вечерний Душанбе. – 1974. – 21 ноября.
6. Мусоев, Ш. Помощь друзей [Текст] / Ш. Мусоев // Вечерний Душанбе. – 1974. – 5 сентября.
7. Мусоев, Ш. Пятидневку в четыре дня [Текст] / Ш. Мусоев // Вечерний Душанбе. – 1974. – 12 сентября.
8. Мусоев, Ш. Рабочие ступени [Текст]: очерки / Ш. Мусоев. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 208 с.
9. Мусоев, Ш. Трудовой потенциал бригады [Текст] / Ш. Мусоев. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 68 с.
10. Мусоев, Ш. Цель эксперимента – качества [Текст] / Ш. Мусоев // Вечерний Душанбе. – 1974. – 13 декабря.
11. Мусоев, Ш. Четверть века родному заводу [Текст] / Ш. Мусоев // Вечерний Душанбе. – 1974. – 14 декабря.
12. Мӯсо, Ш. Бахшиши тоҷикӣ [Матн]: ҳаҷвиёт / Ш. Мӯсо. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 364 с.

13. Мӯсо, Ш. Бурду бохти ҳаҷв [Матн] / Ш. Мӯсо // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 5 октябр.
14. Мӯсо, Ш. Вақти гули себ [Матн] / Ш. Мӯсо. – Душанбе: ЭР-Граф, 2022. – 264 с.
15. Мӯсо, Ш. Достони Роғун [Матн] / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2015. – 360 с.
16. Мӯсо, Ш. Достони Роғун [Матн]: мухтасари қисса / Ш. Мӯсо // Садои Шарқ. – 2015. – №9. – С. 47-81.
17. Мӯсо, Ш. Дурбин [Матн]: ҳикояҳо, ҳаҷвиёт, латифаҳо, хомпазҳо / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 1998. – 192 с.
18. Мӯсо, Ш. Қадр ва ҷазо [Матн]: очеркҳо / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 288 с.
19. Мӯсо, Ш. Қиссаи баҳорӣ [Матн]: маҷмуаи қисса ва ҳикояҳо / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 232 с.
20. Мӯсо, Ш. Қомати сабзи имон [Матн]: қиссаву ҳикояҳо / Ш. Мӯсо. – Душанбе: ТҶБ “Истиқбол”, 2011. – 364 с.
21. Мӯсо, Ш. Мардистон [Матн] / Ш. Мӯсо. – Душанбе: ЭР-Граф, 2021. – 368 с.
22. Мӯсо, Ш. Назаре ба ҳаҷви имрӯз [Матн] / Ш. Мӯсо // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 5 октябр.
23. Мӯсо, Ш. Нек ва бад [Матн]: очерк ва публитсистика / Ш. Мӯсо, Р. Ҳодиев. – Душанбе: Адиб, 1995. – 272 с.
24. Мӯсо, Ш. Нишони ифтихор [Матн] / Ш. Мӯсо // Адабиёт ва санъат. – 2007. – 12 июл.
25. Мӯсо, Ш. Номаи меҳр [Матн] / Ш. Мӯсо // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 22 июн.
26. Мӯсо, Ш. Осоиш [Матн]: қиссаҳо / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2003. – 152 с.

27. Мӯсо, Ш. Ошёни уқобон [Матн] / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 148 с.
28. Мӯсо, Ш. Президенти мо [Матн]: мақолаҳои публитсистӣ ва очеркҳо / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 224 с.
29. Мӯсо, Ш. Роҳи биҳишт [Матн] // Чеҳраи модар / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 361-372.
30. Мӯсо, Ш. Роҳи Роғун дигар аст [Матн] // Достони Роғун / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2015. – С. 107-144.
31. Мӯсо, Ш. Рӯзи нур [Матн] // Вақти гули себ / Ш. Мӯсо. – Душанбе: ЭР-Граф, 2022. – С. 104-112.
32. Мӯсо, Ш. Рӯзи нур [Матн] / Ш. Мӯсо // Тоҷикистон. – 2023. – №11-12. – С. 17-21.
33. Мӯсо, Ш. Ситам [Матн]: қисса / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 295 с.
34. Мӯсо, Ш. Суг [Матн]: қиссаҳо / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2000. – 192 с.
35. Мӯсо, Ш. Ҳаҷвияҳои тоза [Матн] / Ш. Мусо // Паёми Душанбе. – 1992. – 21 феврал.
36. Мӯсо, Ш. Чеҳраи модар [Матн]: маҷмуаи қиссаҳо, ҳикояҳо, очерку публитсистика ва тақризҳо / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2012. – 408 с.
37. Мӯсо, Ш. Ҷасорат [Матн]: қисса, ҳикояҳо, очеркҳо / Ш. Мӯсо. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 276 с.
38. Мӯсо, Ш. Ҷонам фидои Роғун [Матн] / Ш. Мӯсо. – Душанбе: Адиб, 2023. – 112 с.
39. Мӯсо, Ш. Ҷонпайванд [Матн] / Ш. Мӯсо // Боҷу хироҷ. – 2007. – 25 июл.
40. Мӯсо, Ш. Як қисса бо се забон [Матн] / Ш. Мӯсо. – Душанбе: ЭР- Граф, 2019. – 320 с.
41. Мӯсоев, Ш. Асоси ғалабаҳои меҳнатӣ [Матн] / Ш. Мӯсоев. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 40 с.

42. Мӯсоев, Ш. Ба мухбирони фаъол [Матн] / Ш. Мӯсоев // Коммуна. – 1974. – 15 июн.
43. Мӯсоев, Ш. Ба ҳисоби моҳи март [Матн] / Ш. Мӯсоев // Коммуна. – 1974. – 21 феврал.
44. Мӯсоев, Ш. Барги саломи сабз [Матн] / Ш. Мӯсоев // Садои мардум. – 2006. – 13 май.
45. Мӯсоев, Ш. Боғи падар [Матн]: маҷмуаи очеркҳо / Ш. Мӯсоев. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 144 с.
46. Мӯсоев, Ш. Вахшро хоб мебинам [Матн] / Ш. Мӯсоев // Тоҷикистони советӣ. – 1984. – 6 ноябр.
47. Мӯсоев, Ш. Деҳ обод мегардад [Матн] / Ш. Мӯсоев // Коммуна. – 1973. – 4 июл.
48. Мӯсоев, Ш. Духтари корхона [Матн] / Ш. Мӯсоев // Тоҷикистони советӣ. – 1986. – 26 август.
49. Мӯсоев, Ш. Кӯҳнавард [Матн] / Ш. Мӯсоев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1984. – 23 сентябр.
50. Мӯсоев, Ш. Меҳри фарзанд [Матн] / Ш. Мӯсоев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1986. – 6 июн.
51. Мӯсоев, Ш. Нигине дар кӯҳистон [Матн] / Ш. Мӯсоев // Боҷу хироҷ. – 2010. – 8 апрел.
52. Мӯсоев, Ш. Ошёни уқобон [Матн] / Ш. Мӯсоев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1983. – 7 октябр.
53. Мӯсоев, Ш. Риштаи нур [Матн] / Ш. Мӯсоев // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 13 апрел.
54. Мӯсоев, Ш. Роҳи биҳишт [Матн] / Ш. Мӯсоев // Адабиёт ва санъат. – 2005. – 21 июл.
55. Мӯсоев, Ш. Рӯзи қабули нақб [Матн] / Ш. Мӯсоев // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 5 июн.

56. Мӯсоев, Ш. Саду шаш барг [Матн] / Ш. Мӯсоев // Садои мардум. – 2006. – 5 декабр.
57. Мӯсоев, Ш. Санги маҳаки номус [Матн] / Ш. Мӯсоев // Адабиёт ва санъат. – 2010. – 28 январ, 4 феврал.
58. Мӯсоев, Ш. Саодати рӯ ба гардун [Матн] / Ш. Мӯсоев // Ҷумҳурият. – 2014. – 27 август.
59. Мӯсоев, Ш. Сирру сеҳри сухан [Матн] / Ш. Мӯсоев // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 14 декабр.
60. Мӯсоев, Ш. Ситораи Роғун [Матн] / Ш. Мӯсоев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1983. – 17 август.
61. Мӯсоев, Ш. Тулуи нав [Матн] / Ш. Мӯсоев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1986. – 29 август.
62. Мӯсоев, Ш. Турнаи заррин [Матн] / Ш. Мӯсоев // Ҷумҳурият. – 2014. – 6 май.
63. Мӯсоев, Ш. Файзи бозсозӣ [Матн] / Ш. Мӯсоев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1986. – 26 декабр.
64. Мӯсоев, Ш. Хушбин ва некманиш [Матн] / Ш. Мӯсоев // Ватанпарвар. – 2011. – 19 январ.
65. Мӯсоев, Ш. Ҳар як дақиқа ғанимат [Матн] / Ш. Мӯсоев // Коммуна. – 1973. – 24 ноябр.
66. Мӯсоев, Ш. Ҳаҷвиёти тоза [Матн] / Ш. Мӯсоев // Оинаи зиндагӣ. – 1992. – 20 феврал.
67. Мӯсоев, Ш. 80 тоннаи иловагӣ [Матн] / Ш. Мӯсоев // Коммуна. – 1973. – 19 ноябр.
68. Мӯсоев, Ш. Ҳиссаи Сафар-бобо [Матн] / Ш. Мӯсоев // Коммуна. – 1973. – 25 сентябр.
69. Мӯсоев, Ш. Ҳусни зиндагӣ [Матн] / Ш. Мӯсоев // Комсомоли Тоҷикистон. – 1985. – 1 январ.

70. Мӯсоев, Ш. Ҷушу хуруши корҳои саҳроӣ [Матн] / Ш. Мӯсоев // Коммуна. – 1974. – 8 июн.
71. Мӯсозода, Ш. Гулвожаҳои зимистонӣ [Матн] / Ш. Мӯсозода // Адабиёт ва санъат. – 2008. – 17 январ.
72. Мӯсозода, Ш. Тулуъ дар ғуруб [Матн]: маҷмуаи қиссаҳо ва ҳикояҳо / Ш. Мӯсозода. – Душанбе: Адиб, 2008. – 320 с.

## II. Адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ:

73. Абдуллоев, М. Идеи национального самосознания в таджикской публицистике эпохи просветительства [Текст] / М. Абдуллоев. – Душанбе, 2010. – 112 с.
74. Азимов, А. Публитсистика ва воқеият [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи Озод, 2020. – 143 с.
75. Бозтоби бунёди иншоотҳои азим ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар публитсистикаи муосир [Матн] / мураттиб И. Юсуфӣ; муҳаррир М. Муродӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2024. – 480 с.
76. Бухороӣ, М. Ш. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ [Матн] / М. Ш. Бухороӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2006. – 192 с.
77. Васильева, А. Газетно-публицистический стиль речи [Текст] / А. Васильева. – М.: Русскый язык, 1982. – 193 с.
78. Ворошилов, В. Журналистика. Базовый курс. Учебник. 5-ое издание [Текст] / В. Ворошилов . – СПб.: Изд. Михайлова В.А., 2006. – 640 с.
79. Гулов, С. Махсусияти очерки муосири тоҷик [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: Дониш, 2012. – 116 с.
80. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
81. Зоконӣ, У. Ҳикоёти латиф [Матн] / У. Зоконӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 160 с.

82. Кучарова, Н. Инъикоси бунёди нақбҳо ва тармими роҳҳои мошингард [Матн] / Н. Кучарова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – 2023. – 4-2 (33). – С. 73-79.
83. Кучарова, Н. Эмомалӣ Раҳмон – таконбахши бунёди Неругоҳи барқи обии Роғун / Н. Кучарова [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2023. – №10. – С. 267-271.
84. Қутбиддинов, А.Ҳ. Хосияти публитсистика [Матн] / А.Ҳ. Қутбиддинов, Ҷ.М. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
85. Ломидзе, Г. Пафос исследования [Текст] / Г. Ломидзе // Литературная Россия. – 1973. – №9. – С. 3-14.
86. Маниёзов, А. Публитсистика ва назми устод Айнӣ [Матн] / А. Маниёзов. – Душанбе: НДТ, 1958. – 152 с.
87. Мароғаӣ, З. Саёҳатномаи Иброҳимбек ва балои таассуби ӯ [Матн] / З. Мароғаӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 340 с.
88. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари адабиётшиносӣ [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 244 с.
89. Муродӣ, М. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ [Матн]: китоби дарсӣ / М. Муродӣ, О. Салимзода. – Нашри дуюми таҷдидёфта. – Душанбе: Донишварон, 2022. – 360 с.
90. Муродӣ, М. Воқеияти замон ва публитсистикаи тоҷик [Матн] / М. Б. Муродӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2022. – 304 с.
91. Муродӣ, М. Нигоҳе ба публитсистикаи тоҷик дар садаи XX [Матн] / М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2025. – 264 с.
92. Муродӣ, М. Публитсистикаи тоҷик [Матн] / М. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2021. – 576 с.
93. Муродӣ, М. Таҳлили хулосавии асарҳои публитсистӣ доир ба кандани нақб ва таҷдиди шоҳроҳҳо [Матн] / М. Муродӣ // Паёмномаи фарҳанг. – 2022. – №4 (60). – С. 82-100.

94. Муродов, М. Публитсистикаи ҳаҷвӣ: масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с.
95. Муртазо, Б. Нақби Истиқлол [Матн] / Б. Муртазо. – Душанбе: Нашри Файз, 2020. – 400 с.
96. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
97. Набиев, А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон [Матн] / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.
98. Носиров, О. С. Вижагиҳои мавзуиву жанрии публитсистикаи Баҳриддин Азизӣ [Матн] / О. С. Носиров. Диссер. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.ф. – Хуҷанд. – 2023. – 190 с.
99. Нуралиев, А. Жанрҳои ахбории матбуот (Воситаи таълимӣ) [Матн] / А. Нуралиев. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 146 с.
100. Охунзода, Н. Тасвири нақши таърихии Пешвои миллат дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо [Матн] / Н. Охунзода // Паёмномаи фарҳанг. – 2022. – №1 (57). – С. 98-107.
101. Пайвандгари марзҳо ва дилҳо [Матн] / мураттиб ва муаллиф А. Раҳим. – Душанбе: Русская литература, 2011. – 272 с.
102. Прохоров, Е. П. Искусство публицистики [Текст] / Е. П. Прохоров. – М., 1984. – 357 с.
103. Прохоров, Е. П. Публицист и действительность [Текст] / Е. П. Прохоров. – М., 1973. – 317 с.
104. Раҳимӣ, Д. Меъёрҳои таснифи жанрҳои паремиологии фолклори тоҷик [Матн] / Д. Раҳимӣ // Паёмномаи фарҳанг. – 2020. – №4 (52). – С. 54-66.
105. Салихов, Н. “Нақби Истиқлол” ва проблемаҳои замони муосир [Матн] / Н. Салихов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология. – 2009. – №8. – С. 287-290.
106. Сатторзода, А. Аз Рӯдакӣ то Лоиқ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2013. – 176 с.

107. Саъдуллоев, А. Рангҳои зиндагӣ [Матн]: маҷмуаи мақолот ва эссеҳо / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2007. – 344 с.
108. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
109. Саъдуллоев, А. Ҳамосаи инсони кор [Матн] / А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода. – Душанбе, 1995. – 64 с.
110. Солеҳов, Н. Муаммои назарияи публитсистика [Матн]: маводди дарсӣ / Н. Солеҳов, А. Саъдуллоев. – Душанбе: Дақиқӣ, 2015. – 184 с.
111. Табаров, С. Асосҳои назариявии нақди адабӣ, Қ.3. (Дастури таълимӣ доир ба назарияи нақди адабӣ барои донишҷӯёни факултетҳои филология) [Матн] / С. Табаров. – Душанбе, 1999. – 243 с.
112. Тертичный, А. А. Жанры периодической печати [Текст]: учебное пособие для студентов вузов / А.А. Тертичный. – 3-е изд., испр, и доп. – М.: Аспект Пресс, 2006. – 320 с.
113. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
114. Усмонов, И. Назарияи публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 100 с.
115. Ученова, В. Публицистика и политика [Текст] / В. Ученова. – М.: Политиздать, 1973. – 231 с.
116. Фирӯз, Б. Саҳнаи гардон [Матн]: маҷмуаи мақола ва очеркҳо / Б. Фирӯз. – Душанбе: Адиб, 1993. – 352 с.
117. Черапахов, М. С. Проблемы теории публицистики [Текст] / М. С. Черепахов. – М.: Мысль, 1973. – 272 с.
118. Ҷумъаев, М. “Нақби Истиқлол”-и Бахтиёр Муртазо дастоварди муҳим дар адабиёт ва публитсистика [Матн] / М. Ҷумъаев. – Паёмномаи фарҳанг. – 2021. – №4 (56). – С. 104-118.
119. Шарипов, С. Бозтоби таҳаввури Эмомалӣ Раҳмон дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо [Матн] / С. Шарипов // Публитсистика ва баъзе

масъалаҳои он: маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2023. – С. 66-76.

120. Шарипов, С. Инъикос ва арзёбии раванди корҳои созандагӣ ва қаҳрамонҳои арсаи меҳнат дар «Достони Роғун»-и Шералӣ Мӯсо [Матн] / С. Шарипов // Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазият, мушкилот ва пешомад”: маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2022. – С. 242-249.
121. Шералӣ Мӯсо дар пажуҳишҳои илмию оммавӣ [Матн] / мураттиб И. Юсуфӣ; муҳаррир М. Муродӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2023. – 480 с.
122. Шукуров, М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ. Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.

**III. Адабиёти илмӣ-оммавӣ:**

123. Бадалов, А. Мафия дар адабиёт ё Қонун барои асардуздӣ чӣ ҷазо муқаррар намудааст? [Матн] / А. Бадалов // ИмрӯзNews. – 2015. – 10-16 июн.
124. Гулов, А. Шинохти имон [Матн] / А. Гулов // Боҷу хироҷ. – 2011. – 18 май.
125. Давронов, А. Қалами изтироб ва андеша [Матн] / А. Давронов // Боҷу хироҷ. – 2012. – 14 март.
126. Ёрмуҳаммад, Р. Гардишҳои зиндагӣ [Матн] / Р. Ёрмуҳаммад // Боҷу хироҷ. – 2014. – 9 октябр.
127. Ёрмуҳаммад, Р. «Дурбин»-и Шералӣ Мӯсо [Матн] / Р. Ёрмуҳаммад // Озодагон. – 2011. – 27 апрел.
128. Ибодзода, И. Оҳанги зиндагӣ [Матн] / И. Ибодзода // Боҷу хироҷ. – 2016. – 5 июл.
129. Маликзод, А. Неше, ки нӯш медиҳад [Матн] / А. Маликзод // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 30 март.

130. Мирзо, К. Зиндагии баҳорона [Матн] / К. Мирзо // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 8 апрел.
131. Муродӣ, А. Сухан аз обшори нур [Матн] / А. Муродӣ // Адабиёт ва санъат. – 2011. – 19 май.
132. Муродӣ, М. Илҳом аз бунёдкориҳо [Матн] / М. Муродӣ // Адабиёт ва санъат. – 2014. – 6 ноябр.
133. Муродӣ, М. «Мардистон»-и мардсито [Матн] / М. Муродӣ // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 2 сентябр.
134. Муродӣ, М. Солномаи пирӯзиҳо [Матн] / М. Муродӣ // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 28 июл.
135. Муродӣ, М. Хандонидан ҳунар мехоҳад [Матн] / М. Муродӣ // Адабиёт ва санъат. – 2022. – 1 сентябр.
136. Муртазо, Б. Ахтарони тобноки нур [Матн] / Б. Муртазо // Чархи гардун. – 2011. – 25 май.
137. Назариён, Э. Асои Худо садо надорад [Матн] / Э. Назариён // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2006. – 17 март.
138. Нарзиқул, М. Эътимод ба неру ва нафси инсон [Матн] / М. Нарзиқул // Адабиёт ва санъат. – 2020. – 12 март.
139. Неккадам, Т. Ба «Ҷасорат»-и Шералӣ Мӯсо қоилем! [Матн] / Т. Неккадам // Садои мардум. – 2016. – 9 август.
140. Ниёзӣ, С. Ҷасорати эҷодӣ [Матн] / С. Ниёзӣ // Бочу хироҷ. – 2016. – 5 июл.
141. Раҳим, А. «Президенти мо» [Матн] / А. Раҳим // Ҷумҳурият. – 2015. – 22 апрел.
142. Раҳим, А. «Ҷасорат» [Матн] / А. Раҳим // Бочу хироҷ. – 2016. – 5 июл.
143. Раҳмон, Ш. Фидокорон [Матн] / Ш. Раҳмон // Садои Шарқ. – 2020. – С. 146-153.
144. Раҳмонов, Ш. Нависандаи ҳақиқатнигор [Матн] / Ш. Раҳмонов // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 18 март.

145. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, 19 марти соли 2011 [Матн] / Э. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2011. – 27 март.
146. Розиқ, Ҳ. Адиби роҳсози фахрӣ [Матн] / Ҳ. Розиқ // Нақлиёт. – 2014. – 12 сентябр.
147. Розиқ, Ҳ. Заҳматкаши ҷодаи сухан [Матн] / Ҳ. Розиқ // Шаҳриёр. – 2021. – 3 ноябр.
148. Рустамзода, М. Ҳидоят ба зиндагии уқобона [Матн] / М. Рустамзода // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2011. – 21 апрел.
149. Сайдалиев, Р. «Ошёни уқобон» – беҳтарин туҳфа барои сохтмончиён [Матн] / Р. Сайдалиев // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2011. – 26 май.
150. Сайфуллоев, А. Ҳунари қиссапардозии Шералӣ Мӯсо [Матн] / А. Сайфуллоев, М. Сайфуллоева // Боҷу хироҷ. – 2015. – 16-23 июл.
151. Салим, М. Нависандагӣ дард аст [Матн] / М. Салим // Адабиёт ва санъат. – 2004. – 26 март.
152. Самад, А. Равшандил [Матн] / А. Самад // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 18 март.
153. Саъдуллоев, А. Инсон бо талош зинда аст [Матн] / А. Саъдуллоев // Адабиёт ва санъат. – 2011. – 9 июн.
154. Саъдуллоев, А. Ҷабҳаи ҳикмати созанда [Матн] / А. Саъдуллоев // Садои Шарқ. – 2010. – №7. – С. 146-153.
155. Солеҳ, Ш. Адиби ҷуянда [Матн] / Ш. Солеҳ // Адабиёт ва санъат. – 2011. – 17-25 март.
156. Ҳабиб, П. Сузҳои рӯз [Матн] / П. Ҳабиб // Адабиёт ва санъат. – 2004. – 30 июл.
157. Ҳабиб, П. Туғёни ишқ ва нанг [Матн] / П. Ҳабиб // Адабиёт ва санъат. – 2020. – 2 июл.
158. Ҳабиб, П. Шералӣ Мӯсо: Адабиёт рамзи истиқлол аст [Матн] / П. Ҳабиб // Адабиёт ва санъат. – 2023. – 7 сентябр.

159. Ҳаким, Б. Таърихи миллат сиёҳнавис надорад [Матн] / Б. Ҳаким // Садои Шарқ. – 2021. – №3. – С. 70-85.
160. Шарипов, С. Аз «Зинаҳои рӯзгор» то «Нақби Истиқлол» [Матн] / С. Шарипов // Садои Шарқ. – 2020. – №5. – С. 62-73.
161. Ширин, У. Занам маро эрка кардааст [Матн] / У. Ширин. – Оила. – 2006. – 23 март.

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:


[1-М]. Юсуфов, И. Ситоиши Ваҳдат дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2021. – №3 (55). – С. 101-109.

[2-М]. Юсуфов, И. Ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2022. – №2 (58). – С. 108-117.

[3-М]. Юсуфов, И. Шинохти илмии публитсистика аз ҷониби муҳаққиқон [Матн] / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2023. – №1 (61). – С. 109-118.

[4-М]. Юсуфов, И. Отражение публицистики в научных исследованиях [Матн] / И. Юсуфов // Паёми Китобхонаи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №2 (2). – С. 83-90.

[5-М]. Юсуфов, И. «Ман»-и муаллиф дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2023. – №3 (63). – С. 108-118.

[6-М]. Юсуфов, И. Баъзе вижагиҳои нақлу тасвир дар «Достони Роғун»-и Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №8. – С. 267-277.

[7-М]. Юсуфов, И. Назаре ба рӯзгор ва осори эҷодии Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2024. – №4 (68). – С. 112-117.

[8-М]. Муродӣ, М., Юсуфов, И. Доир ба ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии Шералӣ Мӯсо [Матн] / М. Муродӣ, И. Юсуфов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2025. – №3 (71). – С. 86-98.

[9-М]. Муродӣ, М., Юсуфов, И. Рӯзгор ва осори Шералӣ Мӯсо дар контексти пажуҳишҳои илмию оммавӣ: баррасии хулосавӣ [Матн] / М. Муродӣ, И. Юсуфов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №5. – С. 295-303.

## II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[10-М]. Юсуфов, И. Иншоотҳои азими аср дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Бозтоби бунёди иншоотҳои азим ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар публитсистикаи муосир. Мураттиб И. Юсуфӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2024. – С. 321-411.

[11-М]. Юсуфов, И. Корбурди унсурҳои муассири сухан дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо [Матн] / И. Юсуфов // Маводди III конференсияи ҷумҳуриявии илмиву назариявии Шурои олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ бахшида ба «Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон» – 23 май ва «Бистсолаи омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» – солҳои 2020-2040 / Бахши илмҳои гуманитарӣ. (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 18-19 майи соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 166-174.

[12-М]. Юсуфов, И. Инъикоси масъалаи бунёди роҳу нақбҳо дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо: дар мисоли асари «Мардистон» [Матн] / И. Юсуфов // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди фарҳангу тамаддунҳо» / Бахши 2. Публитсистика ва замони муосир. (Бохтар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба наоми

Носири Хусрав, 11-12 апрели соли 2025). – Бохтар, 2025. – С. 327-336.

[13-М]. Юсуфов, И. Бозтоби корзори инсони бунёдкор дар «Достони Роғун» [Матн] / И. Юсуфов // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистикаи тоҷик дар замони муосир». (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 1 майи соли 2025). – Душанбе, 2025. – С. 370-385.